# АЛЕКСАНДР ГРИН

# БОДБОНҲОИ ГУЛГУН



ББК 84 Р 7-4
Р2

Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактаб

**Александр Грин**

# АЛЫЕ ПАРУСА

(на тадж языке)

**Мутарҷим БАҲРОМ ФИРӮЗ**
Муҳаррир Ҳ. Неъматов
Рассом Ю. Волнянский
Муҳаррири расмҳо В. Будный
Муҳаррири техникӣ Н. Письменская
Мусаҳҳеҳ Б. Шарипова

ИБ № 759

Ба матбаа 3.01.86 супурда шуд. Ба чопаш 28.05.86 имзо шуд. Формати 84X108 1/32. Коғази типографии № 2. Ҳуруфи адабӣ. Чопи барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 3,78. Ҷузъи рангаи шартӣ 4,41. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,175. Адади нашр 14 000 нусха. Супориши № 179. Нархаш 15 тин.

Нашриёти "Маориф"-и Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734063. Душанбе, кучаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нащриёт, полиграфия ва савдои китоб, 734025. Душанбе, хиёбони Ленин, 37

**Грин, Александр**

Г67 Бодбонҳои гулгун. Қиссаи мӯъҷизавӣ. (Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ). Душанбе: Маориф, 1986. 72 саҳ.

Дар ин повесть нависанда образҳои шавқангези Зебой, Ишқ ва Нафратро моҳирона офарида, паҳлуҳои наҷиби рӯҳи инсонро ошкор мёсозад.

**Грин, Александр** ББК 84 Р 7—4
**АЛЫЁ ПАРУСА**

Г 4803010102 - 736
М 501(13) — 86 151 86

© Нашриёти "Маориф", 1986

АЛЕКСАНДР ГРИН

# БОДБОНҲОИ ГУЛГУН

*(Қиссаи мӯъҷизавӣ)*

НАШРИЁТИ «МАОРИФ»
ДУШАНБЕ
1986

**АЛЕКСАНДР ГРИН**

# БОДБОНҲОИ ГУЛГУН

*Ба Нина Николаевна Грин*
*тақдим ва эҳдо мешавад*
***Муаллиф*.**
ПБГ, 23 ноябри соли 1922

## I
## ПЕШГӮӢ

Маллоҳи киштии сесадтоннагии “Орио на” – Лонгрен дар ин киштии бадошти бодбонӣ даҳ сол хизмат карда, ба он чунон хӯ гирифта буд, ки баъзе писарон ба модарони худ ин қадар дилбастагӣ надоштанд. Охируламр, ҳоло мебоист, ки ӯ ин хизматро тарк созад.

Ин воқеа ба тариқи зайл рух дод. Ин бор ҳангоми бозгашташ ба хона, ки хеле дер-дер воқеъ мегашт, вай аз дур дар остонаи манзилаш дастафшонӣ ва сипас то нафасгир шуданаш ба пешвоз тохтани занаш Мериро надид. Ба ҷои вай Лонгрен дар хонаи хурди худ чизи нав – гаҳвораро дид, ки бари он ҳамсоязан дар ҳаяҷон буд.

– Ман се моҳ боз ӯро нигоҳубин мекунам, пиракӣ, – гуфт вай, – ба духтарат нигар.

Лонгрен беҳуш хам гашту тифлаки ҳаштмоҳаро дид, ки бо диққат ба риши дарози вай менигарист,

баъд нишасту сар ба поён афканд ва мӯйлабашро тофтан гирифт, мӯйлабаш гӯё дар борон монда бошад, тар буд.

– Мери кай даргузашт? – пурсид ӯ.

Зан саргузашти ғамангези ӯро ҳикоя кард. Дар рафти ҳикоят гоҳе ба кӯдак аз сари меҳр садо медод ва гоҳи дигар боварӣ изҳор мекард, ки Мери дар биҳишт аст. Чун ҳақиқати ҳолро бидонист, ба Лонгрен чунин намуд, ки биҳишт дар нисбати ҳезумхона қадре равшантар аст ва аз дилаш гузашт: агар ҳоло ҳар се дар як ҷо ба ҳам мебуданд, равшании чароғи оддӣ ҳам барои зане, ки ба дунёи номаълум реҳлат кардааст, шодмонии беназире буд. Се моҳ қабл аз ин вазъи рӯзгори модари ҷавон бағоят танг буд. Нисфи пуле, ки Лонгрен монда буд, пас аз ҳамли вазнин барои табобат ва эҳтиёҷи сиҳатии тифли навзод харҷ шуд; оқибат ин харҷи на чандон зиёд, вале барои ҳаёт зарурӣ, Мериро маҷбур кард, ки аз Меннерс қарз пурсад. Меннерс соҳиби ошхонаву дӯкон буд ва шахси дорову тавонгар ба шумор мерафт.

Мери соати шаши бегоҳӣ ба назди ӯ рафт. Қариби соати ҳафт зане, ки ин ҳодисаро қисса кард, ӯро дар роҳи Лисси дучор омадаст. Мери бо чашмони ашколуда ва авзои парешон гуфтаст, ки ба шаҳр меравад, то ки ангуштарини никоҳиашро ба гарав монад. Ӯ боз гуфтаст, ки Меннерс ба шарте пул додан хостаст, ки бо вай муҳаббат варзад. Мери ноилоҷ баргаштаст.

– Дар хонаи мо заррае хӯрданӣ нест, – гуфтаст

вай ба ҳамсоязан. – Ман ба шаҳр меравам, ҳамроҳи духтарам то бозгаштани шавҳарам илоҷе мекунем.

Он бегоҳ ҳаво сар буду шамолӣ; ҳамсоязан зӯр задаст, то ҷавонзан шабона ба Лисс наравад, аммо гап асар накардаст. “Тар мешавӣ, Мери, шамоли сахт аст, аҷаб не борон шиддат гирад”.

Агар чобук қадам занед, рафтуомад, аз деҳаи соҳилӣ то шаҳр на камтар аз се соат роҳ аст, аммо Мери маслиҳати гӯяндаро қабул надоштаст. “Бас аст, расо ба шумоён дарди сар шудам, – гуфтаст вай, – қариб ҳеҷ хонаводае нест, ки ман нон, чой ё орд қарз нагирифта бошам. Ангуштаринро ба гарав мегузораму бас”. Вай рафт, сипас баргашт, вале рӯзи дигар табаш баланд шуда, ҳазён мегуфт. Бино ба қавли табиби шаҳрӣ, ки ин гӯяндаи дилсӯз даъват кардаст, ҳавои нохуш ва резабороии бегоҳӣ ӯро ба зотурриаяи дутарафа гирифтор кардаст. Ҳафтае баъд кати хоби дукасаи Лонгрен холӣ монд ва ҳамсоязан барои нигоҳубини кӯдак ба хона кӯчида омад. Барои бевазани танҳо ин кори мушкил набуд. “Зотан, – мегуфт ӯ ба илова, – агар ин кӯдаки беақлак набошад, кас дилтанг мешавад”.

Лонгрен ба шаҳр рафт, аз хизмат озод шуд ва бо рафиқонаш падруд кард ва ба тарбияи Ассоли хурд машғул гашт. То устувор ба роҳ даромадани духтарак бевазан дар хонаи маллоҳ зиндагӣ мекарду ба ятимак дар ҷои модар буд. Ҳамин ки Ассол берун аз остон қадам ниҳод, Лонгрен ба бевазан барои феълан дисӯзӣ карданаш миннтдорӣ намуд ва гуфт, ки барои духтараш минбаъд ҳама корро

қатъиян худаш иҷро хоҳад кард ва тамоми муҳаббат, хотира, умеду омоли худро ба ин мавҷуди кӯчак пайвасту муҷаррад зиндагӣ оғоз кард.

Аз ранҷи оворагардии даҳсола дар кафи ӯ пули ночизе монда буд. Ӯ ба кор шурӯъ кард. Муддате нарафта дар дӯконҳои шаҳр бозичаҳои сохтагии ӯ пайдо шуданд: тарҳи хурди хеле ҳунармандона сохтагии завраққо, новчаҳо, киштичаҳои бодбонии якарша ва дуарша, киштиҳои ҷангӣ ва бухорӣ – хулоса, он чӣ вай хуб медонист ва қисман ин шуғл ба ӯ валвалаи ҳаёти бандарҳо ва заҳмати диловезу хаёлангези дарёгардиро иваз мекард. Лонгрен бо ин усул андаке коркард дошт, ки ба зиндагии басарфа мерасид. Зотан бо одамон камалоқа буд, вале баъди вафоти занаш ӯ боз бештар камсухан ва мардумгурез шуд. Дар рӯзҳои ид ӯро аҳён-аҳён дар ошхона медиданд, аммо вай ҳаргиз бафурҷа наменишаст, назди пештахта рост истода ба таъҷил як истакон арақро мехӯрду ба пурсуҷӯи ҳамсояҳои атрофаш мухтасар “ҳа”, “не”, “салом”, “хуш бош”, “шукр” гӯён мегузашт. Тоби меҳмон надошт, базӯрӣ не, вале бо тамкин, бо ишора ва баҳонаҳои бофта шахси ба хонааш омадаро водор мекард, то фикр карда сабабе пеш оварду бархезад.

Худи ӯ низ ба хонаи касе намерафт; ба ҳамин тариқ байни ӯ ва ҳамдиёронаш бегонагии сардакак ба миён афтода буд ва агар бозичасозии Лонгрен андаке ба кору бори аҳли деҳа вобаста мебуд, бешак оқибати нохуши ин гуна муомаларо ӯ батааддӣ эҳсос мекард. Ашьё ва хӯрданиро вай аз шаҳр ме-

харид ва Меннерс худситоӣ кардан наметавонист, ки Лонгрен аз ӯ қуттии гӯгирде харидааст. Тамоми кори хонаводаро худаш анҷом медод ва ҳунари мушкилу ба мардон бегона – парваришу тарбияи духтарро бо сабру тааннӣ меомӯхт.

Вақте ки Ассол панҷсола гашта буд, падар ба андоми ҳаяҷоннок ва некӯҳисоли ӯ нигариста, ҳамвора нарм-нармак табассум кардан гирифт ва духтарак дар сари зонуи ӯ нишаста, заҳмат мекашид то сири жилети тугмабандро дарьёбад ва ё бо шавқ таронаҳои маллоҳонро мехонд, ки ба галафарьёд монандӣ дошт. Ин таронаҳо аз забони кӯдак, ки дар аксари маврид ё овози “ре” буданд, рақсидани хирси бо навори осмониранг пиростаро ба ёд меоварданд. Дар ҳамин айём ҳодисае ба вуқӯъ пайваст, ки ба сари падар соя зад ва ба номи духтар тирагӣ афканд.

Баҳор буд, аввалибаҳори мисли зимистон бешафқат, вале дигархелтар. Қариб се ҳафта ба замини сард боди шимолӣ вазид.

Завраққҳои ба соҳил кашидаи моҳигирон дар регзори сафед гӯё қатори дарози тирчӯбҳои тираранги киштиро ташкил дода, ба сутунмӯҳраи моҳиҳои бузург шабеҳ буданд. Дар ин гуна обу ҳаво ҳеҷ кас ҷуръати сайдгирӣ надошт. Дар ягона кӯчаи ин деҳача одами аз хона берун гаштаро аҳьён-аҳьён дучор мекардед; ширдбоди сарде, ки аз теппаҳои соҳил ба самти холигии уфуқ мерафт, “ҳавои кушод”-ро ба ҷазои сахт табдил карда буд. Ҳамаи мӯриҳои Каперна аз субҳ то шом дуд бароварда, нишебии

бомҳоро бо дуд ҳаллоҷӣ мекарданд.

Вале нисбат ба офтобрӯзҳо, ки хуршед дар ҳавои соф ба рӯи баҳр ва Каперна гӯё аз ҳавои заррин рӯйтахт меафканд, Лонгренро бештар чунин рӯзҳои шамолнок аз кулбаи хурду гармаш берун мекашид. Лонгрен ба тахтасуфа, ки қад-қади сутунҳои қатори дар об кӯфтагӣ, дар охири мавҷбанди тахтагин воқеъ буд, баромада, чубуқи аз шамол оташгиритаашро дурудароз мекашиду ба баҳр менигарист: қаъри урьёни баҳр аз кафки сафеде, ки бо мавҷ баробар рафта наметавонист, пур мешуд; садои ғурришноки амвоҷи ба сӯи уфқи сиёҳи тӯфонӣ даванда муҳитро гӯё бо рамаи ҷонварони ёлдори афсонавӣ пур мекард; ин ҷонварони лаҷомгусехта бебоку бешуур худро ба сӯи оромишу таскини дар мулки дурдаст воқеъбуда мезаданд. Фарьёду фиғон ва нулаи шилликандозии мавҷҳои бузурги ҷаҳанда ва вазидани шамоле, ки қудрати вазнини он гӯё муҳити атрофро тозиёна мезад, рӯҳи азияткашидаи Лонгренро кунду карахт месохт, ки ин ҳол мусибати ӯро ба андӯҳи тирае, ки баробари хоби сахт аст, баробар мекард.

Дар яке аз чунин рӯзҳо Хин – писари дувоздаҳсолаи Меннерс завраҷи падарро дар зери тахтасуфа дид, ки ба сутунҳо мезаду канораҳояш мешикаст ва бирафту падарро аз ин ҳол огоҳӣ дод. Тӯфон акнун оғоз гирифта буд; Меннерс ба рег баровардани завраҷашро фаромӯш карда буд. Вай фавран ба сӯи баҳр омад ва дар поёни мавҷбанд Лонгренро дид, ки пушташ ба вай тамоку мекашид. Дар соҳил ба ҷуз ҳар ду дигар касе набуд. Меннерс аз тахтасуфа

гузашта то миёнаҷо ба баҳри девонавор хурӯшон фуромад ва арғамчини бодбонро кушод; ӯ дар заврақ рост истода, бо як даст аз сутунҳо дошта, ба сӯи соҳил ҳаракат кард. Бел нагирифта буд ва ҳангоме ки калавида рафту сутуни навбатиро дошта натавонист, зарбаи шадиди шамол нӯли заврақро аз тахтасуфа ба ҷониби уқьёнус гардонд. Меннерс дигар бо тамоми қомати дарозаш ҳам сутуни наздиктаринро дошта наметавонист. Шамол ва мавҷ заврақро алвонҷ дода, ба баҳри кушоди ҳалокатовар меронданд. Вазъи ҳолро пай бурду Меннерс худро ба об андохтан хост, то ки ба соҳил шино карда барояд, вале дар ин қарори худ низ таъхир карда буд, зеро заврақ аллакай начандон дуртар аз поёни мавҷбанд лаппидан дошт, ки дар ин ҷо чуқурии об ва шиддати мавҷ касро ба ҳалокат расонданашон як амри воқеӣ буд. Байни Лонгрен ва Маннерси ба сӯи баҳри тӯфонӣ роҳ пеш гирифта на бештар аз даҳ сажен масофаи алҳол наҷотпазир буд, зеро дар таҳи дасти Лонгрен, дар тахтасуфа печаки арғамчини дар як нӯгаш чизи гарон бастае тайёр буд. Ин арғамчинро ҳангоми дар ҳавои нохуш ба соҳил расидан аз рӯи тахтасуфа ба сӯи заврақ меандохтанд.

– Лонгрен! – фарьёд зад Меннерс, ки мурданивор ба ваҳм афтода буд. – Барои чӣ кунда барин шах шуда истодӣ? Намебинӣ, маро мебарад; арғамчинро ғуррон!

Лонгрен хомӯш буд, ба Меннерс, ки дар заврақ талвоса дошт, ором менигарист, фақат чубуқи вай шиддатноктар дуд баровард ва лаҳзае гузашту ӯ он-

ро аз даҳон гирифт, то ки ҳодисаро равшантар бубинад.

– Лонгрен! – фарьёд мезад Меннерс. – Ту маро мешунавӣ, ҳалок мешавам, халос кун!

Вале Лонгрен ба вай ягон сухан нагуфт; гӯё фарьёди ҷонгудозро намешунид. То даме ки заврақ дур рафту фарьёду имдодхоҳии Меннерс аранг ба гӯш мерасид, вай вазнашро аз як пой ба пои дигар напартофта истод. Меннерс аз даҳшат фарьёд зада мегиристу маллоҳро зорӣ мекард то ба назди моҳигирон тозад, ба имдод ҷеғ занад, пул ваъда мекард, таҳдид дошт, лаънатборон менамуд, вале Лонгрен ба канори мавҷбанд фақат андаке пештар рафт, то ки завраќи бозингарро аз назар гум накунад. "Лонгрен, – садои гирифта гӯё аз бом ба одами андаруни хона меомад, – халос кун! ". То ки дар шамол ягон суханаш гум нашавад, Лонгрен ҷуқур нафас гирифту фарьёд зад:

– Вай ҳам аз ту илтимос карда буд! Ҳанӯз намурда аз ҳар хусус фикр кун, Меннерс, аз ёд набарор!

Он гоҳ фарьёду фиғон хомӯш шуд ва Лонгрен ба хонааш рафт. Ассол аз хоб бедор гашту падарро дар назди чароғи хомӯш шудаистода ғарқи тааммул ва тааммуқ дарьёфт. Падар садои духтарашро, ки ӯро ҷеғ мезад, шуниду ба назди вай омад, бо меҳр бӯсид ва кӯрпаи болояшро дуруст карда пӯшид.

– Хоб кун, ҷонакам, – гуфт ӯ, – то субҳ ҳанӯз барвақт аст.

– Ту чӣ кор мекунӣ?

– Ман як бозичаи сиёҳ сохтам, Ассол, бихоб.

Рӯзи дигар дар забони сокинони Каперн сухан фақат аз гум шудани Меннерс буд. Рӯзи шашум ӯро оварданд, – ниммурдаву аламзада буд. Ҳикояти ӯ фавран дар деҳоти атроф паҳн гашт.

Мавҷҳо то бегоҳ Меннерсро мебурданд; ҳангоми талоши даҳшатангез бо амвоҷи девонавор ва хурӯшон, ки дӯкондори қариб аз ақл бегона гаштаро ба баҳр рондан мехостанд. Меннерс аз канорҳо ва даруни заврақ ба сар ва аъзои дигар зарбаҳои шадид хӯрда, беҳол гашта буд. Баъд ӯро киштии бухорӣ – "Лукреция", ки ба ҷониби Киссет мерафт, аз об бардошт. Шамолхӯрӣ ва даҳшати ҳодиса рӯзи ӯро ба поён расонданд.

Вай қариб чилу ҳашт соат дар ҳаёт буд ва дар ин фурсат ба сари Лонгрен ҳама нафрату фалокати имконпазир ва дар хаёлу тасаввурҳо мавҷудро дархост кард.

Ҳикояти Меннерси беҳолу дар дами ҳалок, аз хусуси он ки маллоҳ ёрӣ надода, марги ӯро тамошо мекард, сокинони Капернро мабҳут сохт: Ҳарчанд дар байни онҳо чунин касоне, ки аз таҳқири чашидаи Лонгрен аламовартар таҳқиреро ёд дошта бошанд, кам буданд ва чунон ки ӯ дар ғами Мери сӯхт, сӯхтан ҳам наметавонистанд, – ба ҳалокати Меннерс хомӯш нигаристани Лонгрен барояшон ба ҳадди нафратангез номаъқул буд ва онҳоро ҳайрону мабҳут мекард. Лонгрен то ибрози охирин суханони аз қафо ба Меннерс гуфтааш хомӯш истод; монанди довар беҳаракат, қатъӣ ва бесадо меистод ва бо

ҳамин ба Меннерс нафрати беандозаи худро ифода мекард. Дар хомӯшии вай аз нафрат зиёдатар ҳиссе буд, ки ҳама онро эҳсос мекарданд. Агар вай ҳангоми мусибати Меннерс фарьёд мезаду бо ишорати таҳдид, шодмонию қаноатмандӣ қасосгирии худро маълум менамуд, моҳигирон инро маъқул мекарданд, вале ӯ нисбат ба онҳо дигаргуна рафтор кард – кирдори ӯ нофаҳмо ва бовиқор буд ва бо ҳамин ӯ худро аз дигарон болотар гузошт; хулоса, коре кард, ки онро намебахшанд, маъзур намедоранд. Дигар ҳеҷ кас ба сӯи ӯ таъзим наменамуду салом намекард, барои вохӯрӣ даст дароз наменамуд, нигоҳи ошно ва ҳолҷӯёна намеафканд. Лонгрен аз кору бори деҳа акнун қатъиян дар канор монд; писарбачагон ӯро дида, аз қафояш фарьёд мезаданд: “Лонгрен Меннерсро ғарқ кард!”. Вай ба ҳамаи ин гапҳо бепарво буд. Ба назар чунин менамуд, ки вай дар ошхона ва байни завраққҳои соҳили баҳр дар ҳузури ӯ хомӯш гаштани моҳигиронро ҳамчун аз каси тоунзада худро аз ӯ дур гирифтанашонро гӯё пай намебарад. Ҳалоки Меннерс одамгурезии пештараи ӯро такмил дод. Баъди ин гуна бегонахӯии тамом дар дили тарафайн ба ҳам нафрату адоват бархост, ки он ба Ассол ҳам соя меандохт.

Духтарак бе дугона калон мешуд. Дар Каперн бист-сӣ нафар бачагони ҳамсоли ӯ буданд, ки ҳама чунон ки исфанҷ ба худ обро кашидааст, аз ибтидо дуруштиҳои хонаводаро чашида буданд ва асоси он дуруштиро ҳукми сангини падару модар ташкил мекард. Ин бачагони монанди ҳамаи бачаҳои дуньё

тақлидкор Ассоли хурдро аз назари эътибор ва ҳимояти худ абадан соқит карданд. Бешак ин ҳол ба тадриҷ бо талқин ва таҳдиди калонсолон сурат гирифта, ба ҳукми мамнӯи даҳшатнок даромад, сонитар ба таъсири мишмишгарону ғайбатчиёни каҷтаъбир ба ҳадде расид, ки ба хонаи маллоҳ бачаҳо бо тарсу ҳарос менигаристанд.

Бар замми ҳамаи инҳо зиндагии гӯшагири Лонгрен забони васвасабаёни ғайбатгаронро дароз кард; дар ҳақи маллоҳ мегуфтанд, ки ӯ дар куҷое одам куштасту бинобар он, ба хизмати киштӣ намегиранд ва худи ӯ аз он бедимоғ ва одамгурез аст, ки "аз ҷинояташ азоби виҷдон мекашад". Агар ҳангоми бозӣ Ассол наздик ояд, бачаҳо ӯро меронданд, лой мепарронданд, падарат гӯшти одамиро хӯрдааст ва акнун пули қалбакӣ месозад гӯён мазоҳ мекарданд. Кӯшишҳои соддадилонаи ӯ барои наздикӣ паёпай бо гирьяи талх, доғҳои кабуд, хароши нохун ва дигар хел зуҳуроти афкори ҷамъиятӣ анҷом меёфт; оқибат, вай аз таънаю таҳқир гурезон гашт, вале ҳанӯз ҳам гоҳе аз падар мепурсид: "Бигӯ, чаро моро дӯст намедоранд?". "Э, Ассол, – мегуфт Лонгрен, – магар онҳо дӯст дошта метавонанд. Дӯстдорӣ ҳунар аст, онҳо аз ин ҳунар бенасибанд". "Чӣ хел – ҳунар?". "Ана, ҳамин тавр!". Вай духтарро ба рӯи дастонаш мебардошту чашмони андӯҳгини ӯро сахт-сахт мебӯсид, духтар аз ин кори вай лаззат мегирифту чашмонашро мепӯшид.

Бегоҳиҳо ё рӯзҳои ид, вақте ки падар зарфҳои ширеш, асбоб ва кори нотамоми худро як сӯ мегу-

зошту пешгирашро кушода, чубуқ дар даҳон ба фароғат менишаст, сари зонуи падар нишаста, дар ҳалқаи дастони эҳтиёткори ӯ ҷунбуҷӯл карда, ҷузъҳои гуногуни бозичаҳоро даст задан ва вазифаи онҳоро пурсидан шуғли дилписанди Ассол буд. Ин сӯҳбати аҷоибу ғароиби афсонавӣ аз ҳаёти мардум, – сӯҳбате буд, ки ба тавассути ҳаёти пешинаи пурҷӯшу пуртасодуф ва ғайриоддии ӯ бештар аз ҳикояти ҳодисаҳои ҳайратангез иборат буд. Лонгрен ба духтарак номи асбобу ашьё, бодбонҳо ва дигар лавозимоти баҳрнавардиро мегуфту тадриҷан ба ҳикоятгӯӣ саргарм мегашт ва аз тавзеҳ ва баёни лаҳзаҳои гуногуне, ки дар он гоҳ лангаркаш, гоҳ чархи суккон, тири киштӣ ё ягон навъи заврақ ба кор меомад ва ба ҳамин минвол вай аз ҳодисаҳои ҷузъӣ ба тасвири фарохи саргардониҳои баҳрӣ мегузашт, мавҳумотро бо воқеият, воқеиятро бо тимсоли хаёлоти худ мепайваст. Гоҳе гурбапаланг пайдо шуда, аз ғарқи киштӣ пешгӯӣ мекард, гоҳе моҳии паррони сухангӯе, ки ба амри ӯ итоат накардан – гумроҳ задан аст ва ҳам голландии сайёр бо аспу аробаи беқарори худ мегузашт, рамзу аломатҳо, париҳои обӣ ва роҳзанҳо – хулласи калом, тамоми он масалу маталҳое, ки ҳангоми оромиши баҳр ё дар майхонаи дилписанд маллоҳон мегуфтанду вақтгузаронӣ мекарданд. Лонгрен ҳамчунон аз киштишикастагон ва одамони ёбоигашта; қобилияти сухангӯиро фаромӯш кардагон, дар бораи хазинаҳои асрорангез, исьёни дар табъид будагон ва дигар аҷоибот ҳикоят мекарду духтарак онро ба ҳадде бодиққат мешунид,

ки гумон аст нахустин бор ҳикояти Колумбро аз хусуси қитъаи нав ба ин тарз гӯш карда бошанд. Чун Лонгрен дар банди андеша хомӯш мегашт, Ассол “боз гӯй” мегуфту дар сар хаёлоти аҷоибу ғароиб дар синаи падар хобаш мебурд.

Ҳар бор аз шаҳр омадани пешхизмати дӯкони бозичафурӯшӣ низ барои Ассол манфиатбахш ва хушнудиовар буд. Вай бозичаҳои Лонгренро бо майли тамом харидорӣ мекард. То ки дили падари духтарро нармтар созаду бозичаҳоро арзонтар бихарад, пешхизмат барои духтарак ду себ, самбӯсаи ширин, як мушт чормағз меовард... Лонгрен ба харидуфурӯш рағбат надошт, бинобар он, баҳои асли бозичаро мегуфт, вале пешхизмат кам мекард. “Э-э, ба шумо чӣ гӯям, – мегуфт Лонгрен, – ман барои сохтани ин киштича як ҳафта заҳмат кашидам. – Киштича тақрибан як ваҷаб буд. – Нигар, чи хел сахту бадошт аст... Намудашро намебинӣ, мустаҳкамиашро намегӯӣ? Ин киштича дар ҳар хел обу ҳаво понздаҳ касро мебардорад”. Оқибат, саргармии духтарак ва бо себҳо андармониаш рағбати баҳсу талош ва устувории ӯро дар ин боб садама мезад; вай гузашт мекард, пешхизмат сабаташро аз бозичаҳои зебою бадошт пур карда, зери лаб табассум менамуду мерафт.

Тамоми кори рӯзгорро Лонгрен худаш мекард: ҳезум мекафонд, об меовард, ба оташдон алав дармегиронд, мепухт, мешуст, либосҳоро дарзмол мекард ва бар замми ҳамаи ин, барои пулёбӣ бозича месохт. Чун Ассол ҳаштсола шуд, падар ба вай хон-

дану навиштанро омӯхт. Баъд аҳьён-аҳьён ӯро ҳамроҳаш ба шаҳр бурд, сонитар, агар ба он ҷо бозичаҳоро бурдан ё аз дӯкон пул гирифтан лозим ояд, духтаракро танҳо мефиристод. Ҳарчанд ки Лисс аз Каперн ҳамагӣ ним фарсах роҳ буд, вале ин роҳ аз байни бешаҳо мегузашт, дар беша ба ҷуз хатари воқеӣ, ки дар чунин мавзеи наздики шаҳр дучор омаданд дар гумон аст, вале ҳар чиз метавонад, бачаро тарсонад, бинобар он, ӯ духтарро аҳьён-аҳьён танҳо мефиристод. Аз ин сабаб Лонгрен ӯро фақат рӯзҳое, ки ҳаво хуб асту пагоҳӣ атроф аз нури офтоб, гулҳо ва сукунат моломол аст ва ба дили ҳассоси Ассол аз хаёл ва мавҳумот чизе халал намеоварад, ба шаҳрравӣ рухсат медод.

Боре, ҳангоми сафар дар нимароҳи шаҳр, духтарак сари роҳ нишасту як лахт фатирсамбӯсаи барои ношто ба сабат ниҳодаашро хӯрдан хост. Ҳини тановул бозичаҳоро пасупеш мегардонду менигарист; дар ин миён ду-се бозичаи навсохт буд, ки ӯ онҳоро бори авввал медид: Лонгрен ин бозичаҳоро ҳамин шаб сохта буд. Яке аз онҳо завраҷи бодбонии варзишгарӣ буд; ин киштичаи хурдакак бодбонҳои гулгун дошт. Лонгрен бодбонҳои онро аз пораҳои шоҳие, ки ҳуҷраҳои киштичаҳои бухории барои харидорони сарватманд сохтаашро мероост, дуруст карда буд. Аз афти кор, вай завраҷи варзишгариро сохта, барои бодбонҳои он матои мувофиқ наёфтаст ва пораҳои он шоҳии гулгунро ба кор бурдаст. Ассол ба ваҷд омад. Ранги оташини рӯҳафзо дар дасташ чунон равшан забона мезад, ту гӯӣ дар дасти ӯ

оташ бошад. Роҳро рӯдаке бурида мегузашт, ки рӯи он аз ходаҳо пул сохта буданд; аз рост ва аз чап рӯд ба беша медаромад. “Агар оноро фурсате ба об гузорам, шиновар бошад, – фикр мекард Ассол, – тар намешавад, ман онро сонӣ пок мекунам”. Вай аз пул он сӯтар рафту киштичаеро, ки ӯро мафтун мекард, дар назди соҳил оҳиста ба об сар дод; дар оби мусаффо бодбонҳо ҳамоно бо ранги гулгун аксандозӣ карданд; шӯъла аз мато гузашта дар сангҳои сафеди қаъри рӯд шуои ларзони қирмизӣ афканд. “Эй нохудо, ту аз куҷо омадӣ?” – Ассол аз шахси тасаввуриаш бо вазъи ҷиддӣ пурсид ва худ ба саволи худ ҷавоб ҳам дод: “Ман... омадам... аз... аз... Чин омадам”. “Чӣ овардӣ ту?” – “Ҳар чӣ овардам, намегӯям”. – “Ҳоли гап ҳамин хел, нохудо! Ин хел бошад, туро баргашта ба сабат мениҳам”. Нохудо ҳозир буд итоаткорона гӯяд, ки шӯхӣ кард ва тайёр аст филро нишон диҳад, вале ин дам якбора ҷараёни ороми канори рӯд сари заврақро ба миёнаи рӯд тофт ва он чун завраќи ҳақиқӣ бо шаст аз соҳилдур шуд ва рост ба поён шиновар гашт.

Вусъати назари ӯ гӯё дар як лаҳза тағйир ёфт: рӯдаки хурд ба чашми духтарак ҳамчун дарьёи азим ҷилва мекарду завраќча – чун киштии бузурге дар масофаи дур буд, ки ӯ бо ҳарос, саросема ба сӯи он даст дароз карда, саҳл монда буд, ки ба об афтад. “Нохудо тарсид” – аз дил гузаронд вай ва бо умеди дар ягон ҷо ба канори рӯд кашидан аз паи бозичаи шиновар тохт. Ассол сабатро, ки вазнин набошад ҳам, халал медод, кашола карду гуфт: “Эҳ, худо

накарда он... Духтарак то ки бодбони зебою секунҷаи ба як маром гурезонро аз назар гум накунад, бо ҷадал шитоб мекард, пешпо хӯрда меафтид ва боз медавид”.

Ассол пеш аз ин ҳаргиз ба ин сон ба даруни беша нарафта буд. Ҳушу хаёлаш ба доштани бозича банд, вай ба атроф наменигарист; дар канори рӯд, ки ӯ такопӯ дошт, монеаи роҳ кам набуд. Танаҳои ушнапӯши дарахтони афтода, чуқуриҳо, сархорҳои баланд, хорҳои хуҷ, ёсуману финдиқзорҳо дар сари ҳар қадам садди ӯ буданд: ин монеаҳоро бартараф мекарду вай кам-кам аз ҳол мерафт ва барои нафас рост кардан ё аз рӯяш гирифтани тори часпидаи тортанак беш аз пеш таваққуф менамуд. Чун дар ҷойҳои вусъатнок ғешазору найзор пеш меомад, Ассол баъзан ҷилваи гулгуни бодбонҳоро батамом аз мадди назар гум мекард, вале хамгашти рӯдро бурида мегузашту боз онро дармеёфт, ки бо ҳашамат рост мегурехт. Духтарак лаҳзае ба бешаи бузурги гуногуннамуд нигарист, ки дар он ҷилваи нури рӯи баргҳо бо торикии ҷариҳои чуқур ба ҳам омехта, ӯро моту мабҳут карданд. Вай лаҳзае даступо хӯрду боз бозичаро ёд овард ва якчанд бор “уф-ф” гуфту бо ҳар чӣ зӯру мадоре ки дошт, тохт.

Дар инчунин таъқиби бебарор ва изтиробнок қариб як соат вақт гузашт. Баъд Ассол бо ҳайрат нафаси сабук гирифта дид, ки дар пеши роҳаш беша доман барчида, амвоҷи кабуди баҳру абрҳо ва канори зарди регзор пеш омадаст, ки ӯ аз мондагӣ афтону хезон дар он метохт. Ин ҷо резишгоҳи рӯд

буд; наҳр паҳну тунукоб гашта, бо кабудии сангҳояш назаррабой мекарду обаш бо амвоҷи муқобили баҳр омехта гум мешуд. Аз соҳили начандон баланд, вале обшустаю решакофта Ассол дид, ки дар лаби об рӯи суфасанги бузурге марде пушт ба ӯ нишаста, заврақчаи ба об рафтаи ӯро дар даст дорад ва ончунон бо диққат бозичаро менигарад, ту гӯи филе шабпаракеро доштааст. Ассол аз он, ки бозича беосеб аст, хотиҷамъ гашту аз баландӣ ба поён ғеҷида фуромад ва ба назди марди ношинос расида дар мушоҳида, интизори он, ки кай ӯ аз тамошои заврақча сар боло мебардорад, назди ӯ нишаст. Аммо марди ношинос ба раҳоварди рӯд ончунон мутаваҷҷеҳ гашта буд, ки духтар саропои ӯро ба тафсил нигариста, иқрор кард, ки одамони то ҳол дидааш ҳаргиз ба ин мард монанд нестанд.

Дар рӯ ба рӯи вай одами оддӣ не, ғундорандаи тарона, афсона, ривоят ва қиссаҳо Эгль ном марди маъруф буд, ки пиёда саёҳат дошт. Мӯйҳои сафедаш шикан-шикан тоб хӯрда, аз зери хаскулоҳ берун афтода буданд; домани куртаи хокистариаш даруни шим, дар пояш мӯзаи баландсоқ ба сайёд монанд буд; гиребони сафед, галстук, камарбанди бо пулакчаҳои нуқрагин ороста, асо ва кӯлбори қуфлаш нави никеландуд гувоҳи ҳол буданд, ки ӯ марди шаҳрист. Чеҳраи вай, агар бинӣ, лабҳо ва чашмҳои аз байни риши ғулии ҷилодор ва мӯйлаби бо даҳшат ба боло теғ кашидаро чеҳра гуфтан ҷоиз бошад, дар назар софу беранг ва бепарво менамуд, аммо чашмони мешии ранги регаш ба мисли пӯлоди соф ду-

рахшон, нигоҳаш ҷасоратангез ва тавоно буд.

– Акнун ба ман деҳ, – гуфт духтарак оҳиста ва беҷуръат. – Бозӣ кардӣ–ку! Чӣ хел онро доштӣ?

Эгль завраҷчаро аз даст афтонду сарашро боло бардошт. Овози ҳаяҷоновари Ассол ӯро ба ин минвол ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт буд. Мӯйсафед дақиқае бо табассум ришашро бо дастони бузургу пуррагупаи худ дошта, ӯро назора кард. Куртаи чити хеле обшуста пойҳои лоғару офтобхӯрдаи духтаракро базӯр то зону мепӯшид. Мӯи ғулию сиёҳаш аз таҳи уребчааш фуромада ба китфонаш мерасиданд. Ҳар як ҳаракати узви Ассол маънидор, соф ва ба мисли парвози фароштурук сабук буд. Чашмони сиёҳаш, ки дар онҳо саволи ғамангезе ниҳон буд, дар назар нисбат ба чеҳрааш калонсолона менамуданд; тарҳи рӯи нарми ӯ офтобхӯрда, сафедии солими пӯсташ аҷаб дилкаш гашта буд. Даҳони хурдаш андар табассуми шармин нимбоз.

– Савганд ба номи бародарон Гримм, Эзоп ва Андерсен, – гуфт Эгль гоҳ ба духтар, гоҳи дигар ба завраҷча нигариста, – ин мӯъҷизаи махсусест. Ба ман нигар, гиёҳак! Ин моли туст?

– Ҳо, ман аз паси он қад-қади наҳр давидам; гумонам мемирам. Онро аз ин ҷо ёфтӣ?

– Аз таҳи поям гирифтам. Фалокати дарьё сабаб гашту ман ҳамчун роҳзани соҳил ин ҷоизаро ба ту месупорам. Киштиеро, ки мусофиронаш тарк кардаанд, амвоҷи яквараҷабаи дарьё миёни пошнаи пои чапи ман ва нӯги асоям андохт. – Вай асояшро ба замин зад. – Исми ту чист, майдаяк?

– Ассол, – гуфт духтарак завракчаи Эгль додаро ба сабат ниҳода.

– Хеле хуб, – гуфт мӯйсафед гуфтори номафҳуми худро идома дода ва аз Ассол чашм наканда. Дар қаъри чашмони вай табассуми хушҳолонаю дӯстона барқ мезад. – аслан, мебоист, ки ман номи туро намепурсидам. Хайрият, ки номат ҳам ба ин тариқ аҷиб будаст, хушрангу оҳангдор, садои пайкони паррон ё худ ғулғули гӯшмоҳии садафини дарьё барин; агар ту яке аз он номҳои расмии тоқатфарсои моро, ки ба Ояндаи Дурахшон бегона аст, мегуфтӣ, ман чӣ мекардам? Ман намехоҳам бидонам, ки ту кистӣ, волидайни ту кистанд, чӣ гуна зиндагӣ доред. Чаро ин мафтуниамро халалпазир кунам? Ман рӯи ин санг нишаста, ба омӯхтани муқоисавии мавзӯъҳои финию японӣ машғул будам... ногаҳон оби рӯд ин киштичаро ба зери поям андохт, сипас ту пайдо шудӣ... Чунон ки ҳастӣ. Ман, ҷонакам, қалбан шоирам, агарчӣ ҳаргиз шеъре нагуфтаам. Ту дар сабат чӣ дорӣ?

– Завракча, – гуфт Ассол, сабаташро ҷунбонда, – боз киштӣ, сонӣ сето хоначаи байрақдор. Дар онҳо аскарон зиндагӣ мекунанд.

– Хеле хуб. Туро аз паи фурӯхтан фиристоданд. Дар сари роҳ ту машғули бозӣ гаштӣ. Ин киштичаро ба об сар додӣ, аммо он гурехт. Ҳамин тавр?

– Магар ту дидӣ? – бо шубҳа пурсид Ассол. Ӯ фикр мекард, ки мабодо инро худаш ба мӯйсафед нагуфта бошад. – Ба ту ягон кас гуфт? Ё ту дарьёфтӣ?

– Ман инро медонистам.

– Чӣ тавр медонистӣ?

– Охир, ман – сеҳргари аз ҳама моҳирам.

Ассол ҳайрон монд. Ин суханони Эгльро шунида, ҳаяҷони вай аз ҳадди тарсу ҳарос ҳам гузашт. Соҳили хилвати баҳр, хомӯшӣ, ҳодисаи азиятовари киштича, суханони мубҳами пирамарди чашмонаш шарарез, ришу мӯи боҳашамати вай дар назари духтарак чунин менамуд, ки воқеият бо фавқулҳад омехтааст. Агар ин дам Эгль лаб кач мекард ё ягон хел адову атвор менамуд, духтарак аз тарсу ҳарос гириста гурехтанаш як амри воқеӣ буд. Аммо Эгль чашмони калон кушодаи ӯро дида, якбора қиёфа дигар кард.

– Ту аз ман натарс, – гуфт вай ҷиддан. – Баръакс, ман мехоҳем бо ту ҷиддан ҳамсӯҳбат шавам. – Фақат дар ин лаҳза вай идрок кард, ки дар чеҳраи духтарак аз мулоқоти вай чи таъсироте нақш гузоштааст. “Чашмдошти ғайриихтиёронаи назокат, қисмати пурсаодат, – гуфт ӯ ба худ. – Эҳ, чаро ман нависанда таваллуд наёфтам? Чӣ мавзӯи оличанобе! Ку, – дар суханаш идома кард Эгль, то вазъи тозапардохти худро ба такмил расонад (таъсири шуғли доимии ӯ – рағбати афсонабофӣ дар нисбати хатари ба заминаи номаълум афкандаи тухми орзуҳои бузург қавитар буд) – ку, Ассол, ба гуфтаҳои ман бо диққат гӯш кун. Ман, дар он деҳае, ки ғолибан ту аз он ҷо меоӣ, будам; яъне дар Каперн. Ман ҳаводори афсонаю таронаам, барои шунидани ягон чизи касношунида тамоми рӯз дар он деҳа нишастам. Аммо

дар деҳаи шумо афсона намегуфтаанд. Мардуми деҳаи шумо таронахонӣ намекунанд. Агар тарона хонанду қисса гӯянд ҳам, медонӣ, ҳама аз саргузашти мардони айёру аскарҳо, аз тавсифу таърифи қаллобӣ, таронаҳои кӯтоҳи мисли ройҳои ношуста чиркин, монанди ғур-ғури шикам дурушт, дубайтиҳои бемаънию фаҷ... Сабр кун, ман чизи дигаре гуфтан мехостам. Аз сари нав мегӯям.

Ӯ биандешиду чунин идома дод:

– Намедонам, чанд сол аз миён мегузарад, аммо дар Каперн як афсонаи ғалатӣ, солҳои дароз аз ёдҳо намерафтагӣ гул мекунад. Ту калон мешавӣ, Ассол. Як пагоҳ дар баҳри дур дар зери партави офтоб бодбонҳои гулгун медурахшанд. Силсилаи бодбонҳои гулгуни дурахшандаи киштии сафед мавҷҳоро бурида, рост ба ҷониби ту меояд. Ин киштии аҷиб хомӯш, бе валвала ва тирандозӣ шиновар хоҳад буд; дар соҳил мардуми бисьёре ғун мешаванд, ҳама ҳайрон, ҳама – дар лаб таҳсин; ту ҳам дар он миён хоҳӣ буд. Киштӣ боҳашамат, бо нағмаҳои диловез ба соҳил мерасад; аз он завраҷе ороста ба қолинҳо, зару зевар ва гулҳо шиновар мешавад. “Шумо ба чӣ ният омадед? Киро меҷӯед? – мепурсанд мардумони соҳил. Он гоҳ ту шоҳзодаи зебою ҷасурро мебинӣ; вай дар муқобили ту истода, дасти худро ба ту дароз мекунад. “Ассалом, Ассол! – мегӯяд. – Ман аз ин ҷо дур, туро дар хоб дидам ва инак омадам, то ки туро абадан ба кишвари худ бибарам. Ту дар он мулк бо ман дар водии чуқури гулобӣ хоҳӣ зист. Ҳар чизе, ки хоҳӣ, муҳайё хоҳад буд; ману ту чунон

дӯстона ва шодмон хоҳем зист, ки ҳаргиз ту ғаму озор ва ашкро намебинӣ”. Ӯ туро ба заврақ биншонда, ба киштӣ мебарад ва ту абадан ба он кишвари дурахшандае, ки офтоб аз он ҷо тулӯъ менамояд ва ситораҳо барои хайра мақдам гуфтани ту аз осмон фуруд меоянд, меравӣ.

– Ҳамааш барои ман? – оҳиста пурсид духтарак. Чашмони ҷиддии ӯ шодмон, бо нури эътимод дурахшиданд. Сеҳргари хатарнок, албатта ин тавр намегуфт; вай наздиктар рафт. – Аҷаб не, вай аллакай омадагист... ҳамон киштӣ?

– Не, он киштӣ зуд намеояд, – эътироз кард Эгль – сараввал, чунон ки ман гуфтам, ту калон мешавӣ. Сонӣ... Чӣ гӯям? Ҳатман ҳамин тавр мешавад... Фарз кардем, ҳамин тавр шуд. Ту он гоҳ чӣ мекардӣ?

– Ман? – Ассол ба сабати худ нигарист ва аз афти кор чизе набуд, ки лоиқи подош бошад. – Ман ӯро дӯст медоштам, – саросема гуфт вай, сипас бе қатъият илова кард: – Агар вай ҷанг накунад.

– Не, вай ҷанг намекунад, – гуфт сеҳргар ба як тарзи асрорангез чашмакӣ зада. – Ҳаргиз ҷангу хархаша намекунад, ман ба ин аминам. Бирав, духтарҷон, он касеро, ки миёни ду ҷуръа шароби хушбӯ ва андешаи таронаҳои бадарғагиён инро ба ту бигуфт, фаромӯш накун. Бирав. Дарду доғ набин, дуньё ба ту меҳрубон бошад.

Лонгрен дар полизи хурди худ буд, картошка меканд. Ӯ сар аз кор бардошту Ассолро дид, ки дар чеҳрааш шодмонӣ беқаророна ба сӯяш метохт.

– Ана, ман... – гуфт вай дар изтироб ҳарсосзанон нафас гирифта ва бо ду даст аз пешгири падар гирифт. – Ба ман нигар, аҷоиботе дидам...

Вай аз хусуси сеҳргар ва пешгӯии аҷоибу ғароиби ӯ ҳикоят кард. Ҳаяҷон ва аҷалаи фикр ба ӯ имкон намедонанд, ки воқеаро мураттаб баён кунад. Сипас баёни зоҳири сеҳргар ва сонӣ – аз охир ба аввал – думболагирии киштичаро мегуфт.

Лонгрен суханони духтарашро набурида, бетабассум гӯш кард ва вақте ки ӯ саргузашташро гуфта тамом кард, дар лавҳи хаёлаш зуд тасвири он пирамарди дар як даст шароби хушбӯ, дар дасти дигараш бозича пайдо шуд. Вай даст афшонд, аммо ба ёд овард, ки дар айни ҳаводиси бузурги рӯзгори кӯдак инсон бояд ҷиддӣ ва ҳайрон бошад, бинобар он, бо тантана ба тасдиқ сар ҷунбонду гуфт:

– Бале, бале; аз рӯи гап, вай дар ҳақиқат сеҳргар барин, дигар кӣ ҳам мебуд. Эй, ман ҳам агар як бор ӯро медидам... Аммо ту бори дигар агар равӣ, аз роҳ берун нарав; дар бешазор раҳгум задан аз ҳар чӣ осон аст.

Белро аз даст партофту ӯ ба таворaи паст нишаст ва духтарашро сари зону биншонд. Духтараки бениҳоят мондаю шалпар саъй дошт баъзе тафсилоти воқеаро бигӯяд, аммо гармо, ҳаяҷон ва сустии аъзо чашмони ӯро ба хоб гирифтанд. Чашмони ӯ пӯшида шуданду сараш ба китфи сахти падар афтод. Ин лаҳза саҳл монда буд, ки ӯ ба кишвари хобу хоббиниҳои худ биравад, аммо якбора аз шубҳаи ногаҳонӣ Ассол рост нишаст ва бо чашмони пӯшида

бо муштчаҳояш ба камзӯлчаи падар такья карда, бо овози баланд гуфт:

– Ту чӣ мегӯӣ, киштии афсонавӣ барои ман меояд ё не?

– Меояд, – гуфт бепарво маллоҳ. – Модоме ки инро ба ту ӯ гуфтааст, меояд.

“Калон шавад, фаромӯш мекунад, – фикр мекард маллоҳ. – Алҳол... ин бозичаи зеборо аз ӯ гирифтан лозим не. Дар зиндагӣ ту бодбони гулгун не, чӣ миқдор бодбонҳои чиркину ваҳширо хоҳӣ дид, духтарам; аз дур боҳашамат ва сап-сафед метобанд, вале аз наздик нигарӣ – пора-пораи беҳаё, беамон. Марди раҳгузар ба духтараки ман ба ҳазлу шӯхӣ инро гуфтаст. Хайр чӣ?! Ҳазли некдилона! Ҳеҷ гап не, ҳазл-дия. Бубин, ними рӯз дар бешаю ҷангал чӣ қадар ранҷ кашидаӣ. Дар бобати бодбонҳои гулгун мисли ман фикр кун: бодбонҳои гулгунро мебинӣ”.

Ассол хоб буд. Лонгрен бо як дасти озодаш чубуқашро гирифту тамоку кашид ва бод дудро аз байни тавора ронда ба сӯи буттазори беруни полиз бурд. Дар таҳи буттае, пушт ба тавора гадои ҷавоне менишаст. Гуфтугузори падару духтар табъи ӯро чоқ карда, бӯи тамокуи хуб дар дили ӯ тамаъ ва талаби бебарорро бедор кард.

– Ҳой, хӯҷаин, ба мани фақир тамоку бидеҳ, – гуфт вай аз паси тавора. – Тамокуи ман дар нисбати тамокуи ту заҳри қотил гӯям, мешавад.

– Медонам, – бо нимовоз гуфт Лонгрен, – аммо афсӯс тамоку дар он кисаам. Бовар кун, духтарчаро аз хобаш бедор кардан намехоҳам.

– Ана, халос! Ҳамин ҳам гап шуд, бедор шавад, боз хоб мекунад, аммо раҳгузар тамоку кашида мерафт.

– Хайр, ту, – эътироз кард Лонгрен, – бетамоку нестӣ-ку, кӯдак хаста шуд. Агар хоҳӣ, сонитар биё, медиҳам.

Гадо бо нафрат туф кард, ба чӯбдасташ халтаашро басту ба киноя гуфт:

– Шоҳдухтар созу мон. Ту ба каллаи вай киштиҳои хориҷиро андохта саргаранг кардаӣ. Боз вай хӯҷаин будаст, эй содалавҳ!

– Ба ман нигар, – гуфт бо овози паст Лонгрен, – ман ӯро метавонам аз хоб бедор кунам, фақат барои гардани ғафси туро нағзакак молиш додан ин корро мекунам. Гум шав!

Баъди ним соат гадо дар майхона, сари миз, дар иҳотаи моҳигирон менишаст. Дар паси онҳо, гоҳ остини шавҳарҳояшонро кашида, гоҳ аз болои китфи онҳо стакани шаробро гирифта, – бешак барои хӯрди худашон, – занҳои ҳайкалдор, абрӯғафс менишастанд, ки дастҳои лундаашон монанди қайроқсанг буд. Гадо аз озору алам хӯрушида, қисса мекард:

– Ба ман тамоку надод. “Ту, – мегӯяд – ба синни балоғат расӣ, ҳамон сол, – мегӯяд, – барои ту киштии махсуси сурх меояд... Барои ту. Ту ба шоҳзода мерасӣ, қисмат ҳамин хел. Ба он сеҳргар, – мегӯяд, – бовар кун”. Аммо ман гуфтам: “Бедор кун, бедор кун, тамоку бидеҳ”. Вай аз паси ман то ними роҳ давид.

– Кӣ? Чӣ гап? Дар хусуси кӣ гап мезанад? – ово

зи занони кунҷков баромад. Моҳигирон сарҳояшонро саҳл гардонда, бо тамасхур воқеаро фаҳмонданд.

– Лонгрену духтараш ёбои̅ шудаанд, балки ақлашон ҳам халал ёфтааст; ана, ин одам гуфт. Аз афти кор, ба хонааш ҷодугар омадааст. Ҳой, холачаҳо, бохабар бошед, онҳо шоҳзодаи хориҷиро интизоранд, вай бодбонҳои сурх катӣ меомадаст!

Пас аз се рӯз ҳангоми аз дӯкони шаҳр баргаштан, дар роҳ бори аввал Ассол шунид:

– Ҳой, балонусха! Ассол! Ба ин сӯ нигар! Бодбонҳои сурх шиноваранд!

Духтарак ба худ ларзиду, ғаёриихтиёр аз зери дасташ ба туғьёни баҳр нигарист. Сипас, ба ҷониби сухангӯй рӯ овард; дар масофаи бист қадам дуртар аз ӯ тӯдаи бачагон истода, забонҳояшонро бароварда, ӯро мазоҳу масхара мекарданд. Духтарак як оҳ кашиду ба сӯи хона давид.

## II
## ГРЕЙ

Агарчи Цезарь амин буд, ки дар деҳа аввалин будан беҳтар аст аз он, ки дар Рим дуюм бошад, Артур Грей аз ваҷҳи ин хоҳиши ҳикматомез ба Цезарь ҳасад намебурд. Ӯ аз модар ҳамчун нохудои киштӣ тавлид ёфт, хоҳишаш ҳам ҳамин буд ва ҳамчунон ҳам шуд.

Бинои бузурге, ки Грей дар он аз модар таваллуд гашт, андурун тира ва аз берун пуршукӯҳ буд. Гулзор ва боғ то ба таҳи дари он доман густурда

буданд. Дар чаман беҳтарин навъи лолаҳо – кабуду нуқрафом, бунафш, сиёҳи гулобиасос дар раддаҳои шадда-шадда ҷилванамоӣ доштанд. Рӯи наҳраки пурпечутоб дар равшании тирафом дарахтони пири боғ гӯё ғанаб мерафтанд. Иҳотаи кӯшк, ки он дар воқеъ ҳам кӯшки ҳақиқӣ буд, аз сутунҳои рехтаи фатилапечи бо нақшҳои оҳанӣ пайваста иборат буд. Ҳар як сутун дар боло аз чӯян косагули пуршукӯҳи савсанро дошт; дар рӯзҳои ҷашну сур ин косаҳоро равған пур карда, фурӯзон месохтанд ва қатори машъала дар шабони тор аҷаб шаҳомате дошт.

Волидайни Грей ғуломони мағрур ва мутакаббири мақому манзилати худ, сарват ва қонуну қоидаи он ҷамъияте буданд, ки дар ҳақи он "мо" гуфтан метавонистанд. Як бахши рӯзгори онон, ки мағрури силсилаи аҷдод аст, чандон шоистаи тасвир нест, бахши дигар – орзуи давоми силсила – аз Грейи хурдсол ибтидо мегирифт, ки аз рӯи нақшаи қаблан мураттаб гардида, мебоист ончунон зиндагӣ кунад ва бимирад, то сурати вай ба номуси авлоду аҷдод исноде наоварда, дар девор бошад. Дар ин бобат саҳви начандон бузурге рух дод: Артур Грей бо дили бедор ва рӯҳи солим аз модар зода шуд ва қобили давом додани роҳу расми аҷдоди худ набуд.

Ин зиндадилӣ, ин таҳриф ва ғайритабиияти писарак дар синни ҳаштсолагии ӯ маълум шудан гирифт; симои ҷавонмарди дорои тасаввуроти аҷибу ғариб, ҷӯянда ва соҳибкаромат, яъне симои инсоне, ки аз таклифҳои бешумори рӯзгор аз ҳама хатарнок

ва ҳаяҷонбахши он – вазифаи пешбиниро касб кардааст, ҳангоме маълум гашт, ки ӯ ба зери пои худ курсӣ ниҳода, аз тасвири дар девор будаи чормехкунӣ меххои дасти хуншори Исои Масеҳро бигирифт, яъне бо ранги кабуди аз рангмол duздидааш онро пӯшонд. Ӯ ин тасвирро дар ин ҳол қобили қабул шумурд. Саргарми ин кор буд ва поҳои чормехшударо низ ранг мекард, падар ба сари ӯ расид. Пирамард аз гӯши писар гирифта, ӯро аз курсӣ поён карду пурсид:

– Чаро ту ин тасвирро нобуд кардӣ?

– Нобуд накардаам.

– Ин асари килки мусаввири номварест.

– Ба ман фарқе надорад, – гуфт Грей. – Ман тоқати онро надорам, ки дар пеши назарам ба дастҳо мех кӯфта бошанд ва хун бирезад. Ман инро намехоҳам.

Аз ин ҷавоби писар Лионель Грей табассумашро зери мӯйлаб пинҳон карду дар симои ӯ худро шинохт ва бачаро таъзир накард.

Грей ҳамвора, монда нашуда кӯшкро месанҷид ва кашфиёти аҷибу ғариб мекард. Ӯ дар болохона пӯшиши пӯлодини шаволия, китобҳои ҷилдашон аз оҳан ва пӯст, чармин, либосҳои пӯсида ва селаи кабӯтаронро дарьёб кард. Дар таҳхона, ки шароб нигоҳ медоштанд, ӯ оид ба навъҳои шароб – шароби сурх, мадера, шароби тунд маълумоти аҷиб гирифт. Дар ин ҷо зери шуои тираи тирезаҳои нӯгборике, ки зери сақфи сангини секунҷа буданд, бочкаҳои хурду

бузупгро дид: аз ҳама бузурги он, ки паҳну мудаввар буд, ними девори таҳхонаро гирифта буд ва балути садсолаи сиёҳтоби он, мисли он ки сайқал зада бошанд, ҷило медод. Миёни бочкаҳои хурд дар сабатҳо зарфҳои шишагини шикамғафси сабзу кабуд ба назар мерасиданд. Дар сангҳо ва фарши гилии замбӯруғҳои хокистарии соқашон борик рӯида; вақте ки офтоб бо охирин нурҳои худ ба ин ҷо назар мекард, дар кунҷаки дур анкабути бузурги гӯё заррин ба назар мерасид. Дар як гӯша ду бочка шароби аълои “Аликант”-ро ба замин гӯр карда буданд, ки он дар замони Кромвел маъмул будаст. Таҳхонабон ба Грей як кунҷи холии таҳхонаро нишон дода, таърихи қабри маъруферо, ки ҷасади дар он буда аз тӯдаи сагони шикорӣ зиндатар будааст, такрор мегуфт. Ӯ ба ҳикоят оғоз мекарду дурустӣ ё нодурустии ҷумаки бочкаи бузургро месанҷид ва аз назди он гӯё қаноатманд дур мешуд, чунон ки дар чашмонаш бар асари шодмонии бузург ғайриихтиёр ашк медурахшид.

– Ба ман нигар, – мегуфт Польдишок рӯи қуттии холӣ нишаста ва ба биниаш тамоку ниҳода, – ана, ин ҷойро мебинӣ? Дар он ҷо чунон шаробе ҳаст, ки ҳар як майхора дар баҳои як истакони он тайёр аст, ки забонашро бибуранд. Дар ҳар як бочкаи садлитрӣ шаробест, ки ҷонро талотум ангехта, тани касро ба хамири берӯҳи ноҷунбон табдил мекунад. Ранги он аз ранги олуболу ҳам сиёҳтар аст, он аз шиша намерезад. Он ба мисли олуи сиёҳи нағз пухта

расидааст. Он дар бочкаи аз чӯби сиёҳ сохтагӣ, ки аз оҳан ҳам сахттар аст, маҳфуз аст. Бочкаҳо аз миси сурх чалабандаки дуқабата доранд. Дар рӯи чалабандак ба лотинӣ навиштаанд: “Маро Грей дар биҳишт хоҳад хӯрд”. Ин катибаро ончунон фарох ва гуногун тафсир ва маънидод мекунанд, ки бобокалони ту, Симон Грейи олитабор боғчае буньёд карда, онро “Биҳишт” ном кард ва гумон кард, ки бо ин назокат ҳукми катибаи пурасрорро бо воқеият мувофиқат мебахшад. Аммо ту чӣ мегӯӣ? Ҳамин ки чалабандакҳоро кушоданӣ шуданд, вай дилкаф гашту мурд. Пиракии ишратдӯст сахт ба ҳаяҷон омада будаст. Аз ҳамон замон ба ин бочка кордор намешаванд. Ҳама мӯътақиданд, ки шароби гаронбаҳо бадбахтӣ меоварад. Дар воқеъ, абулҳавли мисриён ҳам ин миқдор пурасрор набудагист. Ба ростӣ, вай хирадмандеро пурсидаст: “Чунон ки дигаронро бихӯрдам, ман туро ҳам мехӯрам ё не? Агар росташро гӯӣ, зинда хоҳӣ монд”. Аммо ин ҳам, агар дуруст биандешад...

– Аз афти кор, аз ҷумак боз қатрае афтод, – сухани худро бурид Польдишок ва кач-кач қадам монда, ба сӯи кунҷаке рафт ва ҷумаки бочкаро сахттар тофту бо чеҳраи равшан бозгашт. – Бале. Агар хирадманд дуруст биандешад, муҳиммаш агар шитоб накунад, метавонист ба абулҳавл бигӯяд: “Биё, бародар, шаробе бихӯрем ва ту ин бемаънигиро фаромӯш хоҳӣ кард”. “Маро Грей дар биҳишт хоҳад хӯрд!” Чӣ маънӣ дорад? Баъди марг мехӯрад гуфта

бошад? Ғалатӣ. Чунин ба назар мерасад, ки ӯ муқаддас аст, аз ин меояд, ки ӯ на шароб, на арақи оддиро ба даҳан намегирад. Бигирем, ки "биҳишт" маънои хушбахтиро дорад. Агар гап ин бошад, хушбахтӣ, чӣ миқдор азиз набувад, хеле гулбаргҳои худро гум мекунад, хоса вақте ки инсони хушбахт агар аз худ сидқан бипурсад: биҳишт ҳамин аст? Дидӣ, ин гап чӣ маъниҳо дорад! Барои он, ки бепарво аз бочка нӯш куниву бихандӣ, писарҷон, бояд ки бо сари як по дар замин истода, пои дигаратро бар осмон ниҳӣ. Тахмини сеюм ҳам ҳаст: вақте мерасаду Грей то ҳадди фароғати биҳиштӣ май мехӯраду бебокона ин бочкаро холӣ мекунад. Аммо ин, писарам, иҷрои он пешгӯӣ не, балки ғавғои майхона хоҳад буд.

Польдишок бори дигар дурустии ҷумаки бочкаи бузургро бисанҷиду суханашро бо ҳавоси ҷамъ, вале ҳузнангез анҷом бахшад:

Ин бочкаҳоро соли 1793 бобокалони ту Ҷон Грей дар киштии "Бигль" аз Лиссабон овардааст; барои шароби он ду ҳазор пиастрони тилло харҷ кардаст. Катибаи бочкаро устои туфанг Вениамин Эльяни Пондишерӣ ба субут расонидаст. Бочкаҳоро ба қадри шаш фут ба замин гӯр карда, бо хокистари навдаҳои ток пӯшидаанд. Ин шаробро касе нахӯрдаст, начашидаст ва нахоҳад чашид.

– Ман онро мехӯрам, – гуфт боре Грей ба замин пой кӯфта.

– Ана, ҷавонмарди ҷасур! – гуфт Польдишок. – Ту онро дар биҳишт мехӯрӣ?

– Албатта. Ана, биҳишт!.. Он дар дасти ман, мебинӣ? – Грей паст ханда зад ва дасти хурди худро кушод. Кафи басо нозук, вале дорои нишонаҳои қатъиятро офтоб равшан кард ва писарак ангуштонашро мушт намуд. – Ана, он дар ин ҷост!.. Гоҳе дар ин ҷо аст, гоҳе нест.

Ин суханонро мегуфту ӯ гоҳ ангуштонашро во мекард, гоҳ мефишурд ва оқибат мамнун аз ҳазли худ аз Польдишок пеш гузашта, бо зинапояи тира тохта ба долони қабати якум баромад.

Ба Грей вориди ошхона гаштанро манъ карда буданд, аммо боре ӯ дари ин олами аҷиби оташи мунаввар, манбаи бухор, дуда, ҷаззу ҷузу бақар-бақар ҷӯшидани дегҳо, садои корд ва бӯи хушлаззати таомҳоро дида, пайваста ба ин хонаи бузург медаромад. Ошпазҳо монанди коҳинҳо босалобат, хомӯш ҷунбуҷӯл доштанд; дар иҳотаи деворҳои дудхӯрда кулоҳҳои сафеди онон бо корашон як навъ вазъи хидматгузории тантанавор мебахшид; табақшӯйзанони ғафсу хушҳол дар назди бочкаҳои об табақшӯӣ мекарданд ва ҳар замон садои чиниву нуқра ба гӯш мерасид; писарбачаҳо аз бори гарон хамида, сабатҳои пури моҳӣ, садафи моъкул, харчанг ва меваҷот меоварданд. Дар рӯи мизи дароз тазарвҳои хушнамуд, мурғобиҳои хокистарӣ ва мурғҳои чипор; дар як сӯ танаи хук бо думи кӯтоҳ ва чашмони кӯдаквор пӯшидааш; дар ҷониби дигар –

шалғам, карам, чормағз, майизи соягии кабуд, шафтолуҳои рангин.

Грей аз ошхона андаке меҳаросид: ба назари вай чунин менамуд, ки дар ин ҷо нерӯи мубҳаму сиёҳе ҳукмронӣ дорад ва буньёди ҳаёти кушк ба он вобаста аст: нидоҳои онон ба гӯши вай мисли фармон ва афсунгарӣ мерасид. Ҳаракати ошпазҳо, ки ба тавассути таҷрибаи зиёд такмил ёфта, саҳеҳу таъин гашта буд, ба ӯ чун асари илҳом ҷилва мекард. Азбаски ҳанӯз қомати Грей баланд набуд, вай ба кострюли бузурге, ки ба мисли Везувий хурӯшон буд, нигаристан наметавонист, бинобар он, ба ин зарф эҳтироми махсус дошт. Чӣ гуна ду нафар хизматгордухтарон онро мекофтанд, Грей бо ҳаяҷон менигарист. Ба рӯи оҳани тафсони оташдон кафки пурдуд рехт ва бухори он мавҷзанон бархоста, ошхонаро пур кард. Сонӣ шӯрбо ба якборагӣ хеле зиёд рехту дасти яке аз духтарон сӯхт. Пӯсти дасти вай бар асари шиддати хун филфавр сурх гашт, ҳатто нохунҳояш сурх шуданд ва Бетси (номи хизматгордухтар чунин буд) гирьён-гирьён ба дасташ равған мемолид. Ашки чашмонаш ба рӯи кулчаи ҳаросонаш бетаваққуф мерехт.

Грей лаҳзае шах шуд. То вақте ки занҳои дигар дар сари Бетси чораҷӯӣ доштанд, ӯ ранҷу уқубати дигаронро, ки то ин ҳангом барояш бегона буд, эҳсос кард.

– Сахт дард мекунад? – пурсид вай.

– Озмуда бин, мефаҳмӣ, – ҷавоб дод Бетси дас-

ташро бо пешгираш пӯшида.

Писарак абрӯ чин карду ба рӯи курсича баромад, бо чумчаи дароз аз шӯрбои ҷӯшон гирифту (бояд гуфт, ки он шӯрбои гӯшти гӯсфанд буд) ба ҳамаи ангуштонаш рехт. Таъсири он андак набуд, ӯ аз дарди ҷонкоҳ ночор такон хӯрд. Бо ранги рӯи мисоли орд сафед дасташро ба кисаи шимаш андохта, Грей ба назди Бетси омад.

– Ба фикрам, дастат сахт дард мекунад, – гуфт вай доири таҷрибаи худ ҳарфе ба забон наоварда. – Рафтем ба духтур, Бетси. Рафтем, зуд бош!

Агарчи тарафдорони табобати хонагӣ ба хизматгордухтар пайваста доруворӣ судбахш медоданд, Грей аз домани ӯ гирифта мекашид. Духтарак аз шиддати ранҷ ҳамроҳи ӯ рафт. Духтур дасти ӯро баста, дардашро сабук кард. Баъди рафтани Бетси писарак дасти худро ба духтур нишон дод.

Ин ҳодисаи хурд Бетсии бистсола ва Грейи даҳсоларо дӯсти ҳақиқӣ кард. Духтар кисаҳои ӯро бо самбӯса ва себ пур мекард. Боре вай донист, ки аз ваҷҳи муфлисӣ Бетси ба Ҷими саис шавҳар кардан наметавонад, зеро барои рӯзғордорӣ пул даркор аст. Грей пулдони чинии худро бо оташгирак зада шикасту ҳамаи пули ғункардаашро, ки қариб сад фунт буд, гирифт. Субҳи барвақт бархосту ҳамин ки духтари бебисот ба сӯи ошхона рафт, Грей ба хонаи ӯ даромад ва пешкаши худро ба сандуқи духтар ниҳода, рӯи онро бо руқъае мухтасар пӯшид, ки дар он чунин навишта буд: “Бетси, ин аз туст. Сардори дасти ғоратгарон Робин Гуд”. Ин кори ӯ дар матбааҳо-

на валвалае барангехт, ки Грей ба ночор ба дурӯғи худ иқрор кард. Аммо ӯ пулро баргашта нагирифт ва аз ин бобат дигар гуфтугӯ кардан нахост.

Модари вай аз он зотҳое буд, ки рӯзгор зоҳиру ботини онро дар қолиби тайёре рехтааст. Ӯ ҳаёти хоболудонаи аз ҳар ҷиҳати таъмин ба сар мебурд. Одатан, зиндагии онон ҳар як хоҳиши рӯҳи миёнаҳолро дар назар дошта, барои ӯ ба ҷуз машварат бо дарзиҳо, табиб ва пешхизмат дигар коре набуд. Фақат дилбастагии пурэҳтирос, ҳатто диёнатомез ба писари аҷоибатовари худ, дар назар ягона дастаки хоҳишҳои аз таъсири тарбия ва қисмат шахшудаи ӯ буданд, ки ҳоло зинда набошанд ҳам, ҷунбише доштанду ӯро ба беғайратӣ ва бефаъолиятӣ афкандаанд. Хонуми олитабор товуси куркеро мемонд, ки тухми қуро зер кардааст. Вай аз махсусияти зебои писар алам мекашид; вақте ки писарро ба оғӯш мекашид, вуҷуди ӯро андӯҳ, меҳр ва хиҷолат фаро мегирифт, агарчи забонаш аз рӯи одати маъмула суханони дар инчунин ҳол гуфтаниро иброз дошт, аммо дили ӯ матлаби дигареро мегуфт. Чунон ки асари абрҳо бо анвори аҷибу ғарибы хуршед омехта, ба бисоти оддии хонаи бегона медарояду онро аз назокати дилгири худ маҳрум месозад; чашмҳо хонаро мебинанду намешиносанд; ҷилваи асроромези нур дар миёни касифию ночизӣ мувозанати ҳайратангезе ба вуҷуд меоварад.

Чеҳра ва қадду басти хонуми олитабор Лилиан Грей, ки ба садоҳои оташини ҳаёт гӯё фақат бо хо-

мӯшии сарду яхбаста ҷавоб медоданд, хонуме, ки ҳусни наҳифаш ҷои он, ки ҷалби назарҳо кунад, кароҳат меовард, зеро дар ҳаракатҳои ӯ хоҳиши махсуси аз назокату ҷазби занона орӣ эҳсос мешуд, ҳоло дар танҳоӣ бо писари худ ба модари оддӣ табдил ёфта буд ва бо лаҳни нарму муҳаббатомез суханоне мегуфт, ки агарчи пучу ночизанд, ончунон меҳрогин ва тафдор буданд, ки дар коғаз сабт кардан наметавон, зеро таъсири қудрати онон на дар маънӣ, балки дар эҳтироси онон аст. Ӯ қатъиян ба майлу хоҳиши писар монеъ будан наметавонист. Вай ҳама гуноҳи ӯро мебахшид, ба ошхона даромадан, аз дарсхонӣ саркашӣ, гапногирӣ ва боз дигар нағмаву найрангҳо.

Агар ӯ нахоҳад, ки шоххҳои дарахтонро бибуранд, ба дарахтон даст намерасонанд, агар ӯ авф ё тақдир кардани ягон касро хоҳиш мекард, он шахс нек медонист, ки инчунин хоҳад шуд; вай ба ҳар як аспи дилхоҳаш савор мегашт, ҳар сагеро хоҳад, ба қаср медаровард, ба майли худ китобхонаро мекофт, пойи бараҳна мегашт ва ҳар хӯрдание ба ёдаш расад, мехӯрд.

Падар муддате ба ин ҳол муқобилият кард, аммо зуд аз ин амри худ даст кашид, зеро завҷааш аз ӯ инро хоҳиш дошт. Вай аз хавфи он, ки ба таъсири ҷамъияти поён нозпарвардиҳои кӯдак ба ҳукми одат медароянду минбаъд бартараф кардан мушкил мегардад, ҳамаи бачагони хизматгаронро аз қаср биронд ва бо ҳамин қонеъ шуд. Умуман, вай бо муро-

фиаҳои бешумори фомили хонаводa банд буд, ки ибтидои ин моҷароҳо ба давраи пайдоиши фабрикаҳои коғаз марбут ва бо фавти ҳамаи тӯҳматпешагон ба поён мерасид. Ба ғайр аз ин, умури давлатӣ, кору бори амлок, имлои хотирот, шикорравиҳои маъмулӣ, мутолиаи рӯзнома ва мукотибаи мураккаб ӯро фикран аз хонавода канор мебурданд; вай писарашро ба ҳадде дер-дер медид, ки гоҳе чандсола будани ӯро фаромӯш мекард.

Ба ҳамин минвол Грей дар олами махсуси худ умр ба сар мебурд. Одатан, вай дар ҳавлиҳои ақиби қаср, ки дар замонҳои пешин молики муҳиммоти ҳарбӣ буданд, тоқаю танҳо машғули бозӣ буд. Ин харобаҳои доманадор, бо пасмондаи хандаққҳои чуқур, таҳхонаҳои сангини ушнабаста аз бурган, газна, мушхор ва ғайра гулу гиёҳи оддии худрӯ пур буданд. Грей саргарми таҳқиқи хонаи кӯрмушҳою ҳарбу зарби бурганҳо буд, машғули гирифтани шапарак ва аз хиштпораҳо қаср сохта, сипас онро бо чӯбу санг зада, хароб мекард.

Вай дувоздаҳсола буд, ки ҳар як талаби рӯҳонии вай, ҳамаи хислатҳои парешони маънавиёти вай ва анвои эҳтиросу ҳаяҷони пинҳонии вай дар як лаҳзаи шадиде ба ҳам пайванд хӯрданду ба худ як ифодаи комил гирифтанд ва ба майлу хоҳиши таслимнопазире табдил ёфтанд. То ин замон вай фақат ҷиҳатҳои алоҳидаи боғи худро дарьёфта буд – равшанӣ, соя, гул, танаю соқаи анбӯҳ ва пуршукӯҳ, ки дар бисьёр боғоти дигар медид, аммо ба якборагӣ онҳоро

essentially

ончунон равшану возеҳ дид, ки ҳама дар мувофиқати зебою афсунгарона ҷилва мекарданд.

Ин ҳол дар китобхона рӯй дод. Дари баланди он, ки қисми болояш шишаи тира дошт, мисли ҳамеша руст буд, аммо забонаки қуфл чандон сахту устувор набуд; агар дарро бо даст сахттар тела диҳед, он қафо мерафту таранг мегашт ва боз мешуд. Чун рӯҳи таҳқиқгарӣ Грейро маҷбур сохт ба китобхона ворид гардад, ӯро нури ғуборолуд ҳайрон кард. Ҳама неру ва махсусияти шуоъ аз он буд, ки шишаҳои қисми болои тирезаҳо рангин ва дорои нақшу нигор буданд. Хомӯшии бекасона дар ин макон оби толобро монанд буд. Қатори ҷевонҳои тираранги китоб баъзан пеши тирезаро то ним банд мекарданд; миёни ҷевонҳо гузаргоҳ буд, аммо ин гузаргоҳҳоро ҳам бо китобҳо банд карда буданд. Дар ин ҷо – альбоми кушодае, ки варақҳои дарунаш канда афтодаанд, дар он сӯтар – тӯморҳои бо ресмони заррии бастагӣ; як даста китоби тираранг; таҳ-таҳ дастнависҳои ғафс, тӯда-тӯда ҷилдҳои хурду минётурӣ, ки агар варақ кушоед, мисли пӯстлох шараққос зада садо медоданд; дар ин ҷо – нақшаҳо ва ҷадвалҳо, китобҳои нашри нав, харитаҳо; муқоваҳои гуногун: дурушту нафис, сиёҳу ало, кабуду тираранг, ғафсу тунук, дағарбуғуру лайс. Ҷевонҳо пуропури китоб. Ин ҷевонҳо ба деворе монанд буданд, ки андаруни худ ҳаёт доранд. Дар шишаи ҷевонҳо ҷевонҳои дигар акс менамуданд, ки доғҳои берангу ҷилодор доштанд. Глобуси бузурге, ки дар банди

салиби мисини хатти устово ва нисфуннаҳор буд, дар рӯи мизи давра меистод.

Грей ба сӯи баромадгоҳ нигаристу дар болои дар тасвири бузургеро дид, ки бо мазмуни худ вазъи карахту дамгири китобхонаро пур мекард. Дар тасвир киштие акс ёфта буд, ки дар сари ёлаи амвоҷи баҳр меҷаҳид. Аз саҳни нишеби он кафки об мешорид. Киштӣ дар ғояти боло ҷаҳиданаш тасвир ёфта, рост ба сӯи бинанда меомад. Сутуни баланди бодбон буньёди онро аз назар пинҳон мекард. Ёлаи амвоҷ, ки онро дами киштӣ зер карда паҳн месохт, болҳои мурғи бузургеро ба ёд меовард. Кафки об дар ҳаво парешон мегашт. Дар паси бакборт, аз сутунҳо ҳам баландтар, бодбонҳо тира ба назар менамуданд, ки аз шиддати тӯфони хурӯшон пур гашта, бо ҳама азамати худ ба қафо ҳам хӯрда буданд, то ки амвоҷро гузашта боз рост гардандаю ба қаъри баҳр рӯ оварда, киштиро ба сӯи амвоҷи нав пеш баранд. Абрҳои дарида ба болои уқьёнус паст фуруд омадаанд. Равшании хира бо торикие, ки ҳоло мефуромад, дар талош буд. Аммо дар ин тасвир тимсоли як нафар одаме, ки рӯи баки киштӣ, пушт ба бинандагон буд, аз ҳама муҳим аст. Ӯ ҳолат ва хосияти он лаҳзаро хеле возеҳ баён мекард. Тарзе, ки ӯ меистод, (вай пойҳояшро васеъ монда, ду дасташро кушода буд) аз машғулияти ӯ бо коре хабар надиҳад ҳам, водор мекард, ки ҷалби диққат ва изтироби бениҳояти ӯро ба чизе дар саҳни киштӣ пай баред, агарчи он чиз ба бинанда ноаён буд. Домани

барзадаи кафтанаш дар чанги бод ҳилпирос мезад; мӯи сафед ва шамшери сиёҳаш ҳам ба ҳаво мепариданд. Либоси фохири ӯ гувоҳӣ менамуд, ки ӯ ноходои киштӣ аст, ҳолати рақсони танаш аз хурӯши амвоҷ амвоҷ далел буд; бекулоҳ, аз афти кор, ӯ ба вазъи таҳлукаангез банд буд ва чизе гуфта фарьёд мекард. Чӣ мегуфт? Ба об афтодани касеро дида бошад, ё амр мекунад, ки киштиро ба дигар самт гардонанд ва ё муқобилати бодро шикаста боқманро ҷеғ мезанад. Грей чун ба ин тасвир нигарист, дар вуҷуди ӯ фикр не, балки сояи ин фикрҳо нумӯъ карданд ва ногаҳон ба ӯ чунин намуд, ки касе ношиносу нонамоён аз самти чап омада, дар паҳлӯи вай истод; агар Грей андаке сарашро гардонад, ин эҳсоси аҷиб бенишон нопадид мегашт. Бинобар он, ӯ тахайюлоти худро хомӯш накарду гӯш дод. Садои беоҳанг ба фарьёд чанд иборае канда гуфт, ки мисли забони малазӣ нофаҳмо буд. Садое баланд шуд, гӯё ба афтодани кӯҳ шабеҳ буд. Акси садо ва боди тира китобхонаро пур кард. Тамоми инро Грей дар ботини худ мешунид. Ӯ ба атрофаш нигарист: лаҳзаи сукунате, ки барқарор гашт, торҳои ҷарангосии анкабути хаёлро парешон сохт; алоқамандӣ бо тӯфон барҳам хӯрд.

Грей ба дидани ин тасвир чандин бор омад. Ин тасвир барои ӯ он каломи даркоре буд, ки дар гуфтугӯи рӯҳ бо рӯзгор агар он нест, худро дарьёфтан мушкил аст. Дар вуҷуди писараки хурдсол тадриҷан дарьёи бузурге ғунҷоиш меёфт. Вай дар

китобхона кофтуков мекарду китобҳоеро меёфту мехонд, ки баъди кушодани ҷилдҳои зарини онон тобиши кабуди уқьёнусро медид ва ба ин муҳит хӯ мегирифт. Дар уқьёнус киштиҳо дар ҳаракат буданду аз паси худ амвоҷи кафк мекоштанд. Баъзе аз онҳо пояҳо ва бодбонҳои худро гум карда, мавҷҳоро дам кашида ба қаъри гирдобҳо фурӯ мерафтанд, ки дар он ҷо чашмони фосфории моҳиҳо милтос мезаданд. Киштиҳои дигар дар чанги амвоҷи кафкдор бар харсангҳои зери об бармехӯрданд; мавҷҳои таскингирифта бо даҳшат киштиро алвонҷ медоданд; киштие, ки одамон саҳни онро тарк карда буданд, бо арғамчинҳои канда-кандааш то он вақте ки тӯфони нав расида, онро лахта-лахта намекард, муддати дароз ҷонканӣ дошт. Гурӯҳи сеюм басаломат аз як бандар бор мегирифту дар бандари дигар борашро мефуровард; аҳли киштӣ дар сари мизи ошхона нишаста, дар тасвири шиноварӣ таронаҳо мехонду аз сари меҳр арақ мехӯрд. Дар он уқьёнус боз киштиҳои раҳзанон буданд, ки байрақи сиёҳ ва одамони даҳшатангези дар дастҳо корд ба ҷавлон доштанд; боз киштиҳои хаёлӣ буданд, ки бо шуои мурдаи кабудфом ҷило медоданд; киштиҳои ҳарбӣ бо аскарон, тӯпҳо ва оҳангу наво; киштиҳои тадқиқоти илмӣ, ки кӯҳҳои оташфишон ва ҳайвоноту набототро менигаристанд; киштиҳои тираю пурасрори исьёнкокорон; киштиҳои кашшофон ва киштиҳои ҳодисоти пурмоҷаро.

Дар ҷаҳони киштиҳо нохудо дар ҳама бобат аз

дигарон ба қадри як сару гардан баландӣ дошт. Вай қисмати киштӣ, рӯҳи он ва ақли он буд.Тинати ӯ, хулқи ӯ фароғат ва кору амали аҳли киштиро муқаррар мекард. Ҳайати маллоҳонро ӯ худ шахсан интихоб карда мегирифт ва дар ҳар бобат он ба хулқу атвори ӯ мувофиқат дошт. Ӯ одат ва вазъи хонаводаи ҳар як маллоҳро медонист. Дар назари тобеони худ вай дорои донишу хиради сеҳрангезе буд, ки ба тавассути ин ҳунарҳо ӯ аз роҳи ноошно, бигирем, аз Лиссабон то Шанхай дилпур ва беҳарос мерафт. Вай ба тӯфон муқовимати мураккаби нерӯи худро пеш мегузошт ва ваҳму воҳимаро бо фармонҳои кӯтоҳ-кӯтоҳи худ бартараф месохт; ба майли худ шино мекард ва ба ихтиёри худ таваққуф дошт; бо амри ӯ шиноварон мегаштанд, бор мегирифтанд, ба таъмир машғул буданд ва фароғат доштанд; дар ҳаёти воқеӣ инчунин ҳукми бузург ва хирадмандонаро, ки мо-ломоли ҳаракати мунтазам бошад, дар тасаввур овардан муҳол аст. Ин ҳокимияти тамом ва маҳдудро ва фармонравии Орфей монанд мекарданд.

Дар ҳақи нохудои киштӣ чунин тасаввурот ва чунин вазъи ҳақиқати кору амали он дар шуури дурахшони Грей мақоми асосӣ гирифт. Ба ҷуз ин дигар ҳеҷ касбу коре тамоми неъмати умрро ба ин тариқ моҳирона махлут карданаш даргумон буд, нақшу нигори нафиси ҳар як бохту барори алоҳидаро ба тарзи дастнорас нигоҳ дошта наметавонист. Хавфу хатар, дил ба дарьё задан, ҳукми табиат, шуои кишварҳои дур, ноошноии аҷиб, муҳаббати но-

таъине, ки васли гулафшон ва ҷудоиҳо дорад; мулоқоти рағбатомез, чеҳраҳо, ҳодисаҳо; гуногунвазъии беҳисоби рӯзгорон буду дар осмони баланд гоҳ Салиби ҷанубӣ, гоҳ Дубби Акбар ва ҳамаи қитъаҳо дар пеши назар буд. Ҳуҷраҳо пур-пур аз нишони ватан, бо китобҳои он, тасвирҳои он, номаҳо ва гулҳои хушки он, тӯморҳои чармини торҳои мӯи бирешимин печондагӣ дар синаҳои сахт овезон.

Тирамоҳон, дар синни понздаҳсолагӣ Артур Грей ба тарзи махфӣ қасрро тарк карду аз дарвозаи заррини баҳр ворид гашт. Муддате аз миён нагузашта аз бандари Дубельт киштии "Ансельм" ба сӯи Марсел роҳ гирифту шогирдони маллоҳро бурд, ки зоҳиран ба духтаракон монанд, дастонаш басо хурд буданд. Ин шогирди маллоҳ Грей буд, ки соҳиби борхалтаи зебои сафарӣ, мӯзаҳои монанди дастпӯшак тунуки локӣ, либоси таҳпӯшӣ ва рахти хоби батисти ҳошияаш гулдӯзӣ буд.

Дар тӯли як соле, ки "Ансельм" ба бандарҳои Франция, Америка ва Испания даромада баромад, Грей ба хотираи айёми гузашта як бахши молу манолашро барои кулчақанд сарф кард, бахши дигарро барои имрӯзу фардо – дар қартабозӣ бой дод. Вай маллоҳи "девкор" гаштан мехост. Ӯ нафасгир мегашту арақро меошомид, ҳангоми оббозӣ бо дили таҳ кашида аз баландии ду сажен[1] бо сар худро ба об меандохт. Кам-кам вай ба ҷуз рӯҳи пурасрори

[1] *Сажень* – андозаи дарозӣ дар Россияи тоинқилобӣ, баробари 2,13м.

парвозҳоҳаш дигар ҳамаро гум кард; сустии аъзои ӯ барҳам хӯрда, шонапаҳн ва рагу пояш сахт шуд, андоми рангпаридааш офтоб зада сиёҳча гашт, бепарвоии пурназокати ҳаракаташро ба чолокии пурэътимоди дастони пуркор иваз кард, дар чашмони андешамандаш шарорае, ки дар чашми одами ба оташ нигаранда зуҳур меёбад, пайдо шуд. Нутқи вай ҳам оҳанги ноҳамвор ва шармгини сохтаашро гум карду мисли зарбаи моҳихӯрак аз паи ҷилваи нуқрагини моҳӣ бар об мухтасар ва дақиқ гашт.

Нохудои "Ансельм" марди покдилу накӯкор, вале маллоҳи сахтгиру шадид буда, писаракро аз рӯи мазоҳ ба киштӣ гирифта буд. Дар хоҳиши бениҳояти Грей вай ҳавою ҳаваси хандаовареро медиду бас, бинобар он, қаблан тантана дошт, ки писарак ду моҳ гузашта-нагузашта назди ӯ меояду аз хиҷолат ба рӯи вай нанигариста мегӯяд: "Мӯҳтарам Гоп, ман дар арғамчин кашола гаштаму он оринҷамро бурид; паҳлӯям ва тахтапуштам дард мекунад, ангуштонам хаму рост намешаванд, сарам гӯё мекафад, пойҳоям меларзанд, ҳар яке аз ин арғамчинҳои тар аз ду пуд сабуктар нест; ҳамаи лееру ванту брашпил, симҳою стенгҳою саллингоҳо[2] гӯё

---

[2] *Леера, вант, брашпил, стенга, саллинг: леер* –арғамчин ё симҳое, ки саҳни кушоди киштӣ, суфаҳо ва ғайра ҷойҳоро тавора мегиранд; *вант* – симҳои пӯлодӣ ё канабие, ки тири киштиро аз паҳлӯ устувор мекунанд ва мелағҷонанд; *брашпил* – ғарғарае, ки бо он лангари киштиро мебардоранд; *стенга* – бахши болои тири киштӣ, агар он аз ду сутун иборат аст; *саллинг* – чаҳорчӯбае, ки аз қаду бар хода ниҳода ба он стенгаро устувор мекунанд.

барои ранҷу азоби ҷисми нозуки ман сохта шуда-анд. Ба назди модарам меравам”. Хаёлан ин арзадошти писаракро шунида, нохудои киштӣ Гоп инчунин мегуфт: “Ба ҳар куҷое рафтан мехоҳед, ихтиёр доред, кабӯтараки ман. Агар ба болу парҳои нозукатон равғани қатрон часпида бошад, метавонед онро дар хона бо атри “Гули абрешим” бишӯед”. Киштибонро беш аз ҳама ин атри хаёлиаш хушнуд мекард ва ҷавоби тунду талхи пиндошти худро ба поён расонида, ӯ овоз баровараа мегуфт:

– Бале. Ба ҷониби “Гули абрешим” бишитобед.

Воқеан, ин гуфтугузори таъсирбахш айёми охир тадриҷан дер-дер ба ёди киштибон мерасид, зеро Грей ба сӯи мақсад дандон ба дандон фишурда, бо ранги рухи сафеду кандагӣ мерафт. Ӯ бо азму матонати қатъӣ ранҷу заҳмати ноорomро тоқат меовард, эҳсос мекард, ки ин киштии бешафқат торафт ба ҷисму ҷони вай ворид мегардаду ҳоли ӯ сабуктар мешавад, нотавониаш ба одати маъмулӣ табдил мегардад. Баъзан ҳалқаи занҷири лангар ӯро аз по меафтонду ба саҳни киштӣ мезад, арғамчини ба кнехта[3] набастагӣ аз дасташ мерафту бодбонҳо ва ҳалқаҳои оҳанини онҳоро меканд, пӯсти дастони ӯро мехоид ва бод ба рӯи вай бодбони тар ва ҳалқаҳои оҳанини ба он дӯхтагиро мезад. Хулосаи калом, ҳама кор ӯро ончунон уқубатовар буд, ки аз вай

[3] *Кнехт* – олате ба монанди поя (чӯянӣ, пӯлодӣ, ё чӯбӣ), ки дар саҳни киштӣ ё бандар устувор мекунанд ва он барои бастани киштӣ аст.

диққати комил талаб дошт, аммо ҷавон агарчи ба сахтӣ нафас мегирифту миёнашро ба азоб хаму рост мекард, ҳамеша дар чеҳрааш табассуми бепарвои нописандона гул-гул мешукуфт.

Ӯ тамасхури ҳамкоронро хомӯш тоқат дошт, ба таҳқир ва дашномҳои доимӣ ҳанӯз одат накарда буд, вале минбаъд ба ҳар як ҳақорат муносиб ҷавоб медод.

Боре киштибон Гоп чигуна бодбонро моҳирона бастани ӯро диду ба худ гуфт: “Ту зӯр баромадӣ, шайтон”. Чун Грей ба саҳни киштӣ фуруд омад, Гоп ӯро ба ҳуҷрааш даъват кард ва сипас китоби фарсудаеро кушода, гуфт:

– Ба диққат гӯш кун. Тамокукаширо бас кун! Ту, гӯсоларо, акнун ба киштибонӣ комилан тайёр мекунам.

Ва ӯ аз рӯи ин китоб суханони қадими дарьёнавардонро ба хондан шурӯъ кард, дурусттараш мегуфт, балки ба фарьёд мегуфт. Ин сабақи нахустин буд. Дар тӯли як сол Грей бо илми киштиронӣ, амалияи киштисозӣ ҳуқуқи баҳрӣ, илми раҳбаладӣ дар баҳрҳо, ҳисобу китоб ошно шуд. Киштибон Гоп акнун даст ба ӯ дода мегуфт: “Мо”.

Дар Ванкувер Грейро номаи модар дарьёфт, ки моломоли ашку тарсу ҳарос буд. Ӯ чунин ҷавоб фиристод: “Ман медонам. Кошкӣ, ту бо чашмони ман медидӣ; бо чашмони ман нигар. Кошкӣ, ту монанди ман шунидан метавонистӣ; гӯш ба садафи гӯшмоҳӣ вақф кун; аз он садои амвоҷи ҷовид меояд; агар ту

монанди ман ҳамаро дӯстдорӣ метавонистӣ, он гоҳ ман аз номаи ту ба ғайр аз меҳр ва пул боз табассум ҳам меёфтам...” Ва ӯ шиноварии худро идома дод, то он вақте ки “Анселм” бор гирифта ба “Дубельт” расид ва дар он ҷо Грейи бистсола аз таваққуфи киштӣ истифода карда, ба дидани қаср бирафт.

Ҳама чиз мисли пешин буд; мисли он, ки панҷ сол қабл аз ин буд, ҳама бетағйир, фақат шоху барги садаҳо ғулитар гаштаанд; садаҳо сабзида, сояи онҳо, ки бар даромадгоҳи қаср гуландозӣ мекард, бузургтар гаштааст.

Хидматгороне, ки шодмон ба истиқболи ӯ давиданд, бо эҳтиром ва ҳаяҷон карахт гаштанд, чунон ки дирӯз ин Грейро пешвоз гирифта бошанд. Дар куҷо будани модаратро ба вай гуфтанд; вай ба хонаи баланд ворид гашт ва дарро бесадо кушода, ба зани сиёҳпӯши мӯсафед нигариста бесадо таваққуф кард. Зан дар рӯ ба рӯи тасвири пайғамбари чормех истода буд; пичирроси пурҳаяҷони вай монанди тапидани шиддатноки дил оҳангдор буд. “Дар ҳақи шиноварон, мусофирон, дармандон, уқубаткашон ва асирон”, – шунид Грей кӯтоҳ нафас кашида. Сипас боз ба гӯшаш расид. “...ва ба писараки ман...” Он гоҳ вай гуфт: “Ман...” вале дигар сухане гуфтан натавонист. Модар ба қафояш нигарист. Ӯ лоғар гашта буд. Дар чеҳраи латифу ғуруромези вай ифодаи нав ҷилвагар шуд, ки ба ҷавонии баргашта шабоҳат мекард. Вай бо суръат ба сӯи писар омад: хандаи кӯтоҳи ҷарангосӣ, хитоби бовиқо-

рона ва оби чашм – дигар гап не. Вале дар ин дақиқа ӯ дар нисбати тамоми умри худ беҳтар ва тавонотар зиндагӣ дошт. “Ман дарҳол туро шинохтам, азизакам, хурдакаки ман!” Ва дар воқеъ, Грей баркамолии худро гӯё фаромӯш кард. Вай ҳикояти фавти падарро шунид, сипас саргузашти худро гуфт. Модар суханони ӯро бетаъна ва эътироз гӯш медод, вале дар дилаш ҳамаи он чизе, ки писар чун ҳақиқати рӯзгори худ тасдиқ мекард, чун ба бозича ва саргармиҳои кӯдакона менигарист. Қитъаҳо, уқьёнусҳо ва киштиҳо аз ҷумлаи чунин бозичаҳо буданд.

Грей дар қаср ҳафт рӯз буд; дар рӯзи ҳаштум ӯ маблағи калонеро гирифту ба Дубельт баргашт ва ба киштибон Гоп гуфт: “Ташаккур. Шумо рафиқи накӯкор будед. Хайр, падруд, рафиқи калонсолам, – ӯ инро гуфту маънии ҳақиқии суханашро бо сахт фишурдани даст тасдиқ кард. – Акнун ман алоҳида, дар киштии худ шино мекунам”. Гоп шӯрид, бо қаҳр туф кард, дасташро аз дасти ӯ гирифту бадар рафт, вале Грей ба ӯ расиду оғӯш кашид. Онҳо дар меҳмонсаро ҳама – бисту чор тан аҳли киштӣ нишастанду ҳар он чи дар буфет буду дар ошхона, хӯрданд, нӯшиданд, таронхонӣ карданд, фарьёдҳо кашиданд.

Аз миён муддате гузашту дар бандари Дубельт ситораи шом бар хати сиёҳи сутуни нави киштие медурахшид. Ин киштӣ мусаммо бар “Асрор” буд,

ки Грей онро харида буд. Галиоти[4] сесутунаи андозааш дусаду шаст тонн. Ба ҳамин минвол, нохудо ва соҳиби киштӣ Артур Грей боз чор сол шиновар буд, то қисмат ӯро ба Лисс биовард. Вале ӯ он хандаи кӯтоҳи ҷарангнокро, ки дар хона ӯро истиқбол карда буданду аз оҳанги диловез моломол буд, абадан дар ёд дошт ва соле ду бор ба қаср меомад ва ба он зани мӯйҳояш нуқрафом эътимоди нобоваронае мебахшид, ки писараки бузурги ӯ бозичаҳои худро ба хубӣ идора мекунад.

## III
## САПЕДАДАМ

Амвоҷи кафке, ки киштии Грей "Асрор" аз паси худ меафканд, уқьёнусро хати сафед кашида гузашту шомгоҳон дар зери шӯълаи чароғҳои Лисс нопадид шуд. Киштӣ дар қариби бурҷи раҳнамо, дар лангаргоҳ таваққуф кард.

Киштӣ даҳ рӯз шоҳивор, қаҳва ва чой фуровардду рӯзи ёздаҳумро аҳли киштӣ дар соҳил бо фароғат ва шаробхӯрӣ гузаронданд; рӯзи дувоздаҳум Грей худ ба худ, бесабаб дилтанг буд ва сабаби ин мағшуширо намедонист.

Субҳ аз хоб бедор гашту ӯ пай бурд, ки имрӯз бехосият оғоз гирифт. Вай димоғошуфта либос пӯшид, бераѓбат ношто шикаст, мутолиаи рӯзномаро фаромӯш карду дурудароз тамоку кашид. Тазъиқи

[4] *Галиот* – киштии бодбонӣ

нотаъине бесабаб ӯро дар шиканҷа гирифта буд. Миёни суханоне, ки ба ночор ба забон меоварданд, хоҳишҳои иқрор нокардааш ифода меёфтанду ҳамвора якдигарро нобуд месохтанд. Он гоҳ ӯ ба кор шурӯъ кард.

Ҳамроҳи новустувор Грей киштиро давр зада, санҷидан оғоз кард, амр дод арғамчинҳоро сахт кашиданд, штуртросро[5] суст, клюзҳоро[6] тоза карданд, кливерро[7] ба тарзи дигар гузоштанд, саҳни киштиро қир молида, қутбнаморо пок карданд, таххонаҳоро кушода, шамол доданд, хокрӯбаашро бароварданд. Аммо ин кор ҳам Грейро саргарм намекард. Вуҷудаш пуризтироб ва дилтангу андӯҳгин ӯ рӯзро асабонӣ ва маҳзун гузаронд. Ба вай чунин менамуд, ки касе ӯро даъват карда буд, аммо фаромӯш кард, кӣ буд он ва ба куҷо хонда буд.

Бегоҳирӯзӣ вай дар ҳуҷрааш нишасту ба даст китоб гирифт, вале дар ҳошияи он қайдҳои ғайриодатӣ навишта, ба муаллиф эътироз мекард. Муддате ин бозӣ, ин сӯҳбат бо мурдае, ки дар қабр хобида ҳукмравоӣ дошт, ӯро машғул сохт. Сипас чубуқи худро гирифту дар дуди кабуд ғӯта хӯрд ва дар муҳити нақшҳои ислимии норавшане, ки дар қабатҳои ларзону нопойдори он рух мезад, ба андеша фурӯ рафт.

---

[5] *Штуртрос* – занҷир ё симе, ки аз устувонаи муҳаррик ба суккон пайванд аст.

[6] *Клюз* – сурохие, ки аз он арғамчин лангар бурен меояд.

[7] *Кливер* – бодбони уребе, ки дар қисми пеши тири киштӣ аст.

Тамоку қудрати даҳшатангезро дорост. Чунон ки равғанрезӣ ба мавқи хурӯшон шӯру талотуми онро пасанда мекунад, тамоку ҳам изтироби эҳсосро нарм сохта, онро чандин парда хомӯш месозад; оҳанги он мутантан, ором ва гӯшнавоз мегардад. Бинобар ин ҳам андӯҳи Грей пас аз се чубуқ кашидан туғьёни шӯрангези худро гум кард, ба парешонҳолии андешамандона гузашт. Чунин ҳолати ӯ қариб як соат идома ёфт. Чун тирагии рӯҳонии ӯ даргузашт, Грей ба худ омад, вуҷудаш тақозои ҳаракат кард ва ӯ ба саҳни киштӣ баромад. Шаб чодир афканда буд; берун аз саҳни киштӣ дар оби сиёҳ ситорагон ва чароғҳои сутуни киштӣ чашмак мезаданд. Ҳавои гарм монанди рухсора бӯи баҳр мекард. Грей сарашро бардошту бо чашмони нимроғ ба шӯълаи зарриниситора нигарист. Ҳамон лаҳза аз масофаи дуродури беқиёс сӯзанаи оташини сайёраи дур ба гавҳари чашми вай бархӯрд. Валвалаи норавшани шомгоҳони шаҳр аз ҷониби халиҷ ба гӯшаш расид. Аҳьён-аҳьён бод аз рӯи оби мусаффо ба гӯши вай порае аз сухани дар соҳил гуфта шударо меовард чунон ки дар саҳни киштӣ гуфта бошанд; он возеҳ ба гӯш мерасиду миёни ғиҷирроси арғамчинҳо гум мешуд. Дар саҳни пеш гӯгирд фурӯзон гашту ангуштҳо, чашмони калон ва мӯйлабҳоро равшан кард. Грей ҳуштак кашид. Оташи чубуқ ба ҷониби ӯ ҳаракат кард. Баъд киштибон дар торикӣ дасту рӯи навбатдорро дид.

– Ба Летика гӯй, – гуфт Грей, – вай ҳамроҳи ман

меравад. Шастҳоро бигирад.

Вай ба заврақ нишасту даҳ дақиқа барин Летикаро нигарон шуд, сипас, ҷавони чолоки айёрнамо белҳоро тарақ-туруқ ба лаби киштӣ зада, онҳоро ба Грей дод; баъд худаш ҳам фуромад, белҳоро ба ҳалқа андохт, халтаи хӯрокворириро дар қафои заврақ ҷой кард. Грей ба сари суккон нишаст.

– Ба куҷо ронам, нохудо? – пурсид Летика заврақро бо бели рост чарх гардонда.

Киштибон хомӯш буд. Маллоҳ медонист, ки ҳангоми инчунин хомӯшӣ сухане гуфтан зиёдатист, бинобар он, ҳарфе назада заврақ ронд.

Грей сараввал ба сӯи баҳри кушод ҳаракат карду сипас қад-қади соҳили чап мерафт. Ба куҷо меравад барои вай аҳамияте надошт. Суккон садои кунд мебаровард. Белҳо шaраққосу шалаппос мезаданд, боқӣ ҳама баҳр буду хомӯшӣ.

Дар тӯли як рӯз ба сари одамӣ ин қадар фикрҳо мерасанд, таъсирот, гуфтугӯй, ки ҳамаи онро агар ғун созанд, китоби ғафсе хоҳад шуд. Симои рӯз тарҳи муайяне мегирад, аммо Грей имрӯз ба ин симо бо диққат менигарист. Дар симои ӯ яке аз он эҳсосоти бисьёре, ки ҳанӯз номи муайяне надоранд, зоҳир мегашт. Ба онҳо чӣ номе надиҳанд, аздусар аз ифодаи забони орӣ, ҳатто аз тасаввур берун, монанди афсуни накҳати хуш хоҳанд монд. Ҳоло Грей дар панҷаи чунин эҳсос афтода буд. Ӯ метавонист, ки бигӯяд: “Ман интизорам, ман мебинам, қариб аст, ки ман мешиносам...” Вале ин суханон ҳам бароба-

ри нақши алоҳидае буданд дар муқобили лоиҳаи комили меъморӣ. Дар ин эҳсос нерӯи шӯридаҳолии равшан дарҷ буд.

Он ҷое, ки онҳо шиновар буданд, соҳил аз самти чап торику мавҷнок ба назар мерасид. Болои шишаҳои сурхи тирезаҳо мӯриҳо шарорапош буданд; ин ҷо Каперна буд. Грей херхашаи мардумон ва аккоси сагонро шунид. Чароғҳои деҳа ба ӯ даричаи сӯхта сӯрох-сӯрох гаштагии оташдонро, ки аз сӯрохиҳои он лахчаҳои фурӯзони ангишт метофтанд, ёд оварданд. Дар самти чапи ӯ уқьёнус, монанди ҳузури инсони хуфта воқеъ буд. Аз Каперна гузашту Грей ба ҷониби соҳил тоб хӯрд. Дар ин ҷо оби баҳр ором буд; дар равшании фонус ӯ тундаи соҳил ва чуқурии он, талу теппаҳоро бидид. Ин макон ба ӯ хуш омад.

– Дар ин ҷо моҳӣ мегирем, – гуфт Грей ба китфи маллоҳи белзан тап-тап зада.

Маллоҳ ноаниқ ҳим гуфт:

– Бо ин хел киштибон бори нахуст шиноварам, – ғурунгос кард вай. – Нохудои кордон, аммо ба дигарон монанд не. Нохудои мушкилписанд. Дарвоқеъ дӯсташ медорам.

Белро ба лойқа кӯфта, вай заврақро ба он баст ва ҳар ду ба боло ҳаракат карданд; аз зери оринҷу зонуҳояшон сангҳо меғелиданду онҳо хазида боло мебаромаданд. Аз сари ҷарӣ бешазор оғоз мегирифт. Садои ба чӯби хушк бархӯрдани теғи табар баланд шуд. Дарахтро афтонда Летика дар сари

ҷарӣ гулхан даргиронд. Сояҳо ва акси гулхан дар об ба ҷунбиш омаданд. Дар доирае, ки торикӣ ақиб нишаста буд, сабзаю навдаҳо равшан ба назар намуданд; дар болои оташи гулхан ҳавои дудомехта ҷило дода, меларзид.

Грей гирди гулхан нишаст.

– Ку, бигир, дӯстам Летика, – гуфт ӯ шишаро дароз карда, – барои сиҳатии ҳамаи парҳезгарон бинӯш. Зимнан, ту арақи хиннӣ не, занҷабилӣ гирифтаӣ.

– Бубахшед, нохудо, – гуфт маллоҳ чуқур нафас гирифта. – Иҷозат диҳед, ана, инро газакӣ кунам... Ӯ ба як бор ними чӯҷаро ба даҳан заду сипас устухони боли онро аз даҳонаш бароварда суханашро идома дод:

– Медонам, ба шумо арақи хиннӣ маъқул аст. Торик буд, шитоб доштам. Медонед, арақи занҷабил касро бешафқат мекунад. Ҳар гоҳе ҷанг кардан зарур ояд, ман арақи занҷабил мехӯрам.

То даме ки нохудо арақу таом мехӯрд, маллоҳ зимнан ӯро назора дошт, сипас тамкин нигоҳ дошта натавонисту гуфт:

– Нохудо, оё дуруст аст, ки мегӯянд, гӯё шумо аз хонаводаи наҷибу шариф ҳастед?

– Ин ҳеҷ аҷоиботе надорад, Летика. Агар хоҳӣ, шастро бигиру моҳӣ дор.

– Шумо чӣ?

– Ман? Намедонам. Шояд... Аммо... сонитар.

Летика шеърхонон шастро мекушод. Зотан, ӯ

дар шеърхонию шеърдонӣ моҳир буд ва аҳли киштиро бо ин ҳунари худ ба ваҷд меовард:

– Аз ресмону аз як чӯб тозиёна сохтам хуб, чангак ҳам бастам онро, чуввос мекунад ҳоло. – Сипас вай бо ангушт қуттичаи кирмдорро кофт. – Ин кирмак дар лою гил овора буд беҳосил, акнун ба чангак афтад, лаққамоҳӣ шавад шод.

Оқибат ӯ таронакунон бирафт.

Шаби орому май орад фароғат, ба чангак тосмоҳӣ мефурояд. Тамоми моҳиён беҳуш гарданд, бигирад Летика бо шаст ҳар дам!

Грей ба обе, ки оташ дар он аксандоз буд, нигариста, дар гирди гулхан дароз кашид. Ӯ ғайри хоҳишу ирода фикр мекард: дар чунин вазъ андеша атрофро ба тарзи парешон дар назар дошта, онро тира мебинад. Он мисоли аспе, ки дар миёни издиҳоми мардумон аст, бо такон, гоҳе тазъиқ оварду гоҳи дигар таваққуф карда метозад. Беҳудагӣ, ҳаяҷону музтарибӣ ва таъхир ҳампанҷаи он аст. Он дар қалби ашьё такопӯ мекунад: аз ҳаяҷони равшан ба ишораҳои пурасрор гузар дорад; дар соҳати замин ва авҷи гардунҳо чарх мезанад, бо ашхоси тасаввурӣ дар гуфтугузор, хотираҳои пешинро гоҳе хомӯш мекунаду гоҳи дигар зинат мебахшад. Дар ин ҳаракати фалаксайр ҳама зиндаву барҷастатимсол ва ҳама дарҳам-барҳам ба мисли ҳазьён аст. Аксар ҳангом шуури оромишёфта ба табассум майл мекунад, хоса вақте ки ҳангоми андешаи қисмат симои сирф номувофиқе пеши назар меояд; ягон навдае, ки ду сол

қабл аз ин шикаста буд. Грей дар сари гулхан ба ин минвол андеша дошт, аммо дар “ким-куҷоҳо” буду дар ин ҷо ҳузур надошт.

Оринҷаш, ки ба он такья дода бо даст сарашро медошт, нам кашида, карахт шуд. Ситораҳо хира метофтанд; аз шиддати ҳуҷуми сапедадам торикӣ ғализтар шуд. Киштибонро хоб ғалаба мекард, вале ӯ инро пай намебурд. Вай шароб хӯрдан хосту ба халта даст дароз кард ва онро хоболуд кушод. Дигар ӯ хоб надид; ду соати дигар барои Грей монанди он ду сонияе буд, ки ӯ сарашро ба рӯи дасташ ниҳода буд. Дар ин муддат Летика ду бор ба сари гулхан омад, тамоку кашид, аз сари мароқ ба даҳони моҳиҳои доштагиаш нигарист, ки чӣ доранд. Аммо маълум аст, ки дар даҳони моҳиҳо чизе набуд.

Аз хоб бедор гашту Грей лаҳзае ҳайрон шуд, ки чигуна ба ин ҷо афтодааст. Ӯ бо тааҷҷуб ва таҳайюр шӯълаи хушбахтонаи субҳгоҳон, ҷарии соҳили миёни шоху навдаҳои равшан ғӯтида, баҳри кабуди беканорро нигарист. Ҳам дар уфуқ ва ҳам дар зери пойҳои ӯ баргҳои чормағз овезон буданд. Дар таҳи ҷарӣ, рост дар паси тахтапушти Грей баҳр шалаппос мезад. Аз рӯи барг қатраи шабнаме шорида, ба рӯи хоболуди вай сард расид. Ӯ бархост. Дар ҳама ҷо равшанӣ тантана мекард. Чӯбҳои нимсӯхтаи гулхан дуди борик бароварда, баҳри ҳаёт талош доштанд. Бӯи он бо ҳавои сабзи беша омехта, фароғати аҷиб мебахшид.

Летика набуд. Вай ба моҳигирӣ саргарм гашта

ҳоло арақшор, ба монанди қиморбоз бо шавқи бемисл моҳидорӣ мекард. Грей аз беша ба буттазори парешони нишебии тал баромад. Сабза гӯё дуд мекарду месӯхт, гулҳои шабнамзада ба мисли кӯдакони зӯран бо оби сард оббозӣ доштагӣ буданд. Ҷаҳони сабз бо даҳончаҳои бешумори худ нафас мегирифту ба гузаштани Грей аз байни тангнои сурурангези худ халал мерасонд. Нохудо ба фарохмайдоне баромад, ки алафҳои гуногун рӯида буд ва духтари навраси хобидаеро дарьёфт.

Вай оҳиста бо дасташ шохеро ба як сӯ гирифту гӯё бозьёфти хатарноке бошад, қарор кард. Дар масофаи на бештар аз панҷ қадам ба худ печида, ғунча гашта, як пояшро дароз карда ва дигарашро ба худ кашида, сараш болои дастони ба тарзи фароғатбахш қаткардааш Ассоли мондаю шалпар мехобид. Мӯйҳояш ба ҳар сӯ парешон афтода буданд. Тугмаи гиребонаш яла гашта, нармаки сафеди зери гарданаш менамуд. Домани куртааш бардошта гашта, зонуяш намудор буд; миҷгонаш дар сояи ҷабини барҷаставу нозукаш, ки як банд мӯй ними онро пӯшида буд, ҳамвор мехобид; ангушти хурди дасти росташ хам задаст; Грей диккак нишаста, ба рӯи духтар аз поён менигарист. Дар ин вазъ, ӯ ҳеҷ хабар надошт, ки ба худои асотирии зироату боғдорӣ, ки дар тасвирҳои Арнольд Бёклин мунъакис аст, шабоҳате дорад.

Аҷаб не, дар ҳолати дигар ва шароити дигаре ин духтаракро ӯ фақат бо чашмонаш медид, вале ҳо-

ло вай ӯро дигаргуна бидид. Тамоми ҳастии вай ба ҷунбиш омад, тамоми вуҷуди ӯ механдид. Вай духтаракро намешинохт, номи ӯро намедонист, ҳеҷ огоҳӣ надошт, ки чаро ӯ дар соҳил хобаш бурда, вале аз ин бехабарии худ қаноатманд ва мамнун буд. Ӯ тасвирҳои беном ва бе шарҳу тавзеҳро меписандид. Таъсири инчунин тасвир беандоза бузург аст. Мазмуни он, ки бо сухан алоқамандӣ наёфтааст, беҳудуд мегардад ва ҳар гуна тахмину андешаҳоро тасдиқ хоҳад кард.

Сояи шоху баргҳо доман барчида ба танаи дарахтон наздик гашту Грей ҳанӯз ҳам дар ҳамон вазъи нобоб менишаст. Ҳама вуҷуди духтар дар хоби бароҳат буд: мӯйҳои сияҳтобаш, куртааш бо ҳама чинҳояш; ҳатто чунин менамуд, ки аз рӯи ҳамраъӣ сабзаҳои наздики тани ӯ хобидаанд. Чун таъсироти бардоштааш комил шуд, Грей ба ҷараёни гарму шустагари он даромаду дӯш бар дӯши он шиновар гашт. Летика дер боз фарьёд дошт: “Нохудо, шумо дар куҷоед?” – вале нохудо фарьёди ӯро намешунид.

Оқибатуламр, вақте ки аз ҷои худ бархост, майлу рағбати ӯ ба махсусияти ғайримуқаррарӣ бо қатъияту илҳоми зани ғазаболуда рӯ ба рӯ шуд. Вай андешаманд ба ӯ сар фуроварду аз ангушти худ ангуштарини қадими гаронбаҳоро баровард. Ӯ худ ҳанӯз бехабар буд, ки бо ин амал шояд ба рӯзгорон мисли қоидаи имло матлаби муҳимеро гӯшрас мекунад. Ӯ ангуштаринро оҳиста ба ангушти хурди духтар, ки аз паси сараш сафедӣ мекард, андохт. Ангу-

шти хурд беқарор ҷунбиду боз сокит гашт. Грей боз як бор ба ин чеҳраи осуда нигаристу ба қафо тоб хӯрд ва дар паси буттаҳо абрӯвони боло бардоштаи маллоҳро дид. Летика бо даҳони во ба кори Грей чунон бо ҳайрат менигарист, ки фақат Иона[8] ба даҳани ҷиҳозонидаи наҳанги худ шояд ба ин минвол нигаристагист.

– Ҳа, Летика, омадӣ? – гуфт Грей. – Ба вай нигар, хушрӯй аст, а?

– Сурате аз ин бадеътар нест! – пичиррос зада гуфт маллоҳ, ки каломи китобиро хуш мекард. – Шароит ба мо созгорӣ дорад. Ман чор мормоҳӣ[9] гирифтам ва боз як моҳии ғафсе ба мисли пуффак.

– Оҳистатар, Летика. Рафтем аз ин ҷо...

Онҳо ба паси буттаҳо гузаштанд. Мебоист, ки ба сӯи завраќи худ баргарданд, аммо Грей шитоб надошт, ба соҳили паст ва дуродури он, ки болои сабза ва регзорон дуди субҳонаи мӯриҳои Каперна паҳн мешуд, менигарист. Дар пардаи кабуди ин дуд ӯ боз симои духтарро бидид.

Чун ба нишебӣ мефуромад, ӯ қатъиян тоб хӯрд; маллоҳ бечуну чаро аз паси вай меомад; ӯ пай бурда буд, ки боз лаҳзаи хомӯшии ҳатмӣ фаро расида. Дар назди иморатҳои нахустини деҳа Грей ногаҳон савол кард:

---

[8] *Иона* – пайғамбари инҷилӣ, ки бино ба ривоят наҳанг ӯро фурӯ бурда ва боз аз шиками он бе осеб омадааст.

[9] *Мормоҳӣ* – дар баҳру уқёнуси ҷануб (баҳри Миёназамин, Уқёнуси Ҳинд ва дигар обҳои гарм) дучор меояд.

– Летика, ин ҷо майхона кадом аст, ту бо чашмони мушоҳидакори худ муайян кардан метавонӣ?

– Бояд ки ҳу, ана, он боми сиёҳ бошад, – дарҳол чораҷӯӣ кард Летика. – Балки он не, кӣ медонад.

– Аз рӯи кадом нишонааш он боми сиёҳро майхона мегӯӣ?

– Худам ҳам намедонам, нохудо. Ба ҷуз садои дилам дигар ҳеҷ...

Онҳо ба он хона расиданд. Он дарвоқеъ майхонаи Меннерс будааст. Аз тирезаи кушода диданд, ки рӯи миз шишае менамояду дар назди он дасти чиркини касе мӯйлаби мошубиринҷашро “медӯшад”.

Ҳарчанд ки субҳи барвақт буд, дар майхона се тан менишастанд. Дар таҳи тиреза ангишткаш, соҳиби мӯйлабе, ки зикраш гузашт; дар байни буфету дари дарунӣ ду тан моҳигирон тухмбирьён ва пиво мехӯрданд. Меннерс, ки як ҷавони қоматбаланд, рӯяш кунҷитакдору дилтангиовар буд, дар чашмони нимроғаш ифодаи чолокии айёронае, ки ба ҳамаи аҳли харидуфурӯш хос аст, дар паси пештахта табаққоро пок мекард. Дар фарши чиркини хона чорчӯбаи офтобии тиреза афтода буд. Грей ба доираи равшании дудолуд расидан ҳамоно Меннерс эҳтиромомез таъзимкунон аз паноҳгоҳи худ берун омад. Ӯ филфавр дар симои Грей нохудои ҳақиқиро шинохт, агарчи ба ин пояю мартаба меҳмононро вай кам дида буд. Грей ром хост. Меннерс ба миз дастархони аз дасткаши ҳаводис ва одамон зардшудаеро густурду шишаи шароб овард ва қабл аз

он, ки онро рӯи миз гузорад, канори кӯчидаи тамғаи коғазини онро бо забон лесида часпонд. Сипас, боз ба паси пештахта гузашт ва ҳамвора гоҳ ба Грей ва гоҳ ба табақчае, ки аз он бо нӯги нохун доғи хушкидаеро мебардошт, ба диққат менигарист.

Летика истаконро бо ду даст гирифта, ба ба шикастнафсӣ бо ӯ гӯшакӣ сухан мекарду чашмаш ба тиреза буд. Грей бо ишораи даст Меннерсро ба наздаш даъват кард. Хин аз ин даъват фараҳманд, аз он, ки Грей ба тарзи оддӣ бо ишораи ангушт ӯро ба назди худ хонд, ба худ болида мағрур ба лаби курсӣ нишаст.

– Шумо бешак ҳамаи сокинони ин ҷоро мешиносед, – ором сухан сар кард Грей. – Як духтари уребча дар сар, синнаш аз ҳафтдаҳ то бист, куртаи гули сурх пӯшидагӣ, гандумгун, миёнақадро мешиносед? Ман ӯро дар ҳамин қарибӣ дидам. Вай чӣ ном дорад?

Ӯ ин суханонро бо оҳанги оддӣ, вале қатъӣ ва ҷиддӣ гуфт, ки барои ба оҳанги дигар сухан кардан имкон намедод. Хин Меннерс ботинан печутоб хӯрд, ҳатто ноаён писханд кард, вале зоҳиран ба оҳанги савол мувофиқат намуд. Воқеан, қаб аз он ки ҷавобе гӯяд, ба нияти беҳосили он, ки матлабро пай барад, хомӯш монд.

– Ҳим–м! – гуфт вай чашм ба сақфи хона дӯхта. – Ин духтар бояд Ассоли Киштӣ бошад. Дигар кас не. Вай нимақл аст.

– Дар воқеъ? – бепарво боз пурсид Грей аз иста-

конаш як ҷуръаи калон хӯрда. – Чӣ шуд, ки ақлаш халал ёфт?

– Агар донистан хоҳед, марҳамат фармоеду гӯш кунед. – Ва Хин ба Грей ҳикоят кард, ки чӣ гуна ҳафт сол қабл аз ин духтарак дар соҳили баҳр ба ҷамъоварандаи таронаҳо гуфтугӯ кардааст. Ғолибан, ин воқеа, аз он вақте ки гадои оворагард дар ин майхона ҳақиқати онро гуфта буд, аз ғайбату тӯҳмати дурушту кашф иловаҳо гирифта, аммо асли он бетағйиру таҳриф монда буд. – Аз ҳамон айём номи ӯро Ассоли Киштӣ мегӯянд, – гуфт Меннерс.

Грей зуд ба рӯи Летика, ки ин дам ба фурӯтанӣ хомӯш менишаст, нигарист, баъд чашмаш ба роҳи пурхоке, ки аз назди майхона мегузашт, афтоду ба як бор зарбаеро эҳсос кард, – дар айни замон зарбаи баробар ҳам ба дил, ҳам ба сар. Дар роҳ, рӯяш ба ҷониби вай ҳамон Ассоли Киштӣ меомад, ҳамоне, ки Меннерс дар айни замон ӯро дардманду айбнок гуфта буд. Ифодаи ҳайратангези чеҳраи ӯ, ки асрори каломи оддию беандоза ҳаяҷонбахшро ба ёд меовард, ҳоло дар нури нигоҳаш пеши чашми Грей ҷилвагар шуданд. Маллоҳ ва Меннерс пушт ба тиреза менишастанд, то ки тасодуфан ба он сӯ рӯ нагардонанд, Грей бо нерӯи азими мардона чашм аз духтар бардошта, нигоҳашро ба чашмони дорчинранги Меннерс дӯхт. Баъди он, ки вай чашмони Ассолро дид, тамоми он ҳикояти сохтаю бофтаи Меннерс беҳуда гашт. Вале Меннерс ҳеҷ чизро пай набурда дар сухан идома кард:

– Боз ба Шумо гуфтаниам, ки падари вай нобакори гузаро аст. Ӯ падари маро раҳм накарда, як гурба барин ғарқ кард. Худоё, тавба кардам, вай...

Сухани ӯро аз қафо наъраи ногаҳонӣ бурид. Ангишкаш аз қайди хумор раҳоӣ ёфта, чашмонашро бо даҳшат чарх занонда, ногаҳон бо суруди худ наъра зад ва чунон даҳшат афканд, ки ҳама як қад париданд.

Сабадбофу сабадбофу сабадбоф,
Пулатро гиру камтар зан ба мо лоф!..

– Боз кайфат таранг-ку, завраҷи нобакор! – фарьёд зад Меннерс. – Гум шав!

Нигар, ногаҳ ба чанги мо наафтӣ...

Чиррос зад ангиштказш ва гӯё ҳеҷ гапу коре рӯй надода бошад, мӯйлабашро дар истакони лаппон ғӯтонд.

Хин Меннерс ғазаболуд китф боло кашид.

– Одам не, расвои радди олам, – гуфт вай бо иззати нафси ночизи хасисона. – Ҳар рӯз ҳолаш ҳамин!

– Шумо дигар ҳеҷ чизи гуфтанӣ надоред – пурсид Грей.

– Ман? Ман ба шумо гуфтам–ку, падараш нобакор аст. Аз касофати ӯ, ҷанобам, ман ятим мондам, ночор бачаҳоро мустақил ба по рост кардам...

– Дурӯғ мегӯӣ, – гуфт ногаҳон ангиштказш – ту чунон мунофиқона ва рӯирост дурӯғ мегӯӣ, ки онро шунида, кайфи ман парид, ҳушьёр шудам. – Хин фурсати даҳон кушодан наёфта, ангиштказш ба Грей рӯй овард: – Ӯ дурӯғ мегӯяд. Падараш ҳам дурӯғгӯй

буд: модараш ҳам дурӯғгӯй аст. Зоташ ҳамин хел. Хотирҷамъ бошед, вай духтар ману шумо барин солим аст. Ман ҳамгап будам. Вай ба аробаи ман ҳаштоду чор маротиба ё андаке камтар савор шудааст. Духтарак аз шаҳр пиёда меояд, ман агар ангиштамро фурӯхта бошам, албатта ӯро савор мекунам. Бигзор, духтарак савор шавад. Ман медонам, вай ақли расо дорад. Ин ҳамту ҳам маълум аст. Албатта, вай ту баринҳо қатӣ, Меннерс, ду калима ҳам сухан намегӯяд. Аммо ман, ҷаноб, дар касбу кори озоди ангишткашӣ аз ғайбату тӯҳмат нафрат мекунам. Духтарак одами калон барин сухан мекунад, аммо сӯҳбати вай бағоят ширин. Гӯш мекунию гумон мекунӣ гӯё ҳамаи инро ману шумо ҳам гуфта метавонем, аммо вай дигархелтар мегӯяд. Ана, бигирем боре аз касбу кори вай сухан сар зад. "Ман ба ту гӯям, – мегуфт вай аз китфи ман дошта, чунон ки магасе ба ноқусхона нишаста бошад, – кори ман дилгир намекунад, фақат ҳамеша ягон чизи махсус ёфтан мехоҳӣ. Ман, мегӯяд, чунон чобуку моҳир будан мехоҳам, то ки дар рӯи тахта заврақ худ шиновар гардаду белзанҳо дарвоқеъ белзанӣ кунанд; сонӣ онҳо ба соҳил расида, қарор мегиранду ҳама батартиб, айнан зинда барин дар соҳил нишаста, ба хӯрдан шурӯъ мекунанд". Ман инро шунида қоҳ-қоҳ задам, нахандида мешавад магар! Сонӣ гуфтам: "Ҳой, Ассол, касбу кори ту ҳамин аст, бинобар он, чунин андешаҳо дорӣ, ба атрофат боре нигар; мардум чунон кор мекунад, ки ту гӯӣ даст ба гиребон мегашта бо-

шанд”. “Не, – гуфт духтар, – ман медонам, ин тавр не. Моҳигир ҳангоми сайдгирӣ амин аст, ки моҳии бузургеро мегирад, чунон бузург, ки ҳаргиз даст нагирифтааст”. “Хуб, ман чӣ? – мегӯям. Ту? механдад вай. – Ту ҳангоми ба сабати худ ангишт пур кардан гумон дорӣ, ки ангиштат гул барин мешукуфад”. Ана, чи сухане гуфт вай! Ҳамон лаҳза худ аз худ ба сабати холӣ нигаристам, бовар мекунед, ба назарам чунин намуд, ки аз химчаҳои хушки сабат муғчаҳо сабзида мебароянд; муғчаҳо во гашта, сабат ногаҳон пурбарг шуд ва ҳамааш ғайб зад. Ман каме ба худ омада, ҳушьёр гаштам! Хин Меннерс фиреб мекунаду пул намегирад; ман ӯро хуб мешиносам!

Ба ҳукми он, ки гуфтугӯ ба ҳадди таҳқири ӯ гузашт, Меннерс ба ангиштхаш теғи нигоҳашро халонду дар паси пештахта пинҳон шуд ва аз он ҷо маъюс пурсид:

– Ба шумо ягон чиз диҳам?

– Не, – гуфт Грей, аз ҷайб пул бароварда, – мо меравем. Летика, дар ин ҷо мемонӣ, тарафи бегоҳ бармегардӣ ва ба касе сухане намегӯӣ. Ҳар он чӣ метавонӣ, фаҳмида, ба ман мегӯӣ. Фаҳмидӣ?

– Нохудои меҳрубон, – гуфт Летика аз таъсири шароб ба як навъ оҳанги расмӣ, – инро фақат одами кар метавонад нафаҳмад.

– Хеле хуб. Ҳамчунон дар ёд бидор, дар ҳама ҳолате, ки рӯй медиҳад, аз хусуси ман ҳарф назан, ҳатто номамро ба забон нагир. Хуш бош!

Грей баромад. Аз ҳамин лаҳза эътиборан ӯро

эҳсоси кашфи ҳайратангезе, ки ба мисли шарорае дар ҳовани борути Бертголд, – талотуми рӯҳие, ки аз зери он шарораҳо пошида, оташ меҷаҳад, думболагир буд. Рӯҳи фавран амал кардан саропои ӯро фаро гирифт. Фақат вақте ки ба заврақ нишаст, ӯ ба худ омаду хаёлашро ҷамъ овард. Ба худ бихандиду кафи дасташро кушода ба боло – ба офтоби тафсон дошт, чунон ки боре ҳангоми бачагӣ дар таҳхонаи анбори шароб инчунин амал карда буд. Сипас бо шиддат бел зада, ба сӯи бандар ҳаракат кард.

## IV
## АРАФА

Дар арафаи он рӯз ва баъди ҳафт соли ҳамон рӯзе, ки ҷамъоварандаи таронаҳо Эгль дар соҳили баҳр ба духтарак аз киштии бодбонҳояш гулгун ҳикоят карда буд, Ассол боре аз дӯкони бозича, ки ҳар ҳафта як маротиба ба он ҷо мерафт, ба хона маъюс ва парешон баргашт. Ашьёи худро ӯ баргашта оварда буд. Ӯ ба ҳадде парешон буд, ки зуд сухан гуфтан наметавонист ва фақат пас аз он, ки дар чеҳраи пуризтироби Лонгрен ифодаи интизории аз ҳодисаи воқеъ афтода маъшумтареро дид, дар назди тиреза истода чашмаш ба баҳр, бо нохун шишаро хат кашида сухан оғоз кард.

Соҳиби дӯкони бозичафурӯшӣ ин бор аз он оғоз кард, ки дафтари дахлу харҷро кушода, ба вай намуд, ки онҳо чӣ миқдор қарздоранд. Қарзи калони

серақамаро дида, ӯ ба худ ларзид. “Ана, аз моҳи декабрӣ инҷониб шумо чӣ миқдор бигирифтед, – гуфт фурӯшанда. – Ана, бубин чӣ қадар ба фурӯш рафтааст”. Ва ӯ ба навиштаҷоти дигаре, ки аз ду рақам иборат буд, ангушт ниҳод.

– Алами кас меояд. Аз чеҳрааш аён медидам, ки ӯ одами дурушт ва аламзада аст. Ман гурехта бадар рафтан мехостам, аммо рости гап, чӣ кунам, ки аз хиҷолат мадорам набуд. Сонӣ вай гуфт: “Ҷони ширин, ба ман дигар ин бозичаҳо фоида намебахшад. Акнун молҳои хориҷӣ расм шуд, ҳамаи дӯконҳо аз онҳо пур-пур. Инҳоро намехаранд”. Ана, ҳамин тавр гуфт. Вай боз хеле сухан гуфт, аммо ҳамааш дар каллаам дарҳам-барҳам гашту фаромӯш кардам. Аз афти кор, раҳи оварду ба ман маслиҳат дод, то ба “Бозори Кӯдакон” ва “Чароғи Аловаддин” равам.

Матлаби асосиро бигуфту духтар сарашро гардонда, беҷуръатона ба пирамард нигарист. Лонгрен ангуштони дасташро миёни ду зонуяш ҳалқа баста ва ба онҳо такья зада, маъюс менишаст. Нигоҳи духтарро пай бурду ӯ сар бардошт ва оҳе кашид. Духтар табъи мағшуши худро барандохту тохта назди падар рафт, паҳлуи вай нишаст ва дасти сабуки худро ба остини камзӯли чармини мӯйсафед андохта, ба рӯи ӯ хандида аз поён нигаристу бо рӯҳбаландии сохта суханашро идома дод:

– Ҳеҷ гап не, ҳамааш ба як пули сиёҳ намеарзад, ту ба сухани ман гӯш кун: баъд ман рафтам. Хайр,

ба маѓозаи бузурги воҳиманок даромадам; мардумони бисьёре. Аз ҳар сӯ телаю таконам медоданд, аммо ман илоҷе карда худро ба назди одами сиёҳи айнакӣ расондам. Ба вай чиҳо гуфтам, ҳоло ёд надорам; оқибат, вай тамасхур намуду сабатамро тагу рӯ карда, як чиз-ним чизро дид, сонӣ чи хеле ки буд, боз ба рӯмол печонду баргашта дод.

Лонгрен қаҳролуда гӯш мекард. Вай духтари шитобкори худро дар назди пештахтаи пур аз ашьёи гаронбаҳо ва тӯдаи сарватманд медид. Марди айнакии олуфта тамасхуромез ба вай мегуфт, ки агар ба ашьёи оддии Лонгрен харидуфурӯш кардан хоҳад, бояд, ки ногузир бозораш касод гардаду сармояаш аз каф равад. Вай чолокона, ба як тарзи беэътино рӯи пештахта ба назди ӯ қолибҳои ѓуншавандаи иморатҳо ва пулҳои роҳи оҳанро мегузорад; қолиби мошинҳои хурду возеҳ, ашьёи электрикӣ, ҳавопаймоҳо ва муҳаррикоти дигар. Аз ҳамаи он ашьё бӯи ранг ва мактаб мерасид. Аз ҳамаи гуфтаҳои ӯ чунин бармеомад, ки ҳоло кӯдакон ҳангоми бозӣ фақат ба шуѓли калонсолон пайравӣ мекунанд.

Ассол боз ба дӯкони “Чароѓи Аловаддин” ва боз ду дӯкони дигар рафт, аммо мироде ҳосил нашуд.

Саргузашташро гуфта ба поён расонду Ассол барои хӯроки шомро хӯрдан дастархон кушод. Хӯрокро хӯрда, баъди як истакон қаҳваи баланд Лонгрен гуфт:

– Модом ки корамон барор намекунад, бояд ҷустуҷӯ кард. Балки ман боз дар киштии “Фицрой” ё “Палермо” ба хидмат шурӯъ мекунам. Бешак, онҳо дуруст мегӯянд, – мегуфт вай андешаманд, фикраш дар банди бозичаҳо. – Ҳоло кӯдакон бозӣ намекунанд, мехонанду меомӯзанд. Ҳамагӣ мехонанду меомӯзанд, аммо ҳаргиз ба зистан шурӯъ намекунанд. Бале, ҳамин тавр аст, аммо афсӯс, сад афсӯс. Ба муддати як раҳ сафар ту бе ман зистан метавонӣ? Туро танҳо монда рафтан аз ақлу тадбир не.

– Ман ҳам метавонам ҳамроҳи ту хизмат кунам; бигирем дар буфет.

– Не! – Лонгрен ин суханро бо зарбаи сахти кафи дасташ ба рӯи мизи ба якборагӣ алвонҷ хӯрда, гӯё мӯҳр кард. – То ман зиндаам, ту хизмат намекунӣ. Хайр, ҳанӯз фурсат ҳаст, фикр мекунем.

Вай ба ошуфтаҳолӣ хомӯш монд. Ассол дар як гӯшаи курсӣ назди ӯ нишаст; Лонгрен аз паҳлу сарашро ҷониби духтараш нагардонда медид, ки вай ӯро тасаллӣ бахшиданист ва саҳл буд, ки табассум кунад. Табассум кардан – рам додан ва хиҷил сохтани духтар буд. Духтар худ ба худ зери лаб чи суханоне мегуфту мӯйҳои сафеду чигили ӯро ба навозиш даст мемолид. Баъд мӯйлаби ӯро бӯсид ва гӯшҳои пурмӯи падарро бо ангуштони хурду борикаш руст карду гуфт:

“Ана, акнун ту намешунавӣ, чӣ хел ман туро дӯстдорам”. То вақте ки вай ӯро пардоз мекард, Лонгрен монанди касе, ки дуди кашидаашро берун

кардан метарсад, турунҷида менишаст, аммо суханони духтарро шунида, сахт қоҳ-қоҳ зад.

– Меҳрубонаки ман, – гуфт вай ба тарзи оддӣ рухсораи духтарро бо навозиш пучида ва ба ҷониби соҳил завраҷро диданӣ рафт.

Ассол муддате дар мобайни хона андешаманд истод. Миёни ду эҳсос хомӯш ба андӯҳ нишастан ва машғули кору бори зарури хонавода дудила буд. Сипас дегу табақро бишусту хӯроквории боқимондаи андаруни ҷевон бударо нигарист. Ӯ андоза накард, бар накашид, аммо тахмин зад, ки орд то охири ҳафта намерасад, таҳи қуттии тунукаи қандмонӣ ҳам намудор гаштаст, печаки қаҳва қариб холӣ, равған нест, ягона чизе, ки буд ва ба он нигариста чашм андаке таваққуф мекард, халтаи картошка буд. Баъд вай фаршро шусту нишаста, чини юбкаи аз кӯҳнакола сохтагиашро ба дӯхтан шурӯъ кард, вале филфавр ба ёд овард, ки пораҳои он матоъро дар паси оина монда буд, пеши оина омаду он бастаро гирифт. Сипас ба акси худ нигарист.

Андар қафои чорчӯбаи чӯби чормағз, дар пиромуни мунъакиси хонаи холӣ духтари борику миёнақад дар бар куртаи сафеди арзоне, ки гулҳои гулобӣ дошт, намудор буд. Уребчаи шоҳии хокистариаш дар китфаш ҳамоил. Чеҳраи нимбачагонаи равшан ва офтобхӯрдааш беқарор ва возеҳ буд; чашмони зебо ва дар нисбати синну сол ҷиддиаш ба қаъри дили кас бодиққат, вале шармомез менигаристанд. Рӯи ҳанӯз нопурраи вай касро бо назокату

нафосати наҳифи худ мафтун месохт. Ҳар як хаму рост, ҳар як хату холи ин чеҳра бешак дар рӯи бисёр занҳо буд, аммо маҷмӯи онҳо ба ин тарзу усул комилан беназир ва дилҷӯ буд. Аз ин боб ҳамин қадар сухан гуфтани мо кофист. Малоҳати ӯро дигар бо сухан баён кардан натавон, ба ҷуз каломи “мафтунӣ”.

Духтари мунъакис мисли Ассол ғайриихтиёр табассум мекард, табассумаш ғамангез ҷилва намуд. Инро пай бурду вай, чунон ки ба каси бегонае нигариста бошад, дар изтироб шуд. Ӯ рӯяшро ба оина ҷафс ниҳоду чашмонашро пӯшид ва хомӯш он ҷои оинаро, ки аксаш воқеъ буд, ба даст молид. Селаи афкори норавшан, навозишомезу фароғатбахш дар сараш лаҳзае ҷавлон карданд. Ӯ қоматашро рост гирифт, бихандид ва нишасту бо дӯхтан шурӯъ кард.

Алҳол, ки ӯ ба дӯхтан машғул аст, биёед ба ӯ аз наздик нигарем, яъне, ҷаҳони ботини ӯро мулоҳаза кунем. Дар шахси ӯ ду духтар, ду Ассол ба тарзи нодурусти хеле хубу зебо махлут гашта. Ассоли нахуст – духтари маллоҳ, косиби ҳунарманде, ки бозича месозад, дигаре – шеъру таронае буд бо ҳама сеҳрангезию оҳангдории образҳо, ҳамсоягию ҳамҷаворӣи асрорангези каломи гуногун, сояю равшаниҳое, ки бо ҳама ҳамнавоӣ аз яке ба дигаре меафтод. Вай зиндагиро андар доираи таҷрибаи рӯзгори худ медонист, аммо бар замми ҳаводиси умумӣ маънии аксёфтаи сохти дигареро низ медид. Бигирем, ба ҳар ашьё назар афканда, мо дар онҳо ҷузъи асосиро не, вале таъсироти муайяни инсониро ва ҳамчунон таъсири

гуногуни башариро эҳсос мекунем. Ба ин минвол, метавон гуфт (агар муяссараш гашт), ки ӯ аз болои назар назар мекарду медид. Бе ин ҳама фатҳи бевалвала ҳамаи идроки оддӣ ба рӯҳи ӯ бегона менамуд. Ӯ китоб хондан метавонист ва ба китобхонӣ хушаш буд, вале чунон ки умр ба сар мебурд, дар китоб ҳам вай аксаран нуктаҳои пинҳон ва рамзнок меҷуст. Бар асари илҳоми махсусе, ғайриихтиёр ӯ дар ҳар қадам чандин кашфи зарравор хурду борик, ноаён, вале монанди покизагӣ ва ҳарорат зарур мекард. Баъзан чунин ҳолате рух медод, ки ӯ якчанд рӯз куллан тағйир меёфт; муқобилаи ҷисмонии ҳаёт монанди сукунат аз миён мерафт ва ҳар он чӣ медиду дар атрофаш буд ва бо он ҳаёт ба сар мебурд, дар шакли ҳаррӯза асрорангез мегашт. Ӯ дар ҳаяҷон, аз кори худ хиҷил борҳо шабонгоҳон ба соҳили баҳр мерафт, то дами субҳ дар он ҷо нигарон менишаст ва киштии дорои Бодбонҳои Гулгунро медид. Ин дақиқаҳо лаҳзаҳои хушбахтӣ буданд; ба олами афсона ворид гаштани мо осон не, аз он олами дилнишину орзуманд берун омадани вай ҳам сахт мушкил буд.

Баъзан аз ин хусус меандешиду вай дар воқеъ ҳайрон мемонд, ки бовар карда буд ва бо андӯҳи гарон ба замини воқеият баргашта, гуноҳи баҳрро барои ин ҳама шӯхиаш бо нимтабассум авф мекард. Ҳоло қатҳои либосашро ба тартиб оварда, вай рӯзгори худро пеши назар меовард. Айёми дилгиру оддӣ бисьёр буданд. Танҳоии духтару падар баъзан

ӯро бениҳоят ғамгин месохт. Бинобар он, дар хулқи ӯ танҳоиҷӯӣ, мардумгурезӣ, ба оҷинги уқубат монанд ҳиссе пайдо шуда, бар асари он зиндадил ва рӯҳбаланд буда наметавонист. Ӯро мазоҳ карда механдиданду мегуфтанд: “Вай девона аст, ақлаш беҷо”. Вай ба ин дард ҳам тан дода буд. Дарвоқеъ, ӯро баъзан таҳқир мекарданд ва баъди он синаашро дард мефишурд, қалбаш фиғон мекард, чунон ки сахт зарба хӯрда бошад.

Ҳамчун духтар ӯ дар Каперна маълум набуд, вале бисьёр касон ба тарзи норавшан бошад ҳам, гумон доштанд, ки ӯро нисбат ба дигарон қисмати баландтаре насиб аст, аммо ба созу сомони дигаргуна. Мардони Каперна занони фарбеҳу сергӯштеро, ки соққоҳи ғафсу дастони бузург доштанд, меписандиданд. Онҳо ба пушти занҳо бо кафи даст зада ва чун дар бозор телаю такон дода дӯстдорӣ доштанд. Ин гуна ҳиссиёт оддигии соддадилонаи мағалу моҷароро ба ёд меовард. Ассол ба ин ҷамоати қатъӣ ба тарзе муомала мекард, ки агар ба мардумони асабонии ин табақа шабаҳе дорои ҳама назокати Ассунта ва ё Аспазия[10] наздик мегашт: нишоне аз муҳаббат набуд. Чунон ки дар муқобили садои карнайҳои сарбозӣ нолаи дилхароши скрипка тӯдаи шадиди аскаронро аз роҳ боздоштан наметавонад. Ба ҳамаи ин духтар пушти по мезад.

---

[10] *Аспазия* – завҷаи ҳокими Перикл (асри V пеш аз милод)

Бо ин ҳама, дар сараш таронаи ҳаёт садо медоду дастони хурдаш чобук кор мекарданд. Риштаро газида, вай ба пеш ба дуриҳо менигарист, вале чини доманро ҳамвор қат мекарду ҳалқаҳоро монанди мошини чокдӯзӣ росту реза медӯхт. Агачи Лонгрен таъхир кард, ӯ аз падар хавотир набуд. Айёми охир вай аксаран шабҳо ба шикори моҳӣ ё ҳамту, барои сайру шамолхӯрӣ мерафт.

Ӯро тарсу ҳарос думболагир набуд, нек медонист, ки бо падар ҳеҷ нохушие рӯй намедиҳад. Дар ин бобат Ассол ҳанӯз ҳам духтараки хурдсоле буд, ки ба тарзи худ ҳар субҳ некхоҳона ибодат мекард: "Худоё, ассалом!", сипас шомгоҳон: "Худоё, хуш бош!"

Ба гумони ӯ, ҳамин ошноии мухтасар бо худо комилан кифоя буд, ки вай ҳар балою қазоеро баргардонад. Ассол худро дар ҷои худо монда, вазъияти ӯро ҳам дар тасаввур меовард: худо пайваста бо мушкили миллионҳо одамон машғул аст, бинобар он, ба майда-чуйдаҳои ҳаёт, ба ақидаи ӯ мебояд бо адабона сабру тоқат кард, чунон ки меҳмон хонаи мизбонро пур аз одам дида, соҳибхонаи саросемаю пурташвишро дар гӯшае интизор менишинад ва мувофиқи имкони мавҷуда ҷой мегираду хӯрок мехӯрад.

Ассол дӯхту дӯзашро ба поён расонду тамоми ашьёро дар рӯи мизи кунҷакӣ ниҳод, сипас либосашро кашиду ба бистари хоб даромад. Оташро хомӯш кард. Муддате нагузашта вай ҳис кард, ки

дар чашмонаш хоб нест. Ақлу шуураш чунон ки ними рӯз бошад, равшан буд. Ҳатто торикӣ ба назар сунъӣ метофт, вуҷудаш монанди ақлу шуураш сабук, мисли он, ки рӯзона бошад, чобук буд. Дилаш ба оҳанги соати ҷайб ба як маром метапид. Ассол беқарор паҳлу мегашту асабонӣ кӯрпаро гоҳ аз болояш меандохт, гоҳи дигар ба он мепечиду сарашро мепӯшонд. Оқибат ба ӯ муяссар шуд, ки тасаввуроти одатии хобоварашро пайдо кунад, вай дар тасаввур ба оби софу равшане сангча андохту ба мавҷи сабуки парешон нигарист. Дарвоқеъ, хоб гӯё ба ин пешкаш интизор бошад, фаро расид. Хоб даррасиду сароввал бо Мери, ки дар тори сари Ассол буд, гӯшакӣ кард ва ба табассуми вай таслим гашту хитобан ба атроф гуфт: “Фиш-ш-ш”. Ассолро ҳамон лаҳза хоб рабуд. Боз хоби дилписандашро дид: дарахтони шукуфтаю пургул, андӯҳи интизорӣ, мафтунӣ, тарона ва воқеаҳои пурасроре, ки баъди бедор гаштан вай фақат ҷилои оби софро ба хотир оварда метавонист, ки он аз пой то ба дилаш сарду сурурангез мерасид. Он ҳамаро ӯ аз нав пеши назар оварда, боз муддате дар он кишвари ғайриимкон буд, сипас бедор гашту бархоста нишаст.

Гӯё ҳеҷ хобаш набурда бошад, бедор буд. Эҳсоси тозагӣ, хушнудӣ ва хоҳиши кореро ба сомон расонидан ӯро гарм мекард. Ӯ чунон менигарист, ки одатан, иморати навбудьёдро ба ин тариқ менигаранд. Агарчи ҳанӯз атроф равшан набуд, сапеда медамид, бо саъи ноаён он атрофро тафриқа кардан

мумкин буд. Поёни тиреза сиёҳу болояш равшанӣ мекард. Дар берун, аз як гӯшаи чорчӯбаи тиреза ситораи саҳаргоҳон медурахшид. Донист, ки дигар хобидан наметавонад. Ассол либосашро пӯшиду ба назди тиреза омад ва зулфинро гирифту дарчаро во намуд. Дар берун сукунати ҳушьёру бадиққат; гӯё ин сукунат ҳамин лаҳза оғоз ёфта буд. Дар тирагии кабудчатоб буттаҳо аранг менамуданд, дуртар аз онҳо дарахтон хуфта буданд; аз ҳавои гирифта бӯи замин меомад.

Даст ба болочӯби тиреза ниҳода, духтар менигаристу табассум мекард. Ногаҳон садое ба мисли фарьёде аз дуродур ӯро ботинан ва зоҳиран ба туғьён овард ва духтар гӯё дигарбора бедор гашту аз воқеияти яқин ба муҳити яқинтару возеҳтар баргашт. Аз ҳамин лаҳза эътиборан сарвати шодмонии хурӯшон ҳаминони ӯ буд. Ба ҳамин минвол мо гуфтори одамонро мешунавему идрок мекунем, вале ҳангоми такрори он гуфтаҳо бори дигар нуқтаҳои борик ва тоза ба тозаи онро мефаҳмем. Ассолро низ инчунин ҳолат рух дода буд.

Уребчаи шоҳии кӯҳна, вале дар сари ӯ ҳамеша тозаю зебандаашро ба сар баста, аз таҳи гулӯяш фуроварду дарро руст кард ва побараҳна ба роҳ парида баромад. Агар атроф холию сокин буд, ба ӯ чунин менамуд, ки монанди садои оркестр пурвалвала аст ва ҳама садои қадамҳои ӯро мешунаванд. Ҳама чиз барои ӯ дилнишин, тамоми атроф ӯро хушнуд мекард; сабук ва озоду хушнуд нафас мегирифт. Дар

осмони тирафом бомҳо ва абрҳо сиёҳӣ мекарданд; таворaҳо, буттаҳои настаран, боғу полизҳо ва роҳи аранг намоён гӯё нимхоб буданд. Дар тамоми ин унсур дар нисбати вазъи рӯзона низоми дигаргунтаре ба назар мерасид, аслан ҳамон тартиб, вале мувофиқати қабл аз ин гумшуда ҳоло устувор ҷилва менамуд. Ҷамоду набот бо чашмони кушода хоб буданд ва пинҳонӣ духтари раҳгузарро назора мекарданд.

Ӯ ҳар қадар пеш мерафт, ҳамвора шитоб мекард то зудтар деҳаро тарк созад. Аз Каперна берун марғзорон шурӯъ мегаштанд; баъди марғзорон дар нишебии талу теппаҳои соҳил дарахтони чормағзу сафедор ва кастона мерустанд. Роҳ ба поён расиду пайраҳаи хилвате оғоз ёфт. Дар пеши пои Ассол як саги пахмоқи сиёҳе, ки сари синааш сафед буд, ноштихоҳона печутоб хӯрд. Саг чашмони изтиробноки сухангӯе дошт. Он Ассолро шинохта, ғишонгос зада овоз мебароварду бо нозу нуз шикамашро меҷунбонд ва сипас аз паҳлуи ӯ равон гашт. Саг бо чи ақидае, ки фақат ба худи ӯ маълум буд, бо духтар мувофиқат кард. Ассол ба чашмони сухангӯи он нигариста, комилан амин буд, ки агар хомӯшии онро сабаби махфие намебуд, саг бо ӯ сухан мекард. Табассуми ҳамроҳи худро дида, саг ба шодӣ фукашро бурма карду думҷунбонӣ намуд ва ба пеш давид, вале ногаҳон бесадо нишаст, бо пояш моҳирона гӯшашро, ки душмани доимиаш газида буд, хорид ва баргашта ба қафо тохт.

Ассол ба марғзори алафаш баланди шамнамрез ворид гашт. Ӯ кафи дастонашро поён карда, ба сари гулҳо расонда-нарасонда мерафту аз рехтани шаддаҳои шабнам табассум менамуд. Ассол ба рӯи гулҳо ва печиши алафҳо менигаристу дар онҳо қариб нишонаи одамонро медид: нишасту хез, кӯшиш, ҳаракат, хислат, нигоҳ; ҳоло ӯро сафкашии мушҳои саҳро, базми юрмонҳо ва ё шодмонии дурушту дилсахтонаи хорпушт, ки аҷинаи хобидаро бо фиш-фиши худ метарсонд, ҳеҷ ҳайрон намекард. Айни ҳамин лаҳза хорпушти хокиранге ғелида ба пайраҳа фаромад. "Фиш-фиш" – кард он канда-канда, чунон ки аробакаш пиёдагардро "пӯшт-пӯшт" мегуфта бошад. Ассол ба онҳое, ки ошно ва ҳамроз буд, гуфтугӯ мекард. "Чӣ ҳол дорӣ, бемор? – мегуфт вай ба савсани сурхи кирмзада сӯрохшуда. – Дар хонаат бишинӣ, намешуд! – мегуфт вай ба буттае, ки миёни пайраҳа дармонда, лағатмоли раҳгузарон гашта буд. Гамбуски калоне ба соқаи гули момо афтону хезон печида мебаромад, гиёҳи бечораро хам мекард, аммо якравона дасту по мезаду ҷандала дошт. "Як афшону парто ин ғӯларо" – маслиҳат дод Ассол. Айнан, гуфти ӯро шунидагӣ барин гули момо якбора хам гашту гамбуски лӯнда худро дошта натавонист ва тараққос зада ба каноре афтод. Ба ҳамин минвол, дар ҳаяҷону изтироб, чашмонаш шарорапош ба сари нишебӣ расиду миёни дарахтон аз марғзори кушодаманзар пинҳон шуд. Дар ин ҷо ҳама дӯстони ҳақиқии ӯ буданд ва ӯ медонист, ки онҳо бо овози

ғафси худ бо ӯ гуфтугӯ мекунанд.

Ин дарахтони пиру бузург миёни бушол ва финдиқзор руста буданд. Шохҳои аз боло ба поён овезони онҳо ба сари буттаҳо мерасиданд. Дар баргҳои бузурги расорасӣ кардаи кастона ғӯзаҳои сафеди гулҳо шукуфта, накҳати он бо бӯи шабнаму шилм ба ҳам омехта буд. Пайраҳаи бо решаҳои урьёну лағчонак ноҳамвор гоҳ ба поён мерафт, гоҳи дигар рӯ ба боло мехазид. Ассол гӯё дар хонаи худашон буд: бо дарахтон ҳамчунон бо одамон салом мекард, баргҳои паҳни онҳоро фишурда, ҳолҷӯӣ дошт. Вай гоҳе фикран, гоҳе пичиррос мезаду мегуфт: "Ана, ту, ана, вай... Шумо бешуморед, бародаронам! Ман шитоб дорам, бародарон, меравам, маро раҳо кунед. Сан ҳамаи шуморо мешиносам, ёд дорам, ҳурмат мекунам". "Бародарон" бо ҳар чизе, ки метавонистанд – баргу шохи худ, бузургворона ӯро навозиш мекарданд, дар ҷавоби суханони ӯ чун ҳамзот ҳамтабор ғиҷир-ғиҷир садо медоданд. Ассол бо пойҳои гилолуд, аз раҳравии бошитоб нафасгир гашта, ба тундаи соҳили баҳр баромад. Дар дилаш эътимоди амиқу мағлубнопазир ба шодмонӣ меҷӯшид, талотум мекард. Вай ин боварии худро бо як парвози назар ба он сӯи уфқ андохт, он бо ғурриши сабуки амвоҷи соҳил боз баргашт, аз парвози овози худ ифтихорманд баргашт. Алҳол баҳр, ки давродаври уфқи он гӯё риштаи заррин кашида буданд, дар хоб буд. Фақат дар таҳи тундаи соҳил, дар толобҳои чуқури он об мадду ҷазр мекард. Уқьёнусе, ки дар ба-

ри соҳил ранги тираи хокистарӣ дошт, ранги кабуди сиёҳ касб мекард. Осмон аз паси ҳошияи риштаи заррин ба мисли бодбезаки азими пурнур мехурӯшид. Абрҳои сафедро ранги сурхчатоб аранг расида гузашту дар онҳо гулҳои нозуки диловез шукуфтанд. Сиёҳии дуриҳо ҳам дар изтироб барф барин сафедӣ мекарданд. Кафки об ҷило медод ва аз мобайни риштаи заррин лангари сурхе оташвор бархоста ба василаи уқьёнус ба зери пойҳои Ассол чинҳои гулгун афканд.

Вай зонуҳояшро бо даст ҳалқа гирифта нишаст. Ба сӯи баҳр моил гашта вай бо диққат ба ҷониби уфқ чашмонашро калон карда менигарист. Ҳоло дар чашмони вай ҳеҷ нишони калонсолӣ набуд, ӯ бо чашмони кӯдакона менигарист. Ҳар он чи ӯ дер боз ба беқарорӣ интизор буд, дар ҳамон сӯ – дар канори дарьё ба вуқӯъ меомад. Ӯ дар мулки дури гирдобҳои дарьёӣ тали зериобиро медид. Аз фарқи он тал ба боло гиёҳҳо таноб кашида, миёни баргҳои мудаввари онҳо, ки дар гирдогирд думчаҳо доштанд, гулҳои аҷиб ҷилвафурӯшӣ мекарданд. Баргҳои болои онҳо, дар рӯи оби уқьёнус албонҷ мехӯрданд. Ҳар он касе, ки аз ин асрор огоҳӣ надошт ва он чӣ Ассол медид, онро дидан наметавонист, фақат лапишу шаъшааро медид.

Аз паси буттаҳо киштие намоён шуд. Киштӣ шиновар омаду расо дар мобайни шафақ таваққуф кард. Аз дур он ба мисли абр возеҳ менамуд. Киштӣ ба чаҳор сӯ сururу шодмонӣ пошида, ба мисли ша-

роб, гули садбарг, хун, махмали гулгун ва оташи лолагун шиновар буд. Киштӣ рост ба ҷониби Ассол меомад. Аз фишори пурқудрати мӯҳраи пеши киштӣ болҳои кафкдор ба ду тараф бо изтироб мепариданд. Духтар аз ҷояш бархосту дастонашро ба сари дилаш фишурд ва бозии аҷибу ғариби шӯъла ба ларзишу амвоҷи сабук табдил гашт. Офтоб баромад ва равшании комили субҳ аз рӯи он ҳар чӣ дар рӯи замини хоболуд паҳлу кашида нозпарвардӣ мекард, парда бардошт.

Духтар оҳе кашиду ба атроф нигарист. Наво ба поён расид, аммо Ассол ҳанӯз ҳам аз таъсири садои ҷарангосии он берун намеомад. Ин таъсир тадриҷан суст мегашт, сипас хотираву ёддоште шуд ва оқибат ҳамту, мондагӣ гашту бас. Вай рӯи алафҳо ғелиду хамьёза кашид ва ба фароғат чашмонашро пӯшид. Ӯро хоб бурд, хоби ҳақиқӣ, монанди чормағзи ҷавон сахт, хоби беташвиш ва бехоббиниҳо.

Ӯро магасе дар зонуи урьёнаш ҷӯлида аз хоб бедор кард. Пояшро беқарор ҷунбонду чашм кушод. Ӯ бархоста нишасту мӯяшро ба тартиб меовард, ки ангуштарини Грейро эҳсос кард, аммо онро вай алафи дар ангушт даромадае беш напиндошту панҷаҳояшро кушод: азбаски монеа аз миён нарафт, вай дасташро бесаброна ба пеши чашмонаш овард ва монанди фаввораи бо шиддат дамидае филфавр аз ҷояш ҷаҳида бархост.

Дар ангушташ ангуштарини дурахшандаи Грей ҷило меафканд. Ассол ин лаҳза онро моли худ наме-

пиндошт, бинобар он, ба ӯ чунин менамуд, ки ангушташ аз ӯ не, аз дасти бегона аст, яъне, ӯ дасти худро ҳис намекард. “Ин аз кӣ? Аз кӣ? – бо шиддат фарьёд баровард вай. – Магар ман хобам? Балки ёфтаму сонӣ фаромӯш кардам?” Дасти росташро, ки дар он ангуштарин буд, вай ба дасти чапаш дошта, дар ҳайрат менигаристу бо нигоҳи худ аз баҳру буттазорони сабз савол мекард. Вале ҳеҷ касе намеҷунбид, дар паси буттаҳо касе пинҳон набуд ва дар баҳри кабуди дурахшанда ҳеҷ нишони инсоне ба назар намерасид. Ассол сурх гашт ва садои дилаш огоҳӣ медод: “Бале”. Ба ин воқеаи рӯйдода ҳеҷ шарҳу эзоҳе намеёфт ва ӯ бесухан, бе андешае шарҳи онро дар эҳсоси аҷиби худ меёфту ангуштаринро ба худ қарин ва азиз меҳисобид. Саропояш ларзон вай ангуштаринро аз ангушташ гирифт. Сипас, монанди об дар кафаш ниҳода онро нигарист, бо рӯҳи бедори худ, бо дилу дидори худ, бо сурýру таассуби ҷавонӣ онро нигарист ва сипас даруни синабанди худ пинҳон кард. Ассол рӯяшро бо кафи дастонаш руст кард, вале аз байни ангуштонаш табассумаш ҷӯшида мерехт. Вай сархам, нармак-нармак қадам ниҳода, ба сӯи хона баргашт.

Ана, ба ҳамин минвол, чунон ки одамони хонда ва навишта метавонистагӣ мегӯянд, тасодуфан Грей ва Ассол субҳи тобистони пур аз ногузириҳо якдигарро ёфтанд.

## V
## ТАЙЁРИИ ҲАРБ

Грей чун ба саҳни киштии “Асрор” баромад, якчанд дақиқа сарашро аз қафо ба пешонӣ молида, беҳаракат истод, ки ин ҳол аломати бениҳоят ошуфтагию парешонии ӯ буд. Парешонавзоӣ – абросо ҷунбиши эҳсос, – дар чеҳраи вай ҳамчун табассуми беҳисси дардманди моҳпарвин аксандоз буд. Ёрикори ӯ Пантон ин лаҳза дар даст табақи моҳибирён пеш омаду Грейро дида, авзои асроромези нохудоро пай бурд.

– Мабодо лат нахӯрдед? – оҳиста ҳолҷӯӣ кард вай. – Куҷо будед? Чӣ будаст? Албатта, ин тарафаш кори шумо. Даллол киропулии нағз пешниҳод кард, мукофоташ катӣ... И-и, ба шумо чӣ шуд?..

– Ташаккур мекунам, – гуфт Грей мисли одами инону ихтиёр аз даст дода. – Ба ман маҳз, ҳамин овози оддию оқилонаи шумо даркор буд. Ин ба монанди оби сард... Пантен ҳамаро хабар кунед, ки мо имрӯз лангар мебардорему ба резишгаҳи Лилиана мегузарем, ки аз ин ҷо даҳ мил барин меояд. Рӯдхона ҷойҳои тунукоб дорад. Ба рӯд фақат аз ҷониби баҳр ворид шудан мумкин аст. Омада, харитаро баред. Раҳбалад нагиред. Алҳол – ҳамин... Ҳа, киропулии нағз ба ман барфи порина барин. Метавонед ҷавоби даллолро бидиҳед. Ман ба шаҳр меравам, бегоҳӣ меоям.

– Чӣ ҳодиса рӯй дод?

– Асосан, ҳеҷ воқеае рӯй надодааст, Пантен. Хоҳишмандам, одати аз ҳар навъ пурсу ковиш гурезон будани маро инобат кунед. Фурсат фаро расад, ман худ ба шумо хабар медиҳам, ки гап чисту кор чист. Ба маллоҳон гӯед, ки киштиро бояд таъмир кунем, аммо таъмиргоҳ ин ҷо банд аст.

– Хуб шудаст, – гуфт Пантен беҳоҷат аз ақиби Грей. – Иҷро мешавад.

Агарчи фармоишоти киштибон возеҳу равшан буд, ёрикор чашмонашро калон кушода тааҷҷуб кард, сипас зери лаб ғут-ғуткунон, дар даст табақ беқарор ба ҷониби ҳуҷраи худ тохт: “Пантен, сари туро гаранг карданд-ку! Ягон хел моли хуфьяфурӯшонро гирифтанӣ бошад? Боз байрақи сиёҳи раҳзанӣ наовезад?” Пантен миёни гумону тахминҳои ақлнорас сарҳисобашро гум кард. То вақте ки ӯ ба ин минвол асабиёна моҳиро нобуд мекард, Грей ба ҳуҷраи худ фуромада, пул гирифт ва халиҷро гузашту дар гузари тоҷирони Лисса пайдо шуд.

Ҳоло ӯ орому қатъӣ, тамоми риштаю сӯзани ин роҳи аҷиброро комилан доништа амал мекард. Ҳар як ҳаракат, фикр, ҳар як амал вуҷуди ӯро ҳамчун ягон ҳунари нафис лаззат мебахшиду гарм мекард. Нақшаи кори ӯ филфавр, дар як лаҳза ва хеле комил ташкил ёфт. Тасаввури ӯ аз зиндагӣ ба охирин исканакашии усто монанд буд, ки баъд аз он санги мармар бо ҷилои пурназокати худ осуда ва ором мешавад.

Грей дар паи интихоби саҳеҳ се дӯконро дид. Вай фикран аллакай рангу ҷилваи даркориро равшан медид. Дар ду дӯкони аввал ба вай шоҳиҳои рангашон бозоргири барои валвалахоҳони содазавқ мувофиқро пешниҳод карданд. Дар дӯкони сеюм вай матои ҷилвааш мураккабро дарьёфт. Соҳиби дӯкони рахти матоъи муддатҳо бехаридор мондаашро паси ҳам кушода, хушнуд хидматгузорӣ дошт, аммо Грей ба монанди қолибшинос ва ташреҳкор ҷиддӣ буд. Вай бо тааммул той-той матоъро пасу пеш мениҳод, он қадар бисьёр шоҳии сурхро дар рӯшноӣ менигарист, ки пештахта аз онҳо гӯё дармегирифт. Дар нӯги мӯзаи Грей мавҷи қирмизӣ афтода буд, дар дасташ ва чеҳрааш нури гулобӣ аксандозӣ мекард; Шоҳиҳоро тагурӯ мекард, мекофт, дар муқовамати сабуки шоҳӣ ранги онро фарқ мекард; сурх, гулобии равшан, гулобии баста; рангҳои бастаи сурхи баланд, норанҷӣ, рангҳои сурхтоби тирафом; дар ин тобиши гуногуни рангҳо, ҷилваҳои гуногун иқтидор ва гунргунвазъ, аз ҳайси ҳамрангию қаробати сохтаи худ монанди суханони "ҳайратангез", "афсункор", "сеҳрофарин", "ҷодунигор"; дар печу хаму чинҳои ин матоъҳо ишораҳое пинҳон буданд, ки ба чашму забони одамӣ дастнорас менамуданд. Вале шоҳии гулгуни ҳақиқӣ дарҳол ба чашми нохудои мо барнахӯрд; ҳар он чӣ дӯкондор меовард, хубу аъло буд, аммо қаноатмандии қатъию возеҳ ба вуҷуд намеовард. Оқибат, яке аз рангҳо диққати назари ҳайратзадаи ӯро ба худ кашид. Вай назди тиреза дар

курсии роҳат нишасту аз бастаи шоҳии шӯрангез як нӯгашро кашола кард, онро рӯи зону афканд ва чубуқаш дар даҳон паҳлу кашиду беҳаракат ба тамошо машғул шуд.

Ин ранги комилан софу беғаш монанди шаршараи гулгуни субҳидамӣ моломоли сурури наҷиб ва ранги шоҳона, маҳз, ҳамон ранги олиҷанобе буд, ки Грей меҷуст. Дар он тобишҳои махлути оташу гулбарги лолахасак омезиши бунафш ва ё нофармон набуд: на кабудӣ дошт ва на соя – чизе, ки шубҳа оварад, ҳаргиз дар он набуд. Он ба мисли табассум, бо назокати акси рӯҳониаш гулгунӣ мекард. Грей чунон ба хаёл рафт, ки дӯкондорро, ки дар қафояш бо изтироб мисли саги сайёде, ки сайдашро мепояд, нигарон буд, фаромӯш кард. Оқибат, дӯкондор монда шуд ва пораи матоъро ҷаррӣ дарронду бо ҳамин ҳузури худро ба ӯ ёдрас кард.

– Дигар нишон додан лозим не, – гуфт Грей бархоста, – ин шоҳиро ман мегирам.

– Ҳамаи ин тойро? – бо эҳтиром шубҳаи худро изҳор кард тоҷир. Аммо Грей хомӯш ба ҷабини вай менигарист, ки аз ин вазъ дӯкондорро забон кушода гашту пурсид: – Сипас, аз ин чанд метр?

Грей бо ишорат фаҳмонд, ки сабр кунад ва қалам гирифту дар рӯи коғаз шоҳии даркориро ҳисоб кард.

– Ду ҳазор метр. – Вай нобоварона рафҳоро нигарист. – Бале, аз ду ҳазор метр зиёд не.

– Ду? – гуфт дӯкондор дар изтироб мисли сими

печхӯрда дар ҷои худ ҷаҳида. – Ҳазор? Метр? Хоҳишмандам, нохудо, бишинед. Намунаи матоъҳои навро намебинед? Ихтиёр доред. Марҳамат ана, гӯгирд, ана, тамокуи аъло. Ду ҳазор... ду ҳазор метр, ҳар метраш... – Вай баҳои молашро гуфт, агарчи он баҳо аслан дар нисбати баҳои ҳақиқии матоъ чун замину осмон буд. Аммо Грей қаноатманд, мамнун ва ҳаргиз нияти савдо кардану арзон гирифтан надошт. – Шоҳии беҳтарини ҳайратангез, – мегуфт дӯкондор, – ин моли беназир аст, ҳамто надорад, ин хел шоҳиро фақат аз дӯкони мо меёбед.

Оқибат, вақте ки вай комилан ба дарьёи шодмони ғӯтавар гашт, Грей бо ӯ аз ваҷҳи ба киштӣ бурдани матоъ байъ карду харҷи ба ин амал марбутро низ ба гардан гирифт ва баҳои ҳамаро доду бирафт. Тоҷир ӯро бо эҳтироми хоси шоҳони Чин гусел кард. Дар ин миён дар муқобили дӯкон, дар ҷиҳати дигари кӯча мутриби оворагарде виолончели худро чунон менавохт, ки он басо дилнишину андӯҳгустар нола мекард; рафиқи найнавозаш навои тори ӯро бо нафаси афсункораш сеҳри дигар мепошид. Таронаи оддие, онон ҳавлии дар гармо хоболудро бо он пур карда буданд, ба гӯши Грей расид ва ӯ филфавр андешид, ки чӣ бояд кард. Умуман, ҳамаи ин рӯзҳо сири он ҳар як ишора ва талқини воқеиятро ӯ зуд идрок мекард. Гӯш ба овозҳое, ки фойтунҳои даргузар андаке хомӯш мекарданд, вай ба доираи маркази фикру таъсироти муҳимие ворид гашта буд. Ин андешаҳоро мувофиқи хислати ӯ оҳанги мусиқӣ

ба вуҷуд оварда буд. Тангкӯчаро гузашту Грей аз дарвозаи он иморате, ки машшоқон ҳунарнамоӣ мекарданд, ворид гашт. Ин дам мутрибон тараддуди рафтан доштанд. Найнавози қоматбаланд иззати нафсро гӯё аз ёд бароварда бошад, ба сӯи дарчаю тирезаҳое, ки аз онҳо танга мепартофтанд, ба нишони миннатдорӣ кулоҳашро алвонҷ медод. Виолончел аллакай дар таҳи каши соҳибаш ва ӯ арақи ҷабинашро пок карда, найнавозро нигарон буд.

– И-и, Циммер, ин туӣ? – гуфт Грей скрипканавозро, ки шабҳо бо ҳунари дилнишин маллоҳону меҳмонони майхонаи “Пул дар Хум”-ро хушнуд мекард, шинохта. – Чаро ту скрипкаро партофтӣ?

– Нохудои мӯҳтарам, – бо худнамоӣ эътироз кард Циммер, – ҳар чизе, ки дирингӣ кунаду тараққос занад, ман онро навохта метавонам. Дар ҷавонӣ ман дар боби мусиқӣ масхарабозӣ мекардам. Ҳоло маро ҳунар ва санъат ба худ мекашад, аммо бо афсӯсу надомат мебинам, ки истеъдоди баланди худро нобуд кардаам. Бинобар он, аҷаб не, аз гушначашмии пирона якбора ҳар дуро – ҳам виолу ҳам скрипкаро меписандам. Рӯзҳо виолончел менавозаму ба шаб скрипкаро навохта, гӯё дар сӯгвории ҳунари худ мегирьям, нолаю фиғон мекунам. Шароб зиёфат намекунед-а? Виолончел – ин Кармени ман, аммо скрипка...

– Ассол, – гуфт Грей.

Циммер ба дурустӣ возеҳ нашунид.

– Бале, сар ҷунбонд вай, – соло[11] бо тақсимча ё карнайчаи мисин чизи дигар аст. Умуман, ман коре надорам. Бигзор, баъзеҳо мазоҳ кунанд, ман аминам, ҳамеша аз навои виолончел ва скрипка фариштаҳо фароғат мекунанд.

– Дар ҳавои ҳушт-ҳушти ман ҳам ягон сире ҳаст ё не? – пурсид найнавози қоматбаланд, ин лаҳза наздик омада. Вай чашмони кабуди мешӣ дошта, малламӯй буд. – Ку, бигӯ?

– Ин ба он вобаста аст, ки ту аз субҳ ин ҷониб чӣ миқдор шароб хӯрдӣ – гоҳе аз навоят мурғакон мебароянду гоҳе бӯи шароб. Киштибон, ин одам ҳамкори ман – Дусс. Ман ба ӯ гуфта будам, ки шумо чи гуна баъди шароб зар мепошед, бинобар он, вай ғоибона ба шумо ихлосманд аст.

– Бале, – гуфт Дусс, – ман мухлиси одамони олиҳиммат ва саховатмандам. Аммо ман сайёрам, ба хушомаду таърифи разилонаи ман бовар накунед.

– Ҳамин тавр гӯй, – гуфт хандида Грей. – Ман фурсат надорам, корам бисьёр аст. Барои шумо кори пурдаромад пешниҳод мекунам. Дастаи мутрибонро ғун кунед. Аммо аз он олуфтаҳои афташон идонаю намоишкоронаи мурдаранг не, онҳо дар мусиқӣ, бо қоидадонии худ ва ё аз он ҳам зишттар бо серталабии бориктабъи худ рӯҳу ҷони оҳангро фаромӯш кардаанд, бо ғавғои бофтаи худ мусиқиро ба

[11] *Соло* – навои фарднавоз ё таронаи яккахон, инчунин ба маънии танҳо ва фард

тадриҷ берӯҳ кардаанд. Одамони худро ғун кунед, ҳамонҳоеро, ки дилҳои одамони оддӣ – хидматгорон ва ошпазҳоро ба гирьяву фиғон овардан метавонанд. Оворагардҳои худро ҷамъ кунед. Баҳр ва муҳаббат бо фазлфурӯшони расмиятпараст созгорӣ надоранд. Ман аз дилу ҷон бо шумо нишаста як не, якчанд шиша шароб мехӯрдам, аммо бояд биравам. Корам бисьёр аст. Инро бигиреду барои ҳарфи “А” шароб хӯред. Агар пешниҳоди ман писанд ояд, тарафи бегоҳ ба “Асрор” биёед, он дар қариби сарбанд аст.

– Розием! – фарьёд кард Циммер, зеро медонист, ки Грей монанди шоҳон музд медиҳад. – Дусс таъзим ба ҷо овару “хуб” гӯй ва аз шодмонӣ кулоҳатро алвонҷ деҳ! Грейи киштибон хонадор мешавад!

– Бале, – гуфт Грей ба тарзи оддӣ. – Тафсилоти корро сонӣ, дар “Асрор” ба шумо мегӯям. Шумо...

– Барои ҳарфи “А” – Дусс Циммерро бо оринҷаш нихта карду ба Грей чашмак зад. – Аммо дар алифбо ҳарфи бисьёре! Илтимос, барои ҳарфи охирин ҳам ягон чиз...

Грей боз пул дод. Машшоқон рафтанд. Сипас ба корхонаи супоришот рафту ба тарзи махфӣ ба маблағи бузурге супориши таъҷилӣ кард, то корашро дар шаш рӯз ба субут расонанд. Вақте ки Грей ба киштии худ расид, вакили корхона аллакай дар он ҷо буд. Бегоҳӣ шоҳиро оварданд; панҷ тан бодбондӯзоне, ки Грей киро карда буд, дар ҳуҷраи мал-

лоҳон манзил гирифтанд. Ҳанӯз Летика ва машшоқон наомада буданд. Чашм ба роҳи онон Грей ба назди Пантен рафт, то гуфтугӯ кунад.

Мебояд гуфт, ки Грей дар тӯли чандин солҳо ҳайати маллоҳонро дигар намекард ва мудом бо онҳо шиновар буд. Сараввал киштибон маллоҳонро бо амри сафарҳои ғайричашмдошт ҳайрон мекард, баъзан дар ҷойҳои бекасу бетиҷорат дуру дароз таваққуф дошт, аммо тадриҷан онҳо ба ин одати Грей хӯ гирифтанд, ҳатто ба ин гуна “Греизм” моил гаштанд. Ӯ аксаран хушку холӣ, фақат бо он бори ҳатмие, ки барои дар об ба қадри зарурӣ ғӯтидани киштӣ даркор аст, шиновар буду бори судбахшро маҳз барои он ки ба ӯ хуш намеомад, намегирифт. Барои кашондани собун, мех, ҷузъиёти мошин ва ғайра, ки дар бордон дидани онҳо дилгир мекард ва зарурати берӯҳу бешавқе буд, ӯро ҳеҷ кас ташвиқ кардан наметавонист. Вале ӯ меваҷот, чинӣ, ҳайвонот, чою тамоку, қаҳваю шоҳӣ ва чӯби нодиру гаронбаҳо – чӯби сиёҳ, сандал, нахдро ба майли тамом мегирифт. Ин гуна борҳо ба хаёлоти ашрофонаи ӯ мувофиқат мекарданд ва муҳити бонафосате меоростанд. Ҳеҷ аҷаб набуд, ки маллоҳони киштии “Асрор” бар асари ин чунин тарбият ва рӯҳи махсусиятпазир ба ҳамаи дигар киштиҳое, ки оғуштаи дуди ғализи фоидабардорӣ буданд, нописандона менигаристанд. Бо вуҷуди ин ҳама, Грей ин бор дар симои ҳар як маллоҳ савол медид. Кундзеҳнтарин маллоҳ низ нек медонист, ки дар поёноби рӯди бешазор ба таъмири киштӣ ҳаргиз

зарурате нест.

Бешак Пантен фармоиши Грейро ба онон хабар дода буд. Грей вақте ба ҳузури вай даромад, ёрикори ӯ сигори шашумини худро кашида аз дуди тамоку саргаранг, ба курсиҳо пешпо хӯрда, дар ҳуҷра пасу пеш мегашт. Шомгоҳон буд. Аз равзани кушода нури сурхчатоби шафақ метофт, ки дар он лангари локии кулоҳи нохудо ҷилвагар гашт.

– Ҳамааш тайёр аст, – гуфт турунҷида Пантен. – Агар бихоҳед, лангарро бардоштан мумкин.

– Пантен, шумо мебоист, ки хислати маро нек бидонед. – ба нармӣ гуфт Грей. – Ҳар он коре, ки ман мекунам, хуфия не. Ҳамин ки ба қаъри Лилиана лангар меандозем, ман ҳама гапу корро ба шумо мегӯям ва шумо дигар барои сигори пастсифат ин қадар гӯгирди бисьёрро сарф намекунед. Биравед, лангарро бардоред.

Пантен хиҷолатманд тамасхуре карду абрӯяшро хорид.

– Ҳа, албатта, ҳамин тавр аст, – гуфт вай. – Умуман, ман муқобил нестам.

Чун вай берун шуд. Грей муддате ба дари нимкушода нигариста истод ва сипас ба ҳуҷраи худ гузашт. Ӯ дар ин ҷо гоҳ менишасту гоҳ дароз мекашид. Гоҳи дигар ба тараққоси ғарғараи лангарбардор, ки занҷири вазнинро кашола мекард, гӯш медоду майли берун баромадан мекард, аммо боз дар андеша ба сари миз бармегашт ва дар рӯи клёнка бо ангушт тез-тез хатҳои рост мекашид. Ӯро аз ин вазъи васво-

сиасар бо мушт дарро кӯфтани касе ба худ бозовард. Вай калидро тофту Летикаро ба дарун даровард. Маллоҳ ба мисли қосиде, ки сари вақт хабари манъи қатлро оварад бошад, вазнин-вазнин нафас гирифта, таваққуф кард.

"Летика, ку бипар", гуфтам ба худ, – гуфт вай тез-тез. – Чигуна бачаҳо дар гирди ғарғараи лангардор ба кафи дастонашон туф карда мерақсанд, аз дарғот дидам. Чашми ман аз чашми уқоб намемонад. Сонӣ паридам. Завракронро чунон дар шитоб андохтам, ки бечора арақ кард. Шумо маро дар соҳил монда рафтанӣ будед?

– Летика, – гуфт Грей ба чашмони сурхи маллоҳ нигариста, – ман омадани туро пагоҳ интизор будам. Ту ба сарат оби сард рехтӣ?

– Рехтам. Аммо на ба он миқдоре, ки ба дарун рехта будам. Ба ҳар ҳол, рехтам. Ҳама кор буд шуд.

– Гап зан.

– Ҳоҷати гуфтан не, нохудо: ана, дар ин ҷо ҳамаашро навиштам. Бигиреду бихонед. Ман хеле саъй кардам. Ҳоло меравам.

– Ба куҷо?

– Аз таънаи нигоҳатон мебинам, ки ҳанӯз бар сарам кам об рехтаам.

Вай баргашту бо қадамҳои аҷиби хоси нобиноён аз ҳуҷра баромад. Грей коғазро кушод. Ҳангоми кашидани ин нақшаҳо, ки ба тавораи фарсудаю хамида монандӣ дошт, бешак қалам ҳам дар ҳайрат афтоданаш як амри воқеӣ буд. Летика навишта буд:

“Мувофиқи дастур. Пас аз соати панҷ дар кӯча гаштам. Иморати бомаш хокистарӣ аз ду паҳлу дутогӣ тиреза дорад. Дар бараш полиз, шахси мазкур ду маротиба берун омад: як бор барои обгирӣ, бори дигар – аз паи тароша барои оташдон. Баъди фуромадани торикӣ ба тирезааш чандон нигоҳ кардам, азбаски парда дошт, ҳеҷ чизро надидам”.

Сипас чанд маълумоти махсуси хонаводаи духтарро оварда буд, ки ғолибан, онро Летика дар майхона шунидааст, зеро хабарнома ғайричашмдошт бо ин суханон поён меёфт: “Андаке пули худам ҳам харҷ шуд”.

Мазмуни асосии ин навиштаҳои ӯро мо аз боби якум медонем. Грей коғазро дар ғаладони миз ниҳоду навбатдорро даъват кард ва аз паи Пантен кас фиристод, аммо ба ҷои ёрикораш остинҳои барзадаашро афшонда-афшонда ноустувор Атвуд омад.

– Мо дар сарбанд лангар партофта, киштиро бастем, – гуфт вай. – Пантен маро фиристод, то бипурсам, ки чӣ мехоҳед. Ба вай гурӯҳе бо карнаю нағораю скрипкаҳо дар даст ҳамла доранд. Шумо онҳоро ба “Асрор” даъват кардед? Пантен хоҳиш кард, то бираведу амр кунед. Бечора саргаранг аст.

– Бале, Атвуд, – гуфт Грей, – ман машшоқонро даъват карда будам. Бираведу бигӯед, ки алҳол ба ҳуҷра дароянд. Дар куҷо ҷо додани онҳоро сонӣ таъин мекунем. Атвуд, ба онҳо ва ба ҳайати киштӣ бигӯед, ки ман пас аз чорьяк соат ба саҳни киштӣ мебароям. Бигӯед, ҳама ғун шаванд. Шумо ва Пантен ҳам.

Атвуд абрӯи чапашро мисли куланги туфанг бардошт, дар таҳи дар якпаҳлу истоду сипас берун шуд. Ин даҳ дақиқаро Грей бо дастонаш рӯяшро пӯшида гузаронд. Вай ҳеҷ омодагарие накард, ҳеҷ ҳисобу китобе надошт, вале фикран хомӯш нишастан мехост. Ин лаҳза ӯро ҳама бо беқарорӣ ва тахмину гумонҳои гуногун интизор буданд. Вай баромаду дар чеҳраҳо интизории воқеаҳои ғайриоддиро дид, вале азбаски ин ҳамаро ӯ комилан табиӣ мешумурд, изтироби рӯҳии дигарон андаке малулаш кард.

– Ҳеҷ воқеаи фавқулода не, – гуфт Грей ба нардбон нишаста. – Мо то бандубасти киштиро комилан дигар кардан дар резишгоҳи рӯд хоҳем буд. Ҳама мебинед, ки шоҳии сурх оварданд. Аз он устоҳо таҳти раҳбарии Блент барои "Асрор” бодбонҳои нав медӯзанд. Сипас, мо ҳаракат мекунем, аммо ба куҷо рафтанамонро алҳол намегӯям. Ба ҳар ҳол, аз ин ҷо дур не. Ман ба назди завҷаам меравам. Вай ҳанӯз зани ман не, аммо зани ман хоҳад шуд. Ба ман бодбонҳои сурх лозиманд, то мувофиқи паймонамон аз дур вай моро бубинад. Ана, тамом. Чунон ки мебинед, ҳеҷ сири махфӣ нест. Хуб, аз ин хусус бас аст.

– И-и, – гуфт Атвуд чеҳраҳои пуртабассуми маллоҳонро дида. Равшан буд, ки онон аз ин хабар дар аҷабанд, аммо ҷуръати сухан кардан надоранд. – Ана, гапу кор чӣ будаст... Хайр, мо чӣ ҳам мегуфтем. Ҳар чӣ хоҳед, ҳамон тавр мешавад. Ман шуморо муборакбод мекунам.

– Ташаккур мекунам! – Грей дасти ноустуворро

сахт фишурд ва ӯ низ тамоми зӯри дасташро ба кор бурда, бо инчунин дастфишорӣ ҷавоб гардонду нохудо тан дод. Баъд ҳама як-як омада, бо нигоҳи гарми шармомез суханони шодбошӣ гуфта, ӯро табрик карданд. Ҳеҷ кас овоз баланд накард, беғавғо, ҳама дар суханони канда-кандаи нохудо воқеаи оддиро эҳсос мекарданд. Пантен оҳи сабук кашиду хурсанд шуд, зеро санги гаронеро гӯё аз дӯши худ афканда буд. Фақат дуредгари киштӣ аз чӣ бошад, ки норозӣ буд. Вай дасти Грейро бепарво фишурду бо димоғи гирифта пурсид:

– Чӣ тавр ин ба сари шумо омад, нохудо?

– Монандаи зарбаи табари ту яку якбора, – гуфт Грей. – Циммер! Ку, бачаҳои худро нишон деҳ.

Скрипканавоз ягон-ягон ба пушти машшоқон зада, ҳафт нафари бениҳоят ҷандапӯшро пеш баровард.

– Ана, – гуфт Циммер, – ин – тромбон, агар карнаяшро навозад, гумон мекунад аз тӯп тир мепарронад. Ин ду ҷавони навхат – шайпурнавозанд, чунон менавозанд, ки каси шунидагӣ ба ҷанг даромадан мехоҳад. Инаш – сурнайчӣ, шайпурнавоз ва скрипкаи дуюм. Ҳамаи инҳо ҳунарварони бузурге, ки ба ман моҳирона ҷӯр гаштан метавонанд. Ана, ин саркардаи ҳунари хушнуди мо – Фрици нақоранавоз. Одатан, нақоранавозон рӯҳафтода менамоянд, аммо ин бо шавқу ифтихори беҳудуд нақора мезанад. Оҳанги зарбаҳои вай ба монанди чӯбҳояш кушод ва росту мавзунанд. Супоришро табъи дилатон

ба ҷо овардаам ё не, киштибон Грей?

– Шоистаи таҳсин, – гуфт Грей. – Ба ҳамаи шумо дар таххона ҷой тахсис шудааст. Ин бор таххонаро аз оҳангу навоҳои гуногун пур мекунем. Аз паи кори худ шавед. Пантен, маҳорро кушоеду ба роҳ дароед. Пас аз ду соат ман шуморо иваз мекунам.

Ӯ надонист, ки ин ду соат вақт чи гуна гузашт. Саропо вуҷуди ӯ бо оҳангу наво моломол буд ва ин ҳаво аз шуури ӯ берун намерафт, чунон ки набз бе тапидан вуҷуд надорад. Фикру андешаи вай фақат ба яке банд буд, фақат якеро мехост, ҷаҳдаш барои яке буд. Вай инсони кору амал буд, қаблан воқеаҳоро пешбинӣ мекард, фақат аз он таассуф мекард, ки одамӣ ҳодисотро чун мӯҳра ба осонӣ пасу пеш рондан наметавонад. Симои ороми ӯ изтироби дилашро фош намекард, агарчи он ҳаяҷон дар сари вай монанди ноқуси азиме садо медоду дар узв-узви вай бо фиғони гӯшхароше медавид. Ин ҳол оқибат ӯро маҷбур сохт, ки фикран ба шумурдан шурӯъ кунад: “Як... ду... сӣ...” ва ба ҳамин минвол то ҳазор. Ин кор ба ӯ таъсири судбахше дошт: оқибат, ӯ метавонист ба ҳама кор аз канор назар кунад. Азбаски бо Ассол боре ҳамгап набуд, ботини духтарро дар тасаввур оварда натавонистанаш ҳоло ӯро ҳайрон мекард. Дар китобе хонда буд, ки агар инсон дар тасаввур худро ба ҷои касе дигаре монаду ифодаи чеҳраи ӯро тақлид кунад, андаке бошад ҳам, ботини ӯро мешиносад. Филфавр чашмони Грей ба худ тобиши ғайримуқаррарӣ гирифтанд, лабонаш дар зери

мӯйлаб ба табассуми наҳифу шармин моил гаштанду вай ба худ омад ва қоҳ-қоҳ зада берун рафт то Пантенро иваз кунад.

Торикшаб буд. Пантен гиребони курткаашро бардошта гирди қутбнамо мегашту ба суккондор хитоб дошт: “Чорьяк бахш ба чап! Ба чап! Биист! Боз чорьяк”. “Асрор” бо ними бодбонҳояш бар асари боди мувофиқ мерафт.

– Агар бидонед, – гуфт Пантен ба Грей, – ман ба шумо қоилам.

– Чаро?

– Худатон медонед. Ман ҳамаашро фаҳмидам. Ана, дар ҳамин ҷо, ҳангоми навбатдорӣ фаҳмидам. – Айёрона чашмак зада табассум кардани ӯро оташи чубуқаш равшан кард.

– Хӯш, бигӯед, ки шумо чиро фаҳмидед? – ногаҳонӣ таҳи гапро пай бурда гуфт Грей.

– Усули хуби гузаронидани моли хуфия, – пичиррос зад Пантен. – Ҳар кас ҳақ дорад бодбони дилхоҳашро созад. Ақли даҳоёна доред, Грей!

– Пантени бечора! – гуфт нохудо, ки на ғазаб карданашро медонисту на хандиданашро. – Тахмини шумо ҳазлу шӯхӣ аст, ҳеҷ асосе надорад. Бираведу хоб кунед. Ба шумо қавл медиҳам, ки хато мекунед. Ман ҳар кореро, ки гуфтам, иҷро мекунам.

Вай ӯро хобиданӣ фиристоду самти ҳаракати киштиро ба муқоиса санҷид ва сипас бинишаст. Ҳоло мо ӯро ба ҳолаш вомегузорем, зеро зарур аст, ки ӯ танҳо бошад.

## VI
## АССОЛ ТАНҲО МЕМОНАД

Лонгрен шабро дар баҳр гузаронд. Вай на хобид, на моҳигирӣ кард, бе ҳеҷ самти муайян бодбон кушода мерафту шалаппоси обро гӯш мекард, ба дили торикӣ менигарист, танашро ба бод медошту фикр мекард. Ҳангоми мушкили ҳаёт ҳеҷ коре монанди ин парешонгардӣ нерӯи рӯҳонии ӯро барқарор намекард. Ҳама оҳангҳои хафиф ва парешони ҷаҳони ботини ӯ то равшану саҳеҳ садо диҳанд, хомӯшӣ, фақат хомӯшию танҳоӣ даркор буд. Имшаб вай аз хусуси фардо, нодорӣ ва аз бобати Ассол меандешид. Ассолро ба муддати кӯтоҳ танҳо мондан ҳам барои вай бениҳоят мушкил буд. Ба ғайр аз ин, вай аз он метарсид, ки бо ин дарди хуфтаи худро бедор мекунад. Аҷаб нест, дар киштӣ ба кор шурӯъ мекунаду дигарбора дар тасаввураш меояд, ки ӯро дар Каперна ҳамсари ҳаргиз намурдааш нигарон аст ва ӯ ба сӯи кулбаи худ бо андӯҳи интизории беҳосиле меояд. Мери дигар ҳаргиз аз дари хонаи ӯ берун намеояд. Вале ӯ мехост, ки Ассол мӯҳтоҷ набошад, бинобар он, ба ҳукми сарпарастӣ қарор дод, ки кор кунад.

Лонгрен вақте баргашт, ки духтараш ҳанӯз дар хона набуд. Сайру гашти субҳгоҳони духтараш ӯро ба ташвиш намеовард. Аммо ин бор ӯ дар изтироб интизор нишаст. Беқарор аз як гӯшаи хона ба гӯшаи дигари он рафта меомад, ки дар хамгашти бино но-

гаҳон, якбора Ассолро бидид. Духтар дар шитоб, вале бесадо вориди хона гашту рӯ ба рӯи ӯ истод ва бо нигоҳи пуризтироби чашмонаш ӯро қариб тарсонд. Дар назар чунин менамуд, ки ҳоло симои дуюми ӯ – симои аслии инсон, симое, ки одатан, дар чашмҳо мунъакис мешавад, ҷилвагар аст. Вай ба рӯи Лонгрен асроромез ва ким-чи хел мубҳам менигарист ва аз ин ваҷҳ падар зуд пурсид:

– Ту бемор нашудӣ?

Духтар зуд ҷавоб надод. Оқибат, вақте ки маънии савол ба самъи рӯҳонии вай расид, Ассол монанди навдае, ки дасте расида бошад, ларзид ва хандид. Хандааш батамкин, ҳамвор ва дуру дароз буда, аз тантанаи пинҳонаш гувоҳӣ менамуд. Ӯ мехост сухане бигӯяд, аммо мисли ҳамеша дурӯғе бофтан натавонист ва гуфт:

– Не, ман бетоб нестам... Чаро ту ба ман ин тавр менигарӣ? Дуруст аст, ки ман хурсандам, зеро рӯзи нағзу пурсафое. Ту чӣ гумон кардӣ? Ман аз авзоят пай мебарам, ту ягон гап дорӣ.

– Ҳар гапу коре набошад, – гуфт Лонгрен духтарро ба сари зону нишонда, – ман аминам, ту мақсадамро мефаҳмӣ. Чӣ хел рӯз мегузаронем? Ман дигар ба сафари дури дарьё намеравам, дар киштии почта, ки байни Кассет ва Лисс равуо мекунад, ба кор медароям.

– Ҳим-м, – гуфт вай гӯё аз дур. Ассол ҷаҳд кард, то ба кору ташвиши падар шарик бошад, вале дар даҳшат афтода, иқрор намуд, ки хушнудиашро қатъ кардан наметавонад. – Хеле бад аст. Ман дилтанг

мешавам. Зудтар баргард. – Ин суханонро мегуфту ғайриихтиёр табассум дар чеҳрааш гул мекард. – Зудтар биё, додоҷон! Ман интизор менишинам.

– Ассол! – гуфта Лонгрен ду бари рӯи ӯро бо кафи дастонаш гирифта, ба сӯи худ гардонд – Бигӯ, чи воқеа рӯй дод?

Духтар ҳис кард, ки шубҳаи ӯро бояд бартараф кунад, бинобар он, хушнудиашро зӯран фурӯ нишонда, ба худ тарҳи ҷиддӣ гирифт, фақат дар чашмони вай ҳанӯз ҳам ҳаёти нав медурахшид.

– Ту аҷибӣ, – гуфт вай. – Ҳеҷ воқеае рӯй надодаст. Ман чормағз чидам.

Агар Лонгрен бо андешаҳои ташвишноки худ банд намебуд, ба ин суханони духтар чандон бовар намекард. Гуфтугӯи онҳо батафсил ва амалӣ гардид. Маллоҳ ба духтараш гуфт, ки борхалтаашро омода кунад. Ашьёи зарурии худро номбар кард ва чанд таъиноти пандомез дод.

– Ман пас аз даҳ рӯз боз меоям, ту туфанги маро бигиру дар хона бишин. Агар касе туро ранҷ додан хоҳад, бигӯ: Лонгрен зуд меояд. Аз бобати ман хавотирӣ накаш, ҳеҷ воқеа намешавад.

Сипас ӯ хӯрок хӯрд, духтарашро гарм-гарм бӯсиду борхалтаро бар китфаш андохта, роҳи шаҳрро пеш гирифт. То он даме, ки ӯ дар хамгашт аз назар пинҳон шуд, Ассол аз пасаш нигарист. Сипас бозгашт. Дар хона кори бисьёре дошт, вале ӯ ҳамаро фаромӯш кард. Вай бо шавқи тааҷҷубомез ба атроф менигарист, чунон ки ба ин хона бегона

бошад. Чунин дар назar менамуд, ки вай ба ин маkони азизи аз кӯдакӣ дар шуураш омехта ва ҳамеша дар хотир доштааш пас аз солҳо аз доираи ҳаёти дигаре менигарад.Вале аз ин лаҳза эътиборан дар он чизе номувофиқ, чизе нохуш медид ва ё дар назараш инчунин ҷилва менамуд. Вай ба сари мизе, ки дар он Лонгрен нишаста киштичаҳо месохт, бинишаст ва сукконро ба думи киштича бо ширеш устувор кардан хост. Ба ин ҳама асбобу ашьё назар карду ғайриихтиёр онҳо бузург ва ҳақиқӣ ҷилва намуданд. Ҳар он чӣ субҳгоҳон рух дода буд, дар вуҷуди ӯ бо ларзиши пуризтироб дигарбора бархост ва ҳалқаи заррине, ки ба қурси хуршед баробар буд, аз рӯи оби баҳр ғелида ба зери пои ӯ афтод.

Ӯ дар хона нишастан натавонист, берун баромаду ба Лисса рафт. Ӯро дар он ҷо ҳеҷ коре набуд. Ва ӯ медонист, ки чаро равон аст, аммо ба ягон тараф нарафта ҳам наметавонист. Дар роҳ мусофири пиёдапойе ба ӯ вохӯрду роҳ пурсид, Ассол саҳеҳу возеҳ матлабро фаҳмонд ва филфавр ӯро фаромӯш кард.

Ин роҳи басо дурро чигуна гузаштанашро ӯ нафаҳмид, чунон ки мурғе дар бағал дошту он мурғ ҳама ақлу ҳуши нозуки ӯро фурӯ бурда бошад. Шаҳр бо валвалаи худ андаке диққати ӯро гирифт, аммо он ҳам мисли пеш ӯро тобеи худ намекард, чунон ки қабл аз ин ба ваҳм афканда, саросема медошт ва ба духтараки хаппаки тарсу табдил менамуд. Духтар дар муқобили он муқовимат мекард. Ӯ хиёбони ҳалқашаклро бешитоб гузашта, сояҳои кабуди дарах-

тонро мебуриду ба рӯи раҳгузарон сабук ва бо эътимод менигарист, комилан дилпур ва хиромон қадам мениҳод. Тоифаи мардумони мушоҳадакор дар тӯли имрӯз духтараки ношиноси зоҳиран аҷоибро, ки дар байни издиҳоми гуногунранг ғарқи андеша мегашт, чандин раҳ диданд. Дар майдон вай дасташро ба ҷараёни фаввора ниҳода, ангуштонашро миёни қатраҳои фурӯрехта мегардонд. Сипас, ӯ бинишасту нафас рост кард ва бо роҳи бешазор баргашт. Роҳи бозгаштро ӯ рӯҳболо, бо табъи осудаю равшан мегузашт, чунон ки наҳрча саҳни чун оинаи алои худро ба ҷилваи якранги сояи бегоҳон иваз кардааст. Ба деҳа наздик расиду ӯ ҳамон ангишткашро дид, ки дар назараш сабати ангишташ гул-гул шукуфта буд; ӯ назди аробааш бо ду тан мардони ношиноси чиркину сиёҳизада истода буд. Ассол хурсанд шуд.

– Ассалом, Филипп, – гуфт вай, – дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Ҳеҷ кор не, ҷонам. Чархи ароба канда шуд, соз кардам, акнун тамоку кашида, бо бачаҳои худамон чақ-чақ дорам. Ту аз куҷо меоӣ?

– Ба ман нигар, Филипп, – гуфт ӯ, – ман туро бениҳоят ҳурмат мекунам, бинобар он, фақат ба ту мегӯям: ба қарибӣ ман меравам. Аз афти кор, тамоман меравам. Ту инро ба ҳеҷ кас нагӯй.

– Ту рафтан мехоҳӣ? Ба куҷо рафтанӣ ҳастӣ? – ангишкаш ҳайрон монду саволомез даҳонаш во гашт ва аз ин ҳол риши ӯ дарозтар менамуд.

– Намедонам. – Духтар сояи садаеро, ки дар он

ароба меистод, бешитоб нигарист. Алафи сабз аз нури шафақи бегоҳон гулобиранг метофт. Баъд вай ба ангишткашони сиёҳу хомӯш нигаристу лаҳзае андешид ва сипас илова кард: – Ин тарафаш ба ман номаълум. Рӯзу соати рафтанам, ба куҷо меравам – ин ҳама ҳанӯз ба ман номаълум. Дигар ҳеҷ чиз намегӯям. Бинобар он, ба ҳар ҳол, – хуш бош. Ту маро борҳо ба аробаат савор карда будӣ.

Ӯ дасти бузургу сиёҳи ангишткашро гирифту вазъи фишурдан кард. Чеҳраи коргар ба табассум моил гашт. Духтар сар биҷунбонду бирафт. Ӯ чунон зуд аз назар ғайб зад, ки Филипп ва ҳамроҳонаш фурсати сарашонро гардонда нигаристан наёфтанд.

– Мӯъҷиза, – гуфт ангишткаш, – ҳеҷ намефаҳмам. Ба вай имрӯз чи гап шуд?.. Аҷоиб...

– Аҷоиб, – ҳамфикрӣ изҳор кард дуюмӣ, – на хабар доданаш аён, на ризоият талабиданаш. Хайр, ба мо дахл надорад.

– Албатта, мо чӣ кор дорем, – гуфт марди сеюм нафасе чуқур кашида.

Сипс ҳар се тан дар ароба нишастанду чархҳо дар роҳи санглох ба тақар-тақар шурӯъ карданд ва онҳо дар паси ғубори роҳ нопадид гаштанд.

## VII
## “АСРОР”-и ГУЛГУН

Бомдоди сапедадам буд. Дар бешазори бузург бухори тунуке парешон, аз диду водиди сеҳрангез моломол буд. Сайёди ношиносе, ки ин дам гулхани

худро тарк карда буд, қад-қади наҳр мерафт. Аз миёни дарахтон холигиҳои ҷангал менамуданд, аммо сайёди суботкор ба он сӯ наздик намерафту паи тозаи хирсеро, ки ба ҷониби кӯҳсор рафта буд, менигарист.

Ногаҳон нағмае миёни дарахтон баланд садо дод, ки ба оҳанги думболагирии пуризтиробе шабоҳат дошт. Сурнай садо мекард. Мутриб ба саҳни киштӣ баромада, пораи мақомеро, ки аз такрори андӯҳгустаре иборат буд, менавохт.

Садои он монанди овозе, ки ҳузну андӯҳи худро пинҳон медорад, меларзид. Авҷ гирифт, бо хурӯш гӯё лабханде зад ва канда гашт. Аз дуродур акси садо он нағмаро ҳамвора норавшан такрор кард.

Сайёд пайро бо навдаи шикастае ишорат карду ба канори об омад. Бухор ҳанӯз бардошта нагашта буд. Тимсоли киштии бузурге, ки оҳиста ба ҷониби резишгоҳи рӯд меомад, дар паси пардаи ин бухор тира ва норавшан метофт. Бодбонҳои фурӯ афкандаи он бардошта гаштанд, печу хами онҳо рост шуд ва бо шерозаҳои шилшиладори худ сутунҳои киштиро пӯшиданд. Садои қадамзаниҳо ва овози одамон ба гӯш мерасид. Боди соҳил сабук вазида, бодбонҳоро коҳилона алвонҷ медод. Оқибат, ҳарорати офтоб кори худро кард: бод шиддат гирифт, бухор парешон гашт ва ба ходаҳои бодбон намуди гулгунӣ бахшид. Сояҳои гулобӣ ба тамоми асбобу ашколи сафед афтода, ба ҷуз бодбонҳои кушодаю батартиби киштӣ, ки бо ранги гулгуни сурурангез ҷилва мекар-

данд, дигар ҳама сафед буд.

Сайёде, ки ин ҳама зинатро аз соҳил менигарист, дурудароз чашмонашро молида, ба ин таҷаммул нигарист ва сипас эътимод ҳосил кард, ки ҳар он чӣ мебинад, ҳақиқат аст. Киштӣ дар ҳамгашт аз назар пинҳон шуд, аммо ӯ ҳанӯз ҳам меистоду менигарист. Баъд хомӯш китф дарҳам кашиду аз паи хирси худ равон гашт.

То вақте ки "Асрор" дар оби рӯд мерафт, Грей онро худаш идора мекард, зеро дар ин марҳала хатари тунукоб буд ва ӯ ба маллоҳ эътимод надошт, Пантен либоси нави моҳутӣ дар тан, дар сар кулоҳи нави ҷилодор, риштарошида, боғурур дар паҳлуи ӯ менишаст.

Вай ҳанӯз ҳам миёни ороиши гулгуни киштӣ ва мақсади Грей ҳеҷ муносибатеву алоқамандиеро пай намебурд.

– Ҳоло, – гуфт Грей, – ки бодбонҳои ман парафшонанд, боди мурод вазон аст, дар дили ман хушбахтии бузургест, чунон ки филро ҳангоми дидани кулчае рӯй медиҳад, чунон ки дар Лисс ваъда карда будам, ман ба шумо мақсаду матлаби худро мефаҳмонам. Бовар кунед, ман шуморо гӯлу гумроҳ ва ё якрави гарданшах намешуморам. Ҳаргиз. Шумо маллоҳи пухтакоред, ин баҳои баланд аст. Аммо шумо монанди аксари одамон садои кулли ҳақиқати оддию бефиребро аз паси шишаи ғафси рӯзгорон мешунавед. Ман ба коре машғулам, ки монанди тасаввури қадимаи назокати дастнорас аст, аммо мо-

нанди сайру гашти оддии беруни шаҳр амалӣ ва имконпазир аст. Он духтареро, ки бе инчунин омодагариҳо шавҳар кардан наметавонад ва набояд шавҳар кунад, ба қарибӣ мебинед.

Ҳар он чи мо медонем, ӯ ба тарзи мухтасар ба маллоҳ бозгуфт ва эзоҳи худро ба ин тариқ анҷом бахшид:

– Мебинед, дар ин ҷо қисмат, хоҳишу ирода ва махсусияти феълу атвор чи гуна ба ҳам сахт печидаанд. Ман ба хостгории духтаре омадам; ки фақат маро интизор аст ва фақат маро интизор будан метавонад. Ман ҳам бу ҷуз вай ҳаргиз дигареро намехоҳам, зеро ҳеҷ аҷаб нест, ки ба шарофати вай ман як ҳақиқати оддиро фаҳмидам. Инсон бояд бо дастнои худ мӯъҷиза биофарад. Агар барои одам пайдо кардани як пули ночизе асоси эътибор аст, ба ӯ ин пулро бахшидан кори саҳл аст, аммо агар дар дилу ҷони ӯ тухми гиёҳи оташинест, яъне, ӯ агар мӯъҷизаеро хоҳон аст, агар аз дастат ояд, ту ба ӯ он мӯъҷизаро муҳайё соз! Вай рӯҳи тоза пайдо мекунаду ту ҳам. Агар сардори маҳбас асиреро худаш озод кунад, агар сарватманди милёндор ба котиби худ боғчасаройе, мутрибаи оперетта ва сандуқи худро бубахшад, човандозе агар боре аспи худро бикашад, то аспи дигаре, ки ҳеҷ барораш намекунад, аз ӯ пеш гузарад, – он гоҳ идрок хоҳанд кард, ки ин кор чӣ хуш аст, чӣ дилфиреб мӯъҷизаест. Аммо мӯъҷизоти аз ин накамтар низ ҳастанд: табассум, шодмонӣ, гуноҳбахшӣ ва сухани заруре, ки дар айни вақт гуфта

шудааст. Ҳар касе, ки инҳоро дорост – ҳамаро дар даст дорад. Агар аз хусуси кори ман бипурсед, оғози кори мо, яъне, ману Ассол, дар хотири мо бо шаъшааи бодбонҳои гулгуне, ки дили чи будани муҳаббати ҳақиқиро озмуда сохтааст, абадан дар хотир хоҳад монд. Суханони маро фаҳмидед?

– Бале, нохудо. – Пантен гулӯ афшонд, мӯйлабҳояшро бо дастрӯмоли покизаи қаташ батартиб пок кард. – Ман ҳамаашро фаҳмидам. Шумо ба ман сахт асар кардед. Ба поён мефуроям у аз Никс узр мепурсам, дирӯз барои сатили ғарқ кардагиаш дашном дода будам. Ба вай тамоку ҳам медиҳам, тамокуяшро дар қимор бой дод.

Грей ҳанӯз аз ин қадар зуд дар амал воқеъ гаштани суханони худ ҳайрон, ба худ наомада ва аз ин хусус сухане нагуфта, Пантен бо таротуруқ аз поғунда ба поён тохт ва аз дур оҳ кашидани ӯ ба гӯш расид. Грей ба боло нигарист: дар сари ӯ бодбонҳои гулгун бесадо ба бод муқовимат мекарданд. Офтоб аз чокҳои онҳо партави сурх мепошид. “Асрор” аз соҳил дур мегашту ба ҷониби баҳр мерафт. Дар дили хурӯшони Грей нишоне аз шубҳаю нобоварӣ набуд – на садои кунду гирифтаи ташвишу изтироб, на ғавғои тараддуду тайёриҳои ночиз. Вай монанди бодбонҳои киштӣ орому пуртамкин ба сӯи мақсади наҷиби худ мерафт ва дар сараш афкоре талотум мекард, ки аз каломи гуфтугӯй пешдастӣ доштанд.

Қариби нимирӯзӣ дар уфқ дуди киштии ҳарбӣ намуд, сипас самти ҳаракаташро тағйир дод ва аз

масофаи ним мил ишорат намуд, ки “Асрор” бодбон фуроварад.

– Бародарон, – гуфт Грей ба маллоҳон, – натарсед, ба сӯи мо тир намепарронанд. Онҳо ба чашмони худ бовар надоранд, вассалом.

Ӯ амр кард то бодбонҳоро фуроваранду киштиро ба ҳоли худ гузоранд. Пантен гӯё сӯхторе сар зада бошад, бо фарьёду валвала “Асрор”-ро аз чанги бод баровард. Киштӣ аз ҳаракат бозистоду аз киштии ҳарбӣ завраќи бухорие ҷудо шуд ва ба ин ҷониб роҳ гирифт, ки дар он дастае, таҳти фармони лейтенанти дастпушакҳои сафед дар даст, менишастанд. Лейтенант ба саҳни киштӣ по ниҳоду моту маҳбут ба ҳар сӯ нигарист ва ҳамроҳи Грей ба ҳуҷраи ӯ рафт. Пас аз соате вай аз ҳуҷра берун омаду асроромез даст афшонда, чунон ки рутбаашро афзуда бошанд, бо табассум ба ҷониби киштии кабуди ҳарбӣ бирафт. Аз афти кор, ин бор Грейро хоса дар нисбати гуфтугузораш бо Пантени соддадил, муваффаќияте даст дода буд, ки киштии ҳарбӣ баъди лаҳзае ба сӯи уфќ тири табрикӣ зад. Дуди пуршиддати ин шиллики азим фазоро бо саққоҳои бузургу ҷилодор шикофта, дар рӯи об пора-пора паҳну парешон гашт. Тамоми рӯз дар киштии ҳарбӣ як навъ вазъи ҳайронию мабҳутии нимидона идома дошт. Бар асари ќиссаи муҳаббате, ки аз хусуси он дар ҳама ҷо – аз хобгоҳҳо то таҳхонаи мошинҳо мегуфтанду мегуфтанд, табъи низомӣ дарҳам шикаста буд. Посбони шӯъбаи миназанӣ аз маллоҳи даргузар

савол мекард: “Том, ту чи гуна хонадор шудӣ?” – “Аз ман гурехта, худро ба дарича задан мехост, аз доманаш сахт гирифтам”, – гуфт Том ва бо ифтихор мӯйлабҳои худро ба даст тоб дод.

“Асрор” хеле вақт дар баҳри кушоди бесоҳил гашт. Қариби нимирӯзӣ аз дуродур соҳил намудор шуд. Карнаи дурбинро гирифта Грей ба ҷониби Каперна мутаваҷҷеҳ гашт. Агар қатор-қатор бомҳо панаҳ намекарданд, ӯ дар паси тирезаи яке аз биноҳо Ассолро медид, ки нишаста китоберо мехонд. Духтар саргарми мутолиа буд. Дар рӯи варақи китобаш гамбуски сабзчатобе мегашт ва дар як вазъи ромшудагӣ, соҳибихтиёрона он таваққуф мекард, бо пойҳои пешаш рост мешуд. Агарчи ду бор онро аз сари қаҳр ба сӯи тиреза пуф карда буд, гамбуск гӯё сухане гуфтанӣ дошта бошад, озод ва дилпур бозмеомад. Ин бор онро муяссар гашт, ки то ба дастони духтар, ки варақи китобро медоштанд, бирасад. Дар ин ҷо гамбускак болои калимаи “бинигар” қарор карду дар интизори мавҷи наве буд ва дарвоқеъ аз нохушӣ тасодуфан наҷот ёфт, зеро Ассол аллакай хитоб кард: “Боз омадӣ, гамбускаки... аҳмақи...” Ва мехост, ки қатъан меҳмони нохондаро ба рӯи алаф пуф кунад, ногаҳон назараш тасодуфан аз боме ба боме гузашту дар роғи ба мисли кӯча танги баҳр киштии сафеди бодбогҳояш гулгунро бидид.

Вай ба худ ларзид, ба пушт такья кард ва шах шуд. Сонӣ парида бархост, дилаш бо шиддати азим гӯё таҳ мекашид ва ӯ аз шодмонии илҳомбахш ғай-

риихтиёр ашк рехт. Ин лаҳза “Асрор” димоғаи на чандон бузургро гузашта, бо паҳлуи чапи худ ба соҳил наздик мегашт. Оҳанги на чандон баланди мусиқӣ аз саҳни сафеди киштӣ дар оташи шоҳии гулгун печида, ба қаъри нилгуни баҳр фурӯ мерехт. Оҳанги мавҷангези мавзун бо таронаи ба ҳама маълуме, ки на чандон моҳирона мехонданд, баланд буд: “Саршор созед ҷомро, нӯшем, ёрон, баҳри ишқ...” Аз соддагии ин тарона амвоҷи баҳр ба шодмонӣ мешӯрид.

Ассол бехабар аз он, ки чигуна хонаро тарк кард, дар чанги боди ҳаводис ҷониби баҳр медавид. Дар хамгашти аввалин ӯ беҳолу бемадор таваққуф кард: пойҳояш беҳол меафтоданд, нафасаш гоҳ дар гулӯ мепечиду гоҳ билкулл қат мешуд, ҳушаш дар сари мӯе, равам-наравам буд. Аз тарси он, ки мабодо инони ихтиёр аз даст диҳад, ӯ бехудона ба замин пой кӯфту қоматашро устувор гирифт. Гоҳе боми хонае, гоҳи дигар девори ҳавлие бодбонҳои гулгунро аз чашми ӯ пинҳон мекарданд. Дар инчунин ҳангом Ассол дар ҳарос аз он, ки онҳо чун шабаҳе аз чашм нопадид хоҳанд гашт, монеаи уқубатоварро дар шитоб мегузашт ва киштиро медиду истода, нафаси чуқур мегирифт.

Дар ин миён дар Каперна мардум чунон дар изтиробу ҳаяҷон, саросар – ҳама дар ҳӯру валвала, саросема гашта буданд, ки ин таъсир баробари ошуфтарӯзии зилзилаҳои машҳуру маъруф буд. Киштии бузург ҳаргиз ба ҷониби соҳили Каперна

наомада буд. Бар замми ин, киштӣ бодбонҳое дошт, ки ба забон гирифтани он дар ин макон баробари дашному таҳқир кардан аст. Ҳоло он бодбонҳо дар рӯзи равшан чун далели ҳақиқат парафшонӣ доштанду гӯё тамоми қонунҳои рӯзгорон ва ҳукми ақли солимро инкор мекарданд. Мардон, занҳо, бачаҳо саросема, ҳар касе дар чи ҳолею сару тане буд, дар ҳамон, ҷониби соҳил шитобон буданд. Сокинони як ҳавлӣ аҳли ҳавлии дигарро ҷеғ мезаданд, ба якдигар дакка задаю ҷаҳида меафтоданд, фарьёд мебароварданд. Дар соҳили баҳр анбӯҳи мардумон фароҳам омада буданд ва Ассол бо шаст омада, ба ин ҷамъият биомехт.

Ҳанӯз да ин миён вай набуд, аммо номаш аз даҳон ба даҳон гузашт ва ин одамон бо асабонияту ваҳм, турунҷида, кинаварона, тарсида ӯро ном мебурданд. Бештар мардон сухан мегуфтанд. Занҳои ҳайратзада зӯран, морвор фишас зада маддаи дилашонро мекафонданд ва агар ҳар кадоме забонбозӣ мекард – заҳр ба мағзи сари вай мерасид. Чун Ассол пайдо шуд, ҳама хомӯш гаштанд, ҳама тарсида аз ӯ худро дур гирифтанд ва духтар дар миёни саҳрои реги тафсон тоқаю танҳо монд; саросема, дасту по гум кард, шармсору хиҷил ончунон хушбахт, ки рухсораҳояш на камтар аз ранги ин мӯъҷиза сурх, бечораю беҳол ба сӯи киштии баланд даст дароз кард.

Аз киштӣ заврақе ҷудо гашт, ки онро белзанҳои офтобхӯрда пур карда буданд. Дар миёни онҳо як нафар рост меистод ва ҳоло ба Ассол чунин намуд,

ки вай ӯро аз хурдӣ мешиносад. Ҷавон ба сӯи вай бо табассум менигарист ва ин табассуми вай ҳароратбахш буд ва ба шитоб илҳо мекард. Вале ин лаҳза ҳазорон тарсу ваҳм ва шубҳаю гумони хандаовар Ассолро мағлуб карда буданд. Вай гурезон аз тарсу ваҳми ҳалокатовар – аз хато, аз саҳву каҷфаҳмӣ, монеаи номаълуми сеҳру ҷодумасал, бо фарьёди беихтиёр давида ба об даромад ва лаппиши он то ба миёнаш расид.

– Ман дар ин ҷо, ман дар ин ҷо! Ин манам, ман!

Ин дам Циммер камончаи дасташро бо шиддат афшонду ҳамон оҳанги сурурангез баланд гашт ва ба асабҳои мардум ларза афканд, вале ин бор он пурраву комил буд ва тантанаи умумисароёнро дошт. Аз шиддати изтиробу ҳаяҷон, ҳаракати абрҳо ва лаппиши мавҷҳо, ҷилои об ва атроф духтар тақрибан ҳеҷ фарқ кардан наметавонист, ки чи дар ҷунбиш аст: худи вай, киштӣ ё заврақ – ҳама дар ҳаракат буданд, чарх мезаданд ва меафтоданд.

Аммо бели заврақ дар таҳи гӯши вай ба шиддат обро гирифту вай сарашро бардошт. Грей хам шуд ва дастони ӯ аз миёни духтар гирифтанд. Ассол чашмонашро пӯшид. Сипас зуд чашмонашро кушоду ба чеҳраи масрури ҷавон бебок нигариста, табассум кард ва нафас дар гулӯяш печида гуфт:

– Айнан ҳамин хел.

– Ту ҳам, ҷони ширин! – гуфт Грей аз об гавҳари тару гаронбаҳоро берун оварда.

– Инак, ман омадам. Маро шинохтӣ?

Ассол аз камарбанди ҷавон дошта, бо рӯҳи нав ва чашмони аз хушбахтӣ нимпӯши худ ба тасдиқ сар ҷунбонд. Бахт ба мисли мурғи афсонавӣ ба сари вай соя афканда буд. Чун Ассол чашмонашро во намудан хост, алвонҷи заврақ, ҷилваи амвоҷ, паҳлуи бузурги наздикояндаи "Асрор" – ҳама гӯё тасвире аз хобҳои муқаррарии ӯ буданд, ки нур ва об алвонҷ хӯрда, дар паҳлуи нурбори киштӣ аксандозӣ мекарданд. Ассол дар рӯи дастони тавонои Грей чи гуна аз зинаҳо боло баромаданашро надонист. Саҳни киштии фаршу деворҳояш қолинпӯш зери шаъшааи бодбонҳои гулгун ба боғоти осмонӣ монанд буд. Сипас Ассол худро дар ҳуҷраи киштӣ дид, ки он хонае буд беназир ва аз он беҳтареро тарҷеҳ кардан натавон.

Ин лазҳа боз аз боло бо ғулғулаи тантананок дилҳоро ба хурӯш оварда, оҳанги мусиқор ба сарҳо фурӯ рехт. Ассол аз хавфи он, ки агар чашм кушода нигарад, ин ҳама нопадид хоҳад гашт, чашмонашро пӯшид. Грей дасти ӯро гирифт ва духтар ҳоло нек медонист, ки дар куҷо бехавф паноҳ хоҳад ёфт, руxсораи аз ашк тарашро ба синаи ёри ба ин тариқ афсонавор пайдо гаштааш руст кард. Грей дар ханда, аммо хеле ба эҳтиёт, аз он, ки лаҳзаи ба ҳеҷ кас дастнорасу гарони бо сухан баён кардани он имконпазир фаро расид, ҳайратзада ва моту матҳут аз зери манаҳи ин чеҳраи кайҳо боз дар хаёл парвардааш боло бардошт ва оқибат чашмони духтар равшан кушода гаштанд. Дар ин чашмҳо ҳама накӯию зебони башарӣ мармуз буданд.

– Лонгрени маро ҳамроҳамон мегирӣ? – гуфт духтар.

– Бале. – Ва ӯ пас аз ин “бале”-и қатъии худ духтарро чунон сахт бӯсид, ки вай хандида фирис тод.

Ҳоло мо аз онҳо дуртар меравем, зеро медонем, ки ин ду тан бояд хилват гузинанд. Дар олам забону шеваҳои бисьёранд ва дар онҳо каломи даркорӣ фаровон аст, аммо ҳамаи онро ба кор барем ҳам, аз ҳазор як бахши он чиро, ки имрӯз онҳо ба якдигар гуфтанд, тақрибан ҳам ифода кардан мушкил аст.

Дар ин миён дар саҳни зери шоҳтири киштӣ, дар сари бӯшкаи хурди кирмзадаю даҳонкушодае, ки шароби сиёҳу пурбаракати садсолаашро во намуда буд, тамоми аҳли киштӣ ғун гашта, интизор буданд. Атвуд рост меистод. Пантен бовиқор, вале монанди кӯдаки навзод аз фараҳ гулгул шукуфта менишаст. Грей ба боло баромаду ба дастаи мутрибон ишорате кард ва кулоҳашро аз сар гирифту ба истакони тарошдор пур карда гирифт ва зери нағмаи карнайҳои заррин шароби муборaку муқаддасро нӯшид.

– Ана... – гуфт вай шаробро хӯрда ва истаконро партофт. – Ҳоло шароб хӯред, ҳама шароб хӯрданд. Ҳар касе шароб намехӯрад, душмани ман аст.

Ин суханонро ба такрор гуфтан ҳеҷ ҳоҷат намонд. Дар ин лаҳзаҳо, ки “Асрор” тамоми бодбонҳояшро кушода, босуръат аз Каперна ба даҳшат вомонда мерафт, доругиру телаю такон дар гирди бӯшкача аз тамоми инчунин ҳолатҳо, ки дар иду ҷашнҳои бузург рух мезаданд, даргузашта буд.

– Хӯш чӣ мегӯӣ, шароб хуш омад? – пурсид Грей.

– Нохудо! – гуфт маллоҳ каломи заруриро ҷуста. – Намедонам, ман ба он хуш омадам ё не; аммо ман бояд таъсироти худро биандешам. Боғ ва кандуи замбӯри асал!

– Чӣ?!

– Ман мехоҳам бигӯям, ки ба даҳони ман боғро бо кандуи замбӯри асал чапонданд. Хушбахт бошед, нохудо. Бигзор, он ки ман ӯро қиматтарин ва хубтарин бори "Асрор", беҳтарин подоши он меҳисобаи, хушбахт бошад.

Чун рӯзи дигар бомдод сапедӣ мезад, киштӣ аз Каперна хеле дур шиновар буд. Гурӯҳе аз аҳли киштӣ чунон ки дар саҳни он афтода буданд, аз зӯри шароби Грей дар ҳамон вазъ хоб буданд. Фақат сукондор ва навбатдор ва Циммери ширакайф ва андешаманд, ки дар думи киштӣ виолончелро зери манаҳ зер карда менишаст, дар сари ду по устувор буданду бас. Циммер нишаста камончаро оҳиста ба рӯи тор мекашид ва торҳоро маҷбур мекард, ки бо забони афсунгарона, бо садои осмонӣ нағма бароваранд ва худ аз хусуси хушбахтии инсонҳо меандешид...

Тарҷумаи **БАҲРОМ ФИРӮЗ**

Нашриёти "МАОРИФ", 1986

# МУНДАРИҶА

ПЕШГӮӢ.................................................................................4

ГРЕЙ.....................................................................................29

САПЕДАДАМ.........................................................................52

АРАФА .................................................................................69

ТАЙЁРИИ ҲАРБ....................................................................86

АССОЛ ТАНҲО МЕМОНАД ..............................................102

“АСРОР”-и ГУЛГУН ..........................................................107

15 тин

Нашриёти «Маориф»